**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ВБД:343(575.3)**
**ТКБ:67.52(2Т)**
**С-60**

**СОЛЕҲЗОДА ДАВЛАТБЕК**

# ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров З.Ҳ.

**ДУШАНБЕ 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ………….3**

**МУҚАДДИМА…………………………………………………..……….4-25**

**БОБИ 1. МАФҲУМ, ТАЪИНОТ ВА НАМУДҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ............................................26-94**

1.1. Мафҳум, моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ..........................................................................................26-47

1.2. Намудҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ.....................48-71

1.3. Мафҳум ва тавсифи умумии ҳолати ҳуқуқии коршинос (эксперт) дар мурофиаи ҷиноятӣ..........................................................................72-94

**БОБИ 2. ТАРТИБИ ТАЪИН ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ...........................................95-141**

2.1. Тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи тосудии мурофиаи чиноятӣ ва расмиёти он.......................................95-123

2.2. Таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи мурофиаи судӣ.........................................................................................124-141

**БОБИ 3. ХУЛОСАИ КОРШИНОС ҲАМЧУН ДАЛЕЛ................142-161**

**ХУЛОСА...........................................................................................162-166**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ.......................................................................................167-168**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)............................................169-186**

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМ...............................................................................................187-188**

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**

**ҶТ**–Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ**–Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМҶ**–Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМГ**–Кодекси мурофиавии граждани

**КМИ**–Кодекси мурофиавии иқтисодӣ

**ҶШС**–Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ

**ИҶШС**–Иттифоқи Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ

**МҶЭСК**–Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистӣ

**ВКД**–Вазорати корҳои дохилӣ

**ШВКД**–Шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ

**ФОҶ**–Фаъолияти оперативӣ–ҷустуҷӯӣ

**ИДМ**–Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ФР**–Федератсияи Россия

**қ.**–қисм

**м.**–модда

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро дахлнопазир эътироф карда, [1] (м.5 Конститутсия), дар самти таъмини кафолатнокии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар самти одилона, ҳирфавият ва самаранок намудани мурофиаи судии ҷиноятӣ чораҳои судмандро андешида истодааст.

Мусаллам аст, ки адолати судӣ аз нигоҳи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, масалан, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [14], Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ дар низоми механизми ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мақоми меҳвариро ишғол мекунад. Бинобар ин, Тоҷикистон чун «қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон ба шумор рафта, худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста» [2], ба ташаккулёбии адолати судӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Адолати судӣ дар маънои аслиаш аз ҷониби суд дар доираи ғояҳои маншури ахлоқӣ татбиқ намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба баҳсҳо ва масъалаҳои ҳуқуқӣ аз рӯйи парванда дар маҷлисҳои судӣ буда, мақсад ва мазмуни он чун яке аз шаклҳои асосии фаъолияти давлатӣ тақозои онро дорад, ки муҳокимаи муносибатҳои баҳсноки субъектҳои соҳаҳои ҳуқуқи моддӣ дар чорчӯбаи муҳокимаи судӣ, дар шакли мурофиавӣ амалӣ гардад. Ба ин маъно, мурофиаи судии ҷиноятӣ тарзу тартиботи маъруфи ҳимояи ҳақ [79] ва пайдарҳамии амалиётҳои қонунгузор муқарраркарда барои барқароркунии ҳуқуқҳои поймолшуда ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Яке аз хусусиятҳои адолати судӣ дар он мебошад, ки ҳукм, ҳалнома, таъйинотҳои суд аз номи давлат бароварда мешавад. Ва ин хосият водор менамояд, ки ҳамаи шахсоне, ки ҳукм ва таъйиноти суд ба онҳо равона карда шудааст, бечунучаро талаботи онро иҷро намоянд. Дар ҳолати ихтиёран иҷро накардани онҳо ба таври иҷборӣ иҷрои дақиқи он аз

ҷониби давлат таъмин карда мешавад. Санадҳои судӣ бояд қонунӣ ва асоснок бошад. Дар ҳолати ҷавобгӯй набудани ҳукм, ҳалнома, таъйинот ба талаботи қонун ва ё беасос будани онҳо – бекор ё тағйир дода мешаванд. Мақсади адолати судӣ нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ на танҳо додани ҷазо ва татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ мебошад, балки дар таъмин намудани таъсири тарбиявии он низ ифода меёбад. Судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро бар он равона месозанд, ки қонуният ва таъмин намудани адолати иҷтимоиро ба роҳ монанд [121].

Ҳанӯз дар Барномаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2017, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 январи соли 2015, №327 тасдиқ карда шуд, «таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, соддагардонии ҷараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилотҳо, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судии кишвар» ба сифати мақсади асосии ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ муайян карда шуда буд [121].

Оид ба адолати судӣ ҳамчунин 26 декабри соли 2018 зимни ироа гардидани Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ қайд гардида, таъкид карда шуда буд, ки «Пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва амалӣ намудани мақсаду вазифаҳои дарпешистода кафолати ҳамаҷонибаи адолати судиро талаб мекунад. Зарур аст, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия карда, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шавад ва ҷиҳати баррасии босифату саривақтии парвандаҳо ва иҷрои санадҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд» [129]. Теъдоди зиёди ин чорабиниҳо амалӣ карда шудаанд. Дар дигар маврид, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ қайд намуданд, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки бо ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва баланд бардоштани донишу малакаи касбӣ,

инчунин, бо истифода аз шаклу усулҳои муосир муборизаро бар зидди терроризм ва экстремизм, зуҳуроти ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқу муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар қонуншиканиҳо тақвият диҳанд. Рушди минбаъдаи ҷамъият тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд» [11]. Бинобар, ин барои сари вақт, пурра, ҳаматарафа ва холисона кушодани ҷиноятҳо, дар низоми амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ экспертизаи судӣ дар исботи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ё инъикори он мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Мавриди зикр аст, ки адолати судӣ бо падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ–мурофиавии марбут ба мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ ва иқтисодӣ, ба монанди исботкунӣ, тадқиқи далелҳо, экспертизаи судӣ робитаи зич дошта, дар ҳамбастагӣ бо онҳо ба амал баровара мешавад.

Аз муҳимияти экспертизаи судӣ дар раванди ба амал баровардани адолати судӣ он чиз шаҳодат медиҳад, ки Барномаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015–2017 бо мақсади гузаронидани экспертизаи мустақил, бартараф намудани таъсири идоравӣ, назорати ягонаи методӣ аз рӯи сифат ва истеҳсолоти экспертизаи судӣ, ташкили корҳои илмӣ–тадқиқотӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти муассисаҳои экспертӣ, муайян намудани кормандон аз рӯйи ихтисос, таҷрибаи корӣ ва хусусияти фаъолият, баланд бардоштани сатҳ ва сифати ташкили экспертизаи судӣ ва таҷрибаи тафтишотӣ, муҷаҳҳаз намудани онҳо бо дастгоҳҳои замонавӣ ва ҳамчунин ҷиҳати роҳ надодан ба хатогиҳо дар рафти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, амалияи судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, аз байн бурдани такроршавии вазифаҳои онҳо, ба сохтори мустақили давлатии берун аз таъсири идоравӣ табдил додани муассисаҳои экспертиро ба истисноии экспертизаи судии тиббӣ пешбинӣ карда буд [121]. Бо назардошти ин хулоса кардан мумкин аст, ки экспертизаи судӣ дар низоми механизми исботкунӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ мақоми муҳим дошта, бо истифода аз дониши

махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар, ҳолатҳои барои таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин барои ба амал баровардани адолати судӣ аҳамият доштаро мавриди тадқиқ қарор медиҳад, ки маҳз дар ҳамин ҷо муаммоҳои мубрами алоқаманд ба экспертизаи судӣ зоҳир мегарданд. Чунончи, амали мурофиавӣ, тафтишотӣ ё фаъолияти мустақил эътироф гардидани экспертизаи судӣ, муаммои гузаронидани экспертизаи судӣ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, имконпазирии ҳалли масоили ҳуқуқӣ тавассути экспертизаи судӣ, аз ҷониби тарафи ҳимоя бар ивази хулосаи коршинос истифода намудани хулосаи мутахассис ва амсоли онҳо.

Ҷолиби диққат аст, ки агар гурӯҳи муҳаққиқон, масалан, А.М. Зинин, Н.П. Майлис экспертизаи судиро ҳамчун амали мурофиавӣ эътироф намоянд [23], гурӯҳи дигар, масалан, А.Р. Тихомирова, мавқеи илмии мухолифро ишғол намуда, экспертизаи судиро ҳамчун амали тафтишотӣ муайян менамоянд [133]. Гуруҳи сеюми муҳаққиқон бошанд доираи намояндагонеро муттаҳид кардаанд, ки онҳо экспертизаи судиро на ба сифати амали мурофиавӣ ва на ба сифати амали тафтишотӣ арзёбӣ менамоянд. Онҳо ба падидаи тадқиқшаванда бештар тобиши равандеро медиҳанд, ки барои ба маҷрои дуруст равон кардани таҳқиқ ва тафтиши пешакии парванда, ҳамчунин барои дуруст ба амал баровардани адолати судӣ мустақилона мусоидат менамояд. Масалан, М.А. Боярова зери мафҳуми экспертизаи судӣ фаҳмида шудани «маҷмӯи амалҳо ва равандҳоро пешниҳод менамояд, ки барои гирифтани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда нигаронида шудаанд» [68].

Муносибати гуногуни илмӣ нисбат ба мақоми мурофиавии ҷиноятии экспертизаи судӣ ба он боис гардидааст, ки падидаи тадқиқшаванда на аз нигоҳи устувор, балки аз нигоҳи коҳишёбии мақоми мурофиавии ҷиноятӣ баррасӣ гардида, нақши он дар низоми далелҳо бояд коҳиш дода шавад. Чунончи, мувофиқи қ. 1, м. 72 КМҶ ҶТ «далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор мераванд, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо

тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд» [4].

Қисми 2 моддаи мазкур, ба сифати далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ дар баробари нишондодҳо, протоколҳо, сабтҳои пинҳонӣ ва дигар далелҳо хулоса ва нишондоди коршиносро пешбинӣ менамояд [4].

Қисми 1, м. 77 КМҶ ҶТ асоси таъин ва гузаронидани экспертизаро муқаррар менамояд, ки мувофиқи он экспертиза мумкин аст ҳангоми пешбурди тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ бо ба миён омадани зарурият ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар бо тартиби муқаррарнамудаи боби 24 Кодекси мазкур таъин ва гузаронида шавад [4].

Дар таҷрибаи кории коршиносон ақидаҳое мавҷуд аст, ки тибқи он гӯё қ. 2, м. 77 КМҶ ҶТ хилофи муқаррароти қ. 1 моддаи мазкур буда, асоснокии хулосаи коршиносро, ки дар заминаи истифода шудани дониши махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар ба даст оварда шудааст, зери шубҳа қарор дода, барои суд, судя ҳатмӣ будани онро истисно менамояд.

Ҳолати ба ин монандро ҳамчунин ҳангоми бо ташаббуси шахсони воқеӣ (тарафҳо) гузаронидани экспертиза мушоҳида намудан мумкин аст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дар м. 3 вазифаҳои экспертизаи давлатии судиро мушаххас муайян намуда, муқаррар менамояд, ки «вазифаи экспертизаи давлатии судӣ муайян кардани ҳолатҳое мебошад, ки онҳо бо қарорҳои судҳо, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, инчунин дархостҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба воситаи ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ бояд исбот карда шаванд» [9].

Таҳлили таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки экспертизаи бо ташаббуси шахсони воқеӣ гузаронидашуда ва хулосаи коршинос, ки бо ин тартиб гирифта шудааст, гӯё наметавонад ба

мазмуни қ. 2, м. 72 КМҶ ҶТ, ки хулосаи коршиносро чун далел дар мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян намудааст, мувофиқат намояд. Барои ин метавонад муқаррароти қ. 1, м. 208 КМҶ ҶТ асоси ҳуқуқӣ бошад. Тибқи талаботи моддаи мазкур, экспертиза мумкин аст танҳо аз тарафи муфаттиш ҳангоми зарур шумо1ридани гузаронидани он таъин карда шавад. Муқаррароти м. 209 КМҶ ҶТ низ моҳиятан мазмуни м. 208 КМҶ ҶТ–ро ифода менамояд.

Моддаи 208 КМҶ ҶТ агар аз як тараф аҳамияти далел будани хулосаи коршиносро, ки вобаста ба экспертизаи судии бо ташаббуси шахсони воқеӣ гузаронидашуда ба даст оварда шудааст, истисно намояд, аз тарафи дигар, доираи субъектонеро, ки бо ташаббуси онҳо дар доираи тафтиши парвандаи ҷиноятӣ экспертиза таъин ва гузаронида шуданаш мумкин аст, маҳдуд менамояд. Агарчи м. 77 КМҶ ҶТ ба доираи чунин субъектон мақомоти судиро низ шомил менамояд, лекин м. 208 КМҶ ҶТ такяи асосиро ба муфаттиш дода, судро (судяро) аз ҷумлаи субъектоне, ки ҳуқуқи таъин кардани экспертизаро доранд, хориҷ менамояд. Муаммои ба сифати кадом намуди далел эътироф намудани хулосаи коршиносе, ки бо дархости шахсони воқеӣ гирифта шудааст, то ба имруз ҳалношуда боқӣ мондааст.

Мухолифатҳое, ки байни муқаррароти қисми умумӣ ва қисми махсуси КМҶ ҶТ ҷой доранд, ҳамчунин мухолифатҳое, ки байни КМҶ ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дар қисми аҳамият ва нақши экспертизаи судӣ ва хулосаи коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷой доранд, дар ниҳояти кор ба мақом ва нақши экспертизаи судӣ, бахусус хулосаи коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ таъсири назарраси манфӣ расонида, муҳимияти онро ба сифати сарчашмаи далел коста мегардонад.

Ҳолати ба ин монанди номуайяниро ҳамчунин дар манзари мақоми ҳуқуқию мурофиавии коршинос мушоҳида кардан мумкин аст, ки аксар вақт дар доираи илмӣ мушоҳида мегардад. Муҳаққиқонро дар ин самт ба се гуруҳ ҷудо намудан мумкин аст. Агар муҳаққиқони гуруҳи якум

коршиносро ба сифати тарафе тавсиф намоянд, ки аз ҷониби айбдоркунанда баромад менамояд, муҳаққиқони гурӯҳи дуюм коршиносро ба сифати тарафе тавсиф медиҳанд, ки аз ҷониби ҳимоя баромад мекунад. Гурӯҳи сеюми муҳаққиқон бошанд нисбати коршинос, гуфтан мумкин аст, ки хислати омехтаро дода, баромад намудани онро ҳам аз ҷониби ҳимоя ва ҳам аз ҷониби айбдоркунанда қайд менамоянд.

Дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ, новобаста аз мазмуни хулосаи коршинос (хислати айбдоркунӣ ва ё сафедкунӣ дорад), додани чунин тавсиф нисбат ба мақоми мурофиавию ҳуқуқии коршинос қобили қабул набуда, дар ниҳояти кор метавонад барои мақоми ғаразнокро пайдо намудани коршинос замина гузорад. Вобаста ба талаботе, ки нисбат ба коршинос дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад, вай наметавонад шахси ғаразнок бошад. Ба оқибати кор манфиатдор будани коршинос ба барқарор намудани ҳақиқат дар мурофиаи судии ҷиноятӣ осеби ислоҳнопазир мерасонад.

Ин ва дигар ҳолатҳои номуайянии мурофиавию ҷиноятии ҷойдошта, ихтилофи назар ва меъёрҳои ҳуқуқӣ дар ниҳояти кор мубрамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсиониро муайян карданд, ки дар доираи он кӯшиши равшан намудани муаммоҳои ҷойдошта ва ҳалли онҳо, анҷом дода шудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Омӯзиш ва таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ далолат медиҳад, ки нисбат ба муаммоҳои алоқаманд ба экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ доираи муайяни муҳаққиқон, таҷрибадорон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро дар ин ё он дараҷа мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор додаанд. Мавзӯи экспертиза дар низоми амалҳои тафтишӣ аз ҷониби як қатор олимони ҳуқуқшиноси ватанӣ ва хориҷӣ тадқиқ шудааст, аз ҷумла, аз ҷониби П.С. Абдуллоев, Б.З. Ғулом [59], Ф.Г. Аминов [105], Ш.Т. Аҳёзода [106], Ю.Л. Дяблова ва А.В. Дяблов [75], Д.М. Давлатзода [107], Д.В. Зотов [24], Л.В. Зорин [109], З.Х. Искандаров [22; 78; 79],В. Исаенко [77], Т.П. Ишмаева [80], А.А. Исаева [127], А.И. Иноятзода [111], Б.Қ. Қобилов [82], Н. Қудратов [30; 31], К.М.

Мадвализода [112], А.М. Маҳмадализода [93], Н.С. Манова ва К.Х. Солиев [34], Б.С. Негматов [113], С.В. Немира [114], Р.Р. Раҳмадҷонзода, А.П. Рыжаков [41], В.Б. Стукалин [97], О.И. Сайдализода [117], А.М. Саидзода [116], Т.В. Сахнова [44], Н.А. Табаров [98], Ю.А. Франсифоров [49], Н. Хоҷаева [102], В.Н. Махов [35], Ш.Ш. Ходжаев [119], М. Шаҳидуллозода ва Н.Б. Хоҷаева [103], А.Р. Шляхов [52], А.А. Эйсман [54], З.Д. Ямоқова, Ф. Оқилов, М. Оқилова ва А. Раҳматҷонов [57], Р.Х. Якупов [56], таҳлил шудааст. Дар масъалаи муайян намудани мавқеи экспертиза дар байни дигар амалҳои тафтишӣ ва нақши он доир ба сари вақт кушодани ҷиноят Раҳматулоев А.Э. қайд менамоянд, ки хулосаҳои нозироти идоравӣ (соҳавӣ), актҳои ревизия, машваратҳои мутахассисон мумкин аст то оғози парвандаи ҷиноятӣ ё дар ҷараёни тафтишотӣ пешакӣ аз ҷониби мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ талаб карда гирифта шаванд ё аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати ҳуҷҷат пешниҳод карда шаванд, лекин онҳо зарурати гузаронидани экспертизаро истисно намекунанд. А.Л. Орипов ва И.Т. Орифҷонов бештар ба моҳияти экспертизаи судӣ ҳамчун воситаи исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мароқ зоҳир карда бошанд [63], З.Ҳ. Искандаров нисбат ба падидаи тадқиқшаванда – истифодаи экспертизаи судӣ дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, муаммоҳои алоқаманд ба он, мушкилоти татбиқ ва роҳи ислоҳи он таваҷҷуҳ зоҳир намудааст [78].

А.Қ. Назаров хусусиятҳои таъин намудани экспертизаи тиббӣ–судиро дар раванди тафтиши ҷинояти одамкушӣ бо роҳи пора кардани ҷасад мавриди тадқиқ қарор дода, ҳолатҳоеро муайян намудааст, ки ин ҳолатҳо на танҳо барои ошкор намудани ҷинояти одамкушӣ, ҳамчунин барои дуруст муайян намудани аҳамияти экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Масалан, бо назардошти ҳар як ҷузъиёти ҳолати содиршавии ҷинояти одамкушӣ, аз ҷумла ҷинси шахси ҷабрдида дуруст саволгузорӣ намудан дар назди коршинос ва ғайра [87].

Ҷавобгарии коршинос (эксперт)–ро бошад барои дидаю дониста додани хулосаи ғалат Н.И. Ахмедов ва Ҳ.М. Мирзоев мавриди таҳлил

қарор дода, онро аз нигоҳи қонунгузории ҷиноятӣ бо назардошти таркибҳои ҷинояти ҳамҷавор, арзёбӣ намудаанд [66].

Аҳамияти экспертизаи судӣ дар банду баст намудани ҷиноятҳо, бахусус ғасби бино, иншоот, воситаҳои иттилоот ва алоқа аз тарафи Н.И. Ахмедов ва П.Т. Негматов мавриди баҳодиҳии илмӣ қарор гирифтааст, ки ин дар такмили минбаъдаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назарияи илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ аз аҳамият холӣ буда наметавонад [67].

Нисбати муаммоҳо ва аҳамияти экспертизаи судӣ ҳамчунин И.Я. Оврутский ва З.Д. Ямакова таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, онро дар манзари тафтиш ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳо мавриди таҳлил қарор додаанд [38].

Мавриди зикр аст, ки муаммоҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ на танҳо аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ, ҳамчунин аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст, ки муаммоҳои дар ин самт ҷойдошта аз нигоҳи гуногун мавриди омӯзиш ва арзёбӣ қарор дода шудааст. Масалан, агар А.Н. Петрухина бештар ба ҳамон асосҳое таваҷҷуҳ зоҳир намуда бошад, ки ҳангоми ҷой доштани онҳо эҳтимол аст, ки хулосаи коршинос ҳамчун далели ғайриқобили қабул эътироф карда шавад [40], К.Н. Шакиров экспертизаи судӣ ва ҳуқуқҳои шаҳрвандонро ҳангоми гузаронидани он дар асоси таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии мухтасар бо назардошти қонунгузории Қазоқистон ва Федератсияи Россия мавриди таҳлил қарор додааст [136].

Паҳлуҳои дигари ба ин монанди экспертизаи судиро дар мурофиаи ҷиноятӣ муҳаққиқони дигар, ба монанди Т.В. Сахнова [44], Ю.Л. Дяблова ва А.В. Дяблов [75], А.Р. Шляхов [52], А.А. Эйсман [54], В.Б. Стукалин [97], А.М. Зинин ва Н.П. Майлис [23], И.Л. Петрухин [40], Д.Н. Пархоменко [91], В.С. Латыпов [84] мавриди тадқиқ қарор додаанд.

Ин маънои аз тарафи диссертант пурра омӯхта шудани паҳлӯҳои мухталифи экспертизаи судӣ ҳамчун яке аз воситаи асосии исботнамоӣ дар мурофиаи судии ҷиноятиро надорад Аз мазмун ва моҳияти корҳои

тадқиқотии зикршуда бармеояд, ки муҳаққиқони муаммоҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷузъиёти алоҳидаи падидаи тадқиқшавандаро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш қарор надодаанд. Аз ин ҷо, таҳлили комплексии экспертизаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки падидаи мазкур бо назардошти ҳамаи муаммоҳои мавҷуда зери таҳлил қарор гарифта, роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо пайдо карда шаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсияи мазкур дар доираи татбиқи нақшаҳои дурнамои корҳои илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон дар мавзӯи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади асосии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки дар доираи фаъолияти илмию тадқиқотии кафедраҳои ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст, бо мубрам будани мавзӯи тадқиқот муайян карда мешавад. Ба таври мушаххас ифода намоем, – мақсади асосии тадқиқоти диссертатсиониро муайян намудани мафҳум, моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи тосудӣ ва судии мурофиаи чиноятӣ, расмиёти он, мавқеву мақоми хулосаи экспертизаи судӣ дар низоми далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, мухолифат ва норасоиҳои дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба экспертизаи судӣ ҷойдошта, ҳамчунин пешниҳод намудани таклифҳои мушаххас барои бартараф кардани ин мухолифатҳо ташкил медиҳад, ки бо роҳи илман асоснок намудани таклифҳои пешниҳодшаванда анҷом дода мешавад. Аз

ин ҷо асоснок карда мешавад, ки назарияи экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бо донишҳои нав ғанӣ гардонида шавад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Бо назардошти он, ки тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаи мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегирад, дар назди тадқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳое гузошта шуданд, ки бевосита барои кушодани гиреҳи муаммоҳои ҷойдошта ва илман асоснок намудани роҳу воситаҳои ҳалли онҳо нигаронида шудаанд.

Дар ин манзар, ба сифати вазифаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ баромад мекунанд:

– таҳлили мафҳум, моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бо назардошти назарияи муосир ва қонунгузории амалкунанда;

– омӯзиш ва гурӯҳбандии намудҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва муайян намудани хусусиятҳои хоси ҳар як намуди он;

– баррасии мафҳум ва таҳлили ҳолати ҳуқуқии коршинос (эксперт) дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти у;

– таҳқиқи тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ва расмиёти мурофиавӣ вобаста ба он;

– омӯзиши хусусиятҳои таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи мурофиаи судӣ;.

– таҳлили хулосаи коршинос ҳамчун навъи далел дар мурофиаи ҷиноятӣ ва арзёбии аҳамияти исботии он;

– муайян намудани мушкилоти амалии вобаста ба таъин, гузаронидан ва истифодаи натиҷаҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи экспертизаи судӣ.

Ҳаллу фасл гардидани вазифаҳои дар назди тадқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда имконият медиҳанд, ки муаммоҳои падидаи тадқиқшаванда бештару хубтар муайян карда шуда, ба сатҳ ва сифати нав баромадани экспертизаи судӣ ҳамчун унсури муҳим ва меҳварии мурофиаи судии ҷиноятӣ замина гузошта шавад.

**Объекти таҳқиқот**. Объекти тадқиқоти диссертатсиониро фаъолияти муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, инчунин мақомоти судӣ ташкил дод, ки бо қарори онҳо ва шахсони мансабдори онҳо экспертизаи судӣ таъин ва гузаронида мешавад.

Мақсад аз ин он аст, ки фаъолияти муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, инчунин мақомоти судӣ ба таври комплексӣ ва ҳамоҳангшуда мавриди омӯзиш қарор дода шуда, қаробату ягонагӣ, фарқият ё мухолифат дар байни фаъолияти онҳо муайян карда шавад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот**. Ба сифати мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ ба таври меҳварӣ нуктаи назар ва андешаҳои намояндагони илми ҳуқуқ, ки вобаста ба экспертизаи судӣ, аҳамияти он дар ошкор кардани ҷиноят ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор донистa шуда, баён гардиданд, баромад карданд.

Предмети тадқиқоти диссертатсиониро ҳамчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқие ташкил доданд, ки фаъолияти муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакиро ба танзим даровaрда, мақоми ҳуқуқию мурофиавии онҳоро дар марҳилаи таҳқиқ ва тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар менамоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Бо назардошти он, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ бештар ҷанбаи амалӣ дорад, аз ин хотир, афзалият ба ҳамон муносибатҳое дода шудааст, ки онҳо дар давраи муосир пайдо шуданд. Бо ин мавриди омӯзиш қарор додани муносибатҳое, ки то ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ

пайдо шуда буданд, истисно карда намешавад. Чунин муносибатҳо асосан дар қисми назариявии тадқиқоти диссертатсионӣ ба сифати объекти тадқиқот интихоб шудаанду халос. Аз ин ҷо, тадқиқоти диссертатсиониро шартан ба ду марҳилаи асосӣ – то замони истиқлолияти давлатӣ ва баъди истиқлолияти давлатӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Қобили қайд аст, ки дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ инчунин қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии давлатҳои иштирокчии ИДМ аз мадди назар дур намондааст.

Таҳлили муқоисавии ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имконият доданд, ки заминаҳои ҳуқуқии тадқиқоти диссертатсионӣ мукаммал гардонида шуда, дар заминаи онҳо вобаста ба такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳои ҷолиби диққат манзур карда шаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсиониро тадқиқоти намояндагони ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин илмҳои ҳуқуқии ҳамҷавор ташкил доданд, ки падидаи тадқиқшавандаро дар ин ё он сатҳ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор доданд. Ба сифати намояндагони мазкур метавонанд Р.Р. Раҳматҷонзода, А.М. Маҳмадализода, Н.А. Табаров, Б.Қ. Қобилов, П.С. Абдуллоев, Б.З. Ғулом, Н. Хоҷаева, Н. Қудратов, З.Х. Искандаров, А.П. Рыжаков, Р.Х. Якупов, В. Исаенко, Т.П. Ишмаева, Б.Қ. Қобилов, Л.В. Зорин, А.И. Иноятзода, К.М. Мадвализода, Б.С. Негматов, К.Х. Солиев, З.Д. Ямоқова, Ф.Г. Аминов, Д.В. Зотов, Ш.Ш. Ходжаев баромад намоянд.

Омӯзиши натиҷаҳои тадқиқотҳои илмии аз тарафи муҳаққиқони номбаргардида гузаронидашуда имконият доданд, ки тадқиқоти диссертатсионӣ тобиши мавзуӣ пайдо намуда, моҳият ва аслияти худро ҳамчун тадқиқоти илмии мукаммал касб намояд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот**. Дар рафти гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ такяи асосӣ ба усулҳои гуногун, аз ҷумла усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ дода шудааст, ки ба сифати онҳо баромад карда метавонанд: диалектика, мантиқӣ–забонӣ, муқоисавӣ–ҳуқуқӣ, муқоисавӣ–таърихӣ, шиносоӣ, техникӣ, биологӣ ва гнетикӣ, криминалистӣ ва усулҳои дигари ба ин монанд.

Агар бо истифода аз усули диалектикӣ самтҳои асосии рушди заминаҳои ҳуқуқии экспертизаи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифта бошад, дар асоси истифодаи усули мантиқию забонӣ ибораҳои истифодашаванда ва алоқаманд ба экспертизаи судӣ дуруст ҷойгузорӣ карда шудаанд, ки ин пайвандии мантиқии онҳоро кафолатнок кардааст. Истифода гардидани усули мантиқию забонӣ ҳамчунин имконият доданд, ки муҳтавои мантиқии санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ва мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ дар манзари исботнамоӣ дуруст муайян карда шаванд.

Усулҳои муқоисавӣ–ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ–таърихӣ ва дигарон ба он шароит фароҳам оварданд, ки раванди таърихӣ ва ҳуқуқии инкишофёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва мукаммалгардии исботнамоӣ дақиқан таҳлил карда шуда, хулосаи дурусти илмӣ қабул карда шавад.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ доираи васеи санадҳои ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», Барномаи ислоҳоти судӣ–ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардиданд.

Ба сифати заминаи эмприкии тадқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин маълумоти омории Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории Раёсати ташхисӣ (экспертӣ)–криминалистии Вазорати корҳои

дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои омории муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию–судӣ»–и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, парвандаҳои ҷиноятӣ ва парвандаҳои дигаре, ки ҷиҳати гузаронидани экспертизаҳои судӣ ва гирифтани хулосаи коршинос ба МҶЭСК пешниҳод мегарданд, маводу малакаи таҷрибаи кории 20 солаам ба ҳайси эксперти МҶЭСК истифода шуданд.

Бо мақсади боз ҳам мукаммал гардидани тадқиқоти диссертатсионӣ дар пояи аз худ кардани таҷрибаи судӣ, ҳамчунин санадҳои судӣ ба сифати заминаи эмприкии тадқиқот низ истифода карда шудаанд.

Дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин истифода шудани санадҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ истисно нагардиданд.

**Навгонии илмии тадқиқот**. Навгонии илмии рисолаи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи он масъалаи экспертизаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хулосаи мукаммал бароварда шудааст, ки дар асоси он барои такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд.

Қайд бояд намуд, ки диссертант ҳангоми гузаронидани тадқиқоти илмӣ, ҳам ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам ҷанбаҳои амалии мавзуи диссертатсияро мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор дода, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ як қатор нуқсонҳоро ошкор кардааст, ки онҳо метавонанд ба фаъолияти самараноки муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ ва мақоми мурофиавии коршинос таъсири манфӣ расонанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Муаммову нуқсонҳое, ки аз тарафи диссертант ҳангоми гузаронидани таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии назария ва амалияи мавзуи рисолаи диссертатсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ, дар амалияи муфаттишон, прокуророн, судҳо ва коршиносон ҳангоми

иштироки онҳо дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ ошкор карда шуданд, дар ниҳояти кор мазмун ва моҳияти нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро муайян карданд, ки онҳо дар хулосаҳои зерин зоҳир мегарданд:

1. Асоснок карда мешавад, ки мафҳуми эксперти судӣ, ки дар қисми 1 моддаи 58 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, ба такмил ниёз дорад. Дар ин замина пешниҳод мегардад, ки эксперти судӣ ҳамчун шахси воқеие эътироф карда шавад, ки дорои дониш ва малакаи махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар буда, бо қарори мақоми тафтишотӣ ё таъиноти суд, ҳамчун шахси ба натиҷаи парвандаи ҷиноятӣ манфиатнадошта, барои додани хулосаи хаттӣ ва илмӣ–асоснок ҷалб мегардад.

Исбот карда мешавад, ки таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ аз рӯйи моҳияти ҳуқуқии худ амали мурофиавии ҷиноятӣ буда, бо қарор ё таъиноти ваколатдори муфаттиш ё суд вобаста аст, аммо худи фаъолияти экспертӣ хусусияти мустақили илмӣ–тадқиқотӣ дошта, ба татбиқи донишҳои махсус такя менамояд.

Асоснок мегардад, ки экспертизаи судӣ дорои табиати дугона мебошад:

а) ҳамчун амали маҷмӯавии тафтишотӣ ва судӣ, ки марҳилаҳои муайяни мурофиавӣ (таъин, шиносоӣ бо ҳуқуқҳо, тадқиқоти экспертӣ, таҳияи хулоса, пурсиши эксперт ва пешниҳоди хулоса ба тарафҳо)–ро дар бар мегирад;

б) ҳамчун фаъолияти нисбатан мустақили ташхисии коршиносон ё муассисаҳои давлатӣ, ки бо таъиноти суд ё мақомоти тафтишотӣ анҷом дода мешавад.

Муайян карда мешавад, ки субъекти тадқиқоти экспертӣ шахси воқеие буда метавонад дорои салоҳияти илмию амалӣ бошад ва фаъолияти ӯ дар раванди тадқиқоти экспертӣ аз нуқтаи назари касбӣ

маҳдуд намегардад, ба шарте ки ин фаъолият дар доираи донишҳои махсус сурат гирад.

Исбот карда мешавад, ки мустақилият ва беғаразии эксперти судӣ шарти зарурии эътимоднокии хулосаи экспертӣ буда, он кафолати муҳимми таъмин намудани исботи боэътимод ва қабули қарорҳои қонунию асоснок дар парвандаҳои ҷиноятӣ маҳсуб меёбад.

Асоснок мегардад, ки танзими масъалаҳои тартиби таъин, ҳолатҳои ҳатмии гузаронидани экспертиза, намудҳои он ва талабот ба хулосаи экспертӣ бояд дар доираи меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода шавад, дар ҳоле ки фаъолияти дохилии тадқиқоти экспертӣ ба меъёрҳои илмӣ ва касбӣ такя менамояд.

2. Асоснок карда мешавад, ки экспертизаи судӣ бояд ҳамчун амали мурофиавӣ–тадқиқотӣ муайян карда шавад, ки бо ҷалби эксперт ва тибқи тартиботи қонунгузорӣ аз ҷониби мақоми тафтишотӣ ва суд анҷом дода мешавад. Исбот мегардад, ки хулосаи эксперт ба донишҳои махсус дар соҳаҳои илм, техника, санъат ё касбу ҳунар асос ёфта, бо вуҷуди ин, худи экспертиза ба ваколати мақомоти мурофиавӣ тааллуқ дорад ва ҷиноят будани кирдор ва татбиқи баҳои ҳуқуқӣ ваколати истисноии қонунгузор мебошад. Муайян карда мешавад, ки дар ҳолати набудани нишонаҳои мушаххаси ҷиноят дар моддаи 307[1] КҶ ҶТ, талаб намудани муайян кардани аломатҳои таркиби ҷиноят аз ҷониби эксперт мухолифи принсипи қонуният мебошад ва хулосаи эксперт бояд ҳамчун фаъолияти иловагӣ ва ғайримустақими исбот арзёбӣ гардад. Пешниҳод мегардад, ки қонунгузор нишонаҳои таркиби ҷиноятҳои марбут ба фаъолияти экстремистиро ба таври дақиқ дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ намояд, то сарҳади масъулияти мақомоти тафтишотӣ ва экспертҳо равшан гардад.

3. Асоснок карда мешавад, ки амалияи ҳозираи экспертизаи судӣ ва криминалистӣ нишон медиҳад, ки ин намуди фаъолият на танҳо аз ҷониби муассисаҳои давлатии экспертизаи судӣ гузаронида мешавад,

балки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки иштирокчии муносибатҳои хусусӣ мебошанд, низ метавонанд ба анҷом додани он машғул шаванд. Бо вуҷуди ин, мақоми ҳуқуқии чунин шахсон ва ҳуқуқҳои онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян нашуда, инчунин мақоми давлатӣ, ки назорати фаъолияти онҳо ва самаранокии экспертизаҳоро таъмин намояд, муқаррар нагаштааст. Исбот мегардад, ки барои таъмини самаранокии фаъолияти экспертизаҳои хусусӣ, кафолати мустақилияти коршинос ва пешгирӣ аз тасарруфи манфиатҳои шахсони пешбарандаи тафтишот ва мақомоти пешакӣ, зарур аст қонунгузор тартиби иҷозатдиҳӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ машғул ҳастанд, муайян намояд. Муайян карда мешавад, ки меъёрҳои Қисмҳои 2, 3, 4 ва 5 моддаи 58 КМҶ ҶТ дар ҳолати ҳозир метавонанд ҳам мустақилияти коршиносро маҳдуд намоянд ва ҳам шароити эҷоди ҳолатҳои коррупсионӣ ва таъсири тарафҳоро фароҳам оваранд. Пешниҳод мегардад, ки бо мақсади мутобиқ кардани қонунгузорӣ, бартараф намудани мухолифатҳо ва кафолати мустақилияти коршинос, қисмҳои 2–5 моддаи 58 КМҶ ҶТ бо ворид намудани тағйирот бояд мутобиқ ба қонуни «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» таҳия шаванд. Ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки фаъолияти экспертизаи судӣ ҳам аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба тартиботи муайяншуда риоя шавад ва ҳам мустақилияти илмию касбии коршиносон таъмин гардад, ки ин ба таҳкими адолати судӣ ва дурустии исбот дар парвандаҳои ҷиноятӣ мусоидат мекунад.

4. Асоснок карда мешавад, ки дар сурати рад намудани хулосаи коршинос, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки қарорҳои худро бо асоснокии илмӣ ва ҳуқуқӣ қабул намоянд, аз ин рӯ пешниҳод мегардад, ки матни мазкур ба қисми 6, моддаи 88 КМҶ ҶТ илова карда шавад. Муайян карда шудааст, ки мафҳумҳои даъват, таъини эксперт, таъини экспертиза, асоси экспертиза ва гузаронидани экспертиза аз рӯйи мазмун ба ҳам монананд, аммо яксон нестанд. Аз ин

рӯ пешниҳод мешавад, ки дар қисми 1, моддаи 208 КМҶ ҶТ асоси таъини экспертиза бо матни зерин муайян карда шавад: «Ба сифати асоси таъин намудани экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мавҷудияти ҳолатҳое баромад менамояд, ки барои аниқу равшан намудани онҳо донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарур аст».

Бо назардошти таҷрибаи амалияи мақомоти тафтишотӣ ва прокуратура, ки ба таври ғайриқонунӣ талаби санадҳои иловагӣ ва такрории шаҳодаткунонии муассисаҳои экспертиро то оғози парвандаи ҷиноятӣ васеъ истифода мекунанд, пешниҳод мегардад, ки ба қисми 1, моддаи 208 КМҶ ҶТ иловаи зерин ворид карда шавад: «Дар ҳолатҳои зарурӣ экспертизаи судиро пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин кардан мумкин аст».

Бо мақсади таъмин намудани воқеанигорӣ, холисӣ ва дур будан аз манфиатҳои идоравӣ дар коркард ва пешниҳоди хулосаи экспертӣ, зарур аст муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ аз итоати вазорату идораҳои соҳавӣ бароварда шуда, ба як хадамоти муттаҳидаи ва назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шаванд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**. Бинобар сабаби он, ки дар рафти тадқиқоти диссертатсионӣ бештар ҷанбаҳои амалӣ ва муаммоҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст, аз ин хотир истифода гардидани натиҷаи он аз тарафи доираи васеи намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла аз тарафи намояндагони муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Ин бо он асоснок карда мешавад, ки зимни таҳияи рисолаи диссертатсионӣ ҳамон муаммоҳое ба назар гирифта шуданд, ки дар раванди таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ, таҳия кардани хулосаи коршинос, баҳо додани он аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пайдо мешаванд. Муаммоҳои мазкур тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар асоси таҳлили муқоисавӣ бо

қонунгузории шабеҳи мамлакатҳои хориҷӣ, ба монанди давлатҳои иштирокчии ИДМ гиреҳкушоӣ гардида, роҳи ҳалли масъала ва тартиби дурусти баррасӣ кардани онҳо тавсия дода шудааст.

Тадқиқоти гузаронидашуда зарурати такмили қонуни мурофиавии ҷиноятиро ошкор кард, ки масъалаҳои таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар судро танзим мекунад. Пешниҳодҳо оид ба эҷоди меъёрҳои нав, инчунин ворид намудани тағйирот ба меъёрҳои амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ, ки вазъи мурофиавии коршинос ва фаъолияти ӯро дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ танзим мекунанд, таҳия карда шуданд.

Натиҷаи бадастомадаи тадқиқоти диссертатсионӣ, ки илман асоснок карда шудаанд, мумкин аст дар самти такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи экспертизаи судӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Нуктаҳои асосие, ки дар раванди тадқиқоти диссертатсионӣ иброз дошта шуданд, мумкин аст зимни тадқиқоти алоҳидаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва дигар соҳаҳои шабеҳ ҳамчун заминаи назариявӣ истифода карда шаванд. Дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат низ истифода шудани муқаррароти асосии тадқиқоти диссертатсионӣ аз аҳамият холӣ дониста намешавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ бо он собит карда мешавад, ки дар раванди тадқиқот асосан маводҳо ва маълумоте истифода бурда шуданд, ки аз амалияи мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, ҳамчунин судҳо гирифта шуданд. Инчунин ҳангоми гузаронидани тадқиқоти диссертатсионӣ аз амалияи МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ташхисӣ (эксперт)–криминалистии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода бурда

шудааст. Аз ин ҷо, дар доираи тадқиқоти диссертатсионӣ ҳамон хулосаву андеша ва нуктаи назар истифода гардиданд, ки дар натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ ба даст омаданд ё зимни ҳамоҳангсозии фаъолияти МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин Раёсати ташхисӣ (эксперт)–криминалистии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳосил шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Тадқиқоти диссертатсионӣ, ки дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмӣ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гузаронида шудааст, вобаста ба мазмуну муҳтаво ба шиносномаи ихтисоси 5.5.9 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 сентябри соли 2025, №10 тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқот**. Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқотро дараҷаи навгониҳои илмие, ки дар тадқиқоти диссертатсионӣ истифода шудаанд, муқаррароти илмие, ки вобаста ба натиҷаи тадқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда пешниҳод карда шудаанд, маърузаҳое, ки аз тарафи диссертант зимни чорабиниҳои илмии гуногун – семинарҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳо, ҳамоишҳо хонда шудаанд, инчунин таклифҳое, ки барои боз ҳам хубтару беҳтар карда шудани фаъолияти МҶЭСК пешниҳод карда шудаанд, муайян менамоянд.

Дар ниҳояти кор саҳми шахсии диссертантро дар тадқиқот услубҳои хоси ҳамоҳанг гардонидани назария ва амалияи экспертизаи судӣ, омӯзиши маводҳои зиёд, ба ҳайси коршинос фаъолият кардан дар МҶЭСК, асоснокунӣ ва хулосабарорӣ ташкил медиҳанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Диссертатсия якчанд маротиба дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима гардида ва барои ҳимоя тавсия дода шудааст.

Нуктаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ дар чорабиниҳои гуногуни илмӣ, илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ – конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар ва машваратҳо, ки чӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва чӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ баргузор гардиданд, дар шакли маъруза пешниҳод карда шуданд. Ба монанди:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Восток-запад» партнерство в судебной экспертизе» – маъруза дар мавзуи «Цель судебно-криминалистической экспертизы в уголовном судопроизводстве» (Г. Казан-2023);

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Форуми ҳафтуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Тоҷикистон» – маърӯза дар мавзуи «Хулосаи коршиноси судӣ ҳамчун далел дар мурофиаи ҷиноятӣ: Тадқиқоти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ» (ш. Душанбе, соли 2022).

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Нақши экспертизаи судӣ дар тафтиши ҷиноят» – маъруза дар мавзуи «Мушкилоти экспертиза дар мурофиаи ҷиноятӣ» (ш. Душанбе, соли 2018).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** Оид ба муҳтавои диссертатсия 10 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид буда, 5 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ, ТАЪИНОТ ВА НАМУДҲОИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## 1.1. Мафҳум, моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ

Дар низоми далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ, ки қ. 2, м. 72 КМҶ ҶТ муқаррар мекунад, хулоса ва нишондоди коршинос мақоми махсусро соҳиб аст, ки барои ошкор намудани ҷиноят ва механизми содиршавии он равона гардида, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таъин ва бо истифода аз донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар гузаронида мешавад. Аз ин ҷо, «зарурияти истифодаи донишҳои махсус дар тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ бағоят муҳим боқӣ мемонад. Фаъолият оид ба тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ водор менамояд, ки дар ҷустуҷӯи нишонаҳои ҷиноят ва ошкор намудани ҷузъҳои содиршавии он, предмет ва ҳуҷҷатҳои маълумгардида мавриди таҳлил ва намудҳои гуногуни тадқиқ қарор дода шаванд» [63, с. 23].

Мо онро инкор карда наметавонем, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дар давоми фаъолияти худ оид ба ҳифзи ҳуқуқ аксар вақт ба истифодаи донишҳои махсус дар соҳаи илм ва техника, санъат ё дигар касбу ҳунар эҳтиёҷ пайдо мекунанд, ки ин зарурати ба раванди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ҷалб кардани шахсони дорандаи чунин донишро ба миён меорад. Истифодаи донишҳои махсус, яъне дониш дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо ва баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби муайяннамудаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ истифода мешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлати судӣ», ки аз 25 июли соли 2005 қабул карда шудааст [9], асоси ҳуқуқӣ ва вазифаҳои асосии фаъолияти экспертизаи давлатии судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиеро, ки ҳангоми ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ба вуҷуд меоянд, танзим намудааст.

Истифодаи донишҳои махсусро барои исботкунии ҳолатҳо ҳам дар шакли мурофиавӣ, вақте ки натиҷаҳои татбиқи онҳо аҳамияти далелӣ доранд ва ҳам дар шакли ғайримурофиавӣ мушоҳида намудан мукин аст.

Аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба раванди тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ ҷалб намудани шахсони дорандаи дониши махсус дар соҳаи илм ва техника, санъат ва дигар касбу ҳунар имкон медиҳад, ки моҳияти мурофиавии барои таҳқиқ ва тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ аҳамиятдоштаи предмети ҷиноят муайян карда шавад, ки ба даст овардани чунин хусусиятҳо бо роҳи муқаррарӣ ғайриимкон дониста мешавад [63, с. 23-27]. Аммо, нуктаи назар ва андешаҳо нисбат ба экспертизаи судӣ ягона набуда, дар ҳолатҳои алоҳида барои «калавиши» мақоми мурофиавии он боис гардидааст. Ҳамзамон андешаи ба ин монандро олимони рус Ю.Л. Дяблова ва А.В. Дяблов баён менамоянд. Ба андешаи онҳо аз тарафи доираи васеи илмҳои ҳуқуқ дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтани паҳлуҳои мухталифи экспертизаи судӣ, барои ба миён омадани нуктаи назар ва андешаҳои гуногун оид ба мазмун ва моҳияти падидаи тадқиқшаванда боис гардидааст [75, с. 200].

Таҳлили адабиётҳои ҳуқуқӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки экспертизаи судӣ вобаста ба муҳимияти худ дар маркази таваҷҷуҳи доираи васеи намояндагони илмҳои ҳуқуқ, бахусус ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика ва илмҳои дигари монанд ба инҳо қарор дорад. Бевосита илмҳои мазкур вобаста ба мавзуи омӯзиш паҳлуҳои гуногуни экспертизаи судиро фаро гирифта, дар навбати худ онҳоро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор медиҳанд.

Наметавонем онро сарфи назар намоем, ки нуктаи назар ва андешаи намояндагони илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика ва илмҳои дигари монанд ба инҳо, чигунае, ки Ю.Л. Дяблова ва А.В. Дяблов таъкид доштанд, нисбат ба моҳияти экспертизаи судӣ ва нақши он дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ягона нест. Вобаста ба ин, моҳияти экспертизаи судӣ дар замони муосир тобиши

гуногунмаъноро пайдо намуда, дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ҳангоми амали намудани баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ ҳам дар давраи тафтишоти пешакӣ ва ҳам дар муҳокимаи судӣ гузаронида мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавонем нуктаи назар ва андешаи намояндагони илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика ва илмҳои дигари монанд ба инҳоро вобаста ба мазмун ва моҳият ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намоем:

1) Гурӯҳи якуми андешаҳоро нуктаи назари ҳамон намояндагони илмҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд, ки онҳо экспертизаи судиро ҳамчун амали мурофиавӣ муайян намуда, моҳият ва таъиноти онро бо ҳамин сифат таҳлил ва баррасӣ менамоянд. Масалан, А. Шляхов аз рӯйи нуктаи назари худ экспертизаи судиро ба сифати амали мухтор дар раванди идрок баррасӣ карда, онро на ҳамчун амали тафтишотӣ, балки ҳамчун амали мурофиавӣ арзёбӣ мекунад [51, с. 54].

2) Гурӯҳи дуюми андешаҳоро нуктаи назари ҳамон намояндагони илмҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд, ки онҳо экспертизаи судиро бархилофи намояндагони гуруҳи якум ҳамчун амали тафтишотӣ муайян карда, онро бо чунин сифат таҳлил ва баррасӣ менамоянд. Чунончи, А. Рижаков экспертизаи судиро ҳамчун амали тафтишотие муайян мекунад, ки дар худ шакли махсуси бо қонунгузории мурофиавӣ–ҷиноятӣ муқарраргардидаи тадқиқи далелҳоро ифода карда, бо супориши муфаттиш (суд, прокурор, мақомоти таҳқиқ) аз тарафи шахсони барандаи донишҳои махсус гузаронида мешавад ва ин шахсон аз фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани хулосаи баръало бардурӯғ огоҳонида шудаанд. Ба андешаи А. Рижаков ин амали тафтишотӣ бо тартиб додани хулоса аз рӯйи масъалаҳои махсус ба охир мерасад [41, с. 305].

3) Гурӯҳи сеюми андешаҳоро нуктаи назари ҳамон намояндагони илмҳои ҳуқуқ ташкил медиҳанд, ки онҳо экспертизаи судиро на ба сифати амали мурофиавӣ ва на ҳамчун амали тафтишотӣ эътироф мекунанд. Ин намояндагон ба таври асосӣ таваҷҷуҳи хосаро ба тартиби

гузаронидани экспертизаи судӣ ва табиати ҳуқуқии донишҳои махсус дар соҳаи илм ва техника, санъат ва дигар касбу ҳунар зоҳир намуда, онро ҳамчун соҳаи алоҳидаи дорои аломатҳои махсус муайян мекунанд, ки муфаттиш на аз нигоҳи ҳуқуқӣ ва на ба таври воқеӣ имконияти гузаронидани чунин тадқиқотро дорад [128]. Махсусан ба ин гурӯҳи намояндагон мо метавонем А. Эйсманро шомил намоем, ки ӯ таҳти мафҳуми экспертиза фаҳмида шудани тадқиқотеро пешниҳод мекунад, ки аз тарафи коршиноси судӣ (эксперт) дар асоси донишҳои махсус ва усулҳои илман асоснокшуда бо мақсади додани хулоса гузаронида мешавад ва ин хулоса ба сифати далел аз рӯи парванда хизмат мекунад [54, с. 89].

Боиси инкор нест, ки намояндагони ҳар яке аз ин гуруҳ барои дар ин хусус қарор қабул намудан маҳаки кофии илман асоснокшударо доранд, ки барои чунин хулосабарорӣ кардан мусоидат кардааст. Лекин, гап дар сари он нест, ки намояндагони ҳар яке аз гурӯҳҳои номбаршуда мавқеи илмии худро чигуна асоснок карданд, гап дар сари он аст, ки онҳо моҳияти масъалаи пайгиришавандаро то ба кадом андоза дуруст дарк карда, ба он чигуна муносибат намудаанд. Аз оқибати чунин муносибат дурустии муайян кардани моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ вобастагии мустақим дорад. Вобаста ба ин, қарор кардем мавқеи илмии намояндагони ҳар яке аз ин гуруҳҳоро мушаххас мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор диҳем.

Инак, намояндагони гурӯҳи якуми андешаҳо оид ба моҳияти экспертизаи судӣ, ки онро ҳамчун амали мурофиавӣ арзёбӣ кардаанд, ба чунин хулоса дар ҳамон асос омаданд, ки тартиби таъин кардан ва гузаронидани экспертизаи судӣ ба таври асосӣ тавассути меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди танзим қарор гирифта бо низоми муайяни қонунгузории мурофиавӣ ба танзим даровarda мешавад. Ҳамчунин афзоиши аҳамияти истифодаи амалии донишҳои махсус талаботро ба фаҳмиши назариявии ҷанбаҳои гуногуни институти экспертизаи судӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ баланд мебардорад.

Бинобар ин, намояндагони алоҳидаи гурӯҳи мазкур дар таҳлили моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ боз ҳам пештар рафта, онро на танҳо ҳамчун амали мурофиавӣ, инчунин ҳамчун амали мурофиавии комплексие муайян менамоянд, ки дар асоси ҳамгироии амали ду субъекти мурофиаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад. Чунончи В. Стукалин моҳияти экспертизаи судиро ҳамчун таҳқиқоти бо супориши шахси баамалбарорандаи тафтиши пешакӣ ё судӣ гузаронидашаванда муайян менамояд, ки аз рӯйи объектҳои моддии ба ихтиёри ӯ вогузоршуда, бо мақсади муқаррар кардани маълумоти воқеии барои ҳалли дурусти парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта, гузаронида мешавад. Натиҷаи тадқиқоти дар шакли хулоса ҷамъбастшуда хусусан аз ҷониби субеъкти таъинкунанда ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида шинос карда мешавад. Вобаста ба ин, ӯ ба сифати амали комплексӣ фаҳмида шудани экспертизаи судиро пешниҳод менамояд, ки аз тарафи ду иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ – муфаттиш ва коршинос гузаронида мешавад [97, с. 221].

В. Стукалин бо мақсади асоснок кардани мавқеи илмии ишғолшуда омилҳои зеринро номбар мекунад:

а) ин амалест, ки дар он ба таври ҳатмӣ ду нафари бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида – шахси пешбарандаи тафтишот ва коршиноси судӣ иштирок мекунанд;

б) амали ҳар яке аз ин шахсон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (амали шахси таъинкунандаи экспертиза бо КМҶ ва амали коршиноси судӣ бо КМҶ ва қонунгузории соҳавӣ дар бораи фаъолияти давлатии судӣ–экспертӣ, инчунин бо санадҳои меъёрии идоравии вазоратҳо ва идораҳо, ки дар таркиби сохтори худ муассисаҳои экспертӣ доранд), муайян карда шудааast;

в) натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда аз тарафи коршиноси судӣ бо муқарраротҳои дар Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ пешбинигардида ба расмият даровarда шуда, аз тарафи муфаттиш мутобиқи ҳамин кодекс арзёбӣ карда мешавад [97, с. 221].

Дар муайян кардани моҳияти экспертизаи судӣ ҳамчун амали мурофиавӣ, мавқеи илмии наздик ба В. Стукалинро – А. Зинин ва Н. Майлис ишғол мекунанд. Намояндагони мазкур дар ин раванд таваҷҷуҳи асосиро ба шакли мурофиавии истифодаи донишҳои махсус дар мурофиаи судии ҷиноятӣ зоҳир кардаанд, ки дар натиҷаи он таҳти ихтиёри тафтишот ва суд маълумоти нави дорои аҳамияти далел вогузор карда мешавад, ки ба даст овардани чунин маълумот бо воситаҳои мурофиавии дигар ғайриимкон аст. Бинобар ин, А. Зинин ва Н. Майлис мафҳуми зерини экспертизаи судиро пешниҳод мекунанд: «Экспертизаи судӣ – ин амали мурофиавӣ аст, ки аз гузаронидани тадқиқот ва додани хулосаи коршиноси судӣ иборат буда, оид ба масъалаҳое гузаронида мешавад, ки дар назди коршинос аз тарафи судя, суд, мақомоти таҳқиқ, шахси пешбарандаи таҳқиқ, муфаттиш ё прокурор ҷиҳати муқаррар кардани ҳолатҳои дар доираи парвандаи ҷиноятӣ таҳти исботнамоӣ қарор додашаванда гузошта шуда, донишҳои махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва дигар касбу ҳунар талаб мекунанд» [23, с. 19].

Онҳо дар асоси такя ба мафҳуми мазкури экспертизаи судӣ, нишонаҳои зерини ин падидаи ҳуқуқиро пешниҳод мекунанд:

а) тайёр намудан, таъин кардан ва гузаронидан бо риояи дастурамали махсуси ҳуқуқӣ, ки дар баробари расмиёти дахлдор, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои коршинос, шахси таъинкунандаи экспертиза, инчунин ҳуқуқи айбдоршаванда (гумонбар)–ро вобаста ба экспертиза муайян менамояд;

б) гузаронидани тадқиқ, ки ба истифодаи донишҳои махсус дар соҳаҳои гуногуни илм, техника, санъат ва касбу ҳунар асос ёфтааст;

в) дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда додани хулоса, ки дорои мақоми сарчашмаи далел аст [23, с. 20].

И. Петрухин ба экспертизаи судӣ шакли мурофиавӣ дода, онро ба таври зерин тавсиф медиҳад: экспертиза тадқиқоти дар шакли мурофиавии муқарраркардаи қонун амалишавандаи далелҳои шайъӣ ва дигар маводҳо ва объектҳои дар раванди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ

ошкор шуда мебошад, ки дар асоси супориши суд (мақомоти тафтишоти пешакӣ) аз тарафи шахсони дорандаи донишҳои махсус оид ба илм, техника ва дигар соҳаҳои махсус гузаронида шуда, вобаста ба натиҷаи он аз рӯйи масъалаҳои махсуси дар раванди тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ пайдошуда, хулосаи асоснок тартиб дода мешавад [40, с. 3-4].

И.И. Трапезникова экспертизаи судиро ҳамчун амали мурофиавӣ баҳо дода, мафҳум ва табиати ҳуқуқии экспертизаи судро яке аз масъалаҳои баҳсбарангези илми мурофиаи ҷиноятӣ шуморида қайд менамояд, ки «Экспертизаи судӣ ҳамчун яке аз институтҳои ҳуқуқии далеловарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷойгоҳи муҳим дошта он дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ хеле васеъ истифода мешавад [118, с. 3-4].

Дар асоси таҳлили муқоисавии нуктаи назари намояндагони гурӯҳи якуми андешаҳо оид ба моҳияти экспертизаи судӣ ҳамчун амали мурофиавӣ, хусусиятҳои зерини тавсифдиҳандаи мавқеи илмии ин муҳаққиқонро муайян кардан мумкин аст:

а) экспертизаи судӣ, ки мутобиқ ба донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ва дигар касбу ҳунар гузаронида шудани тадқиқоти объектҳои моддии дар рафти тафтишоти пешакӣ ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ ба даст омадаро талаб мекунад, танҳо дар асоси меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ аз тарафи суд, судя, мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, муфаттиш, прокурор таъин карда мешавад;

б) экспертизаи судӣ, ки ҳадафи мавриди тадқиқ қарор додани ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доштаро пайгирӣ карда, бо ҳамин барои барқарор гардидани ҳақиқат мусоидат менамояд, ҳамгироии ду иштирокчии калидии мурофиаи судии ҷиноятӣ – муфаттиш ҳамчун шахси таъинкунандаи экспертизаи судӣ ва коршиносро талаб мекунад;

в) ҳаракатҳои коршинос, ки барои иҷрои вазифаҳои дар назди ӯ вогузор гардида нигаронида шудаанд ва дар доираи ҳуқуқ ва

уҳдадориҳои мурофиавии коршинос анҷом дода мешаванд, чӣ бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва чӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ва идоравӣ мавриди танзим қарор дода мешаванд;

г) коршиноси судӣ –ин шахсест, ки дорои донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ва дигар касбу ҳунар буда, аз ҷониби мансабдори пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ бо тартиби қонунгузории мурофиавӣ пешбинигардида барои гузаронидани экспертизаи судӣ ва додани хулосаи эксперти таъйин карда мешавад;

д) экспертизаи судӣ бо ҳамон тартибе гузаронида мешавад, ки он бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст. Вобаста ба ин, коршинос уҳдадор аст, ки натиҷаи тадқиқоти гузаронидашударо дар ҳамон шакле ба расмият дарорад, ки ин шаклро меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар кардаанд. Дар ин робита, муфаттиш ва дигар субъекти таъинкунандаи экспертизаи судӣ ҳуқуқ доранд хулосаи коршиносро аз нигоҳи ботинии худ арзёбӣ намуда, бо он шахсони манфиатдорро дар асоси тартиби мурофиавӣ шинос намоянд.

Ба таври маҷмӯӣ гарчанде, ки мавқеи илмии муҳаққиқони номбаргардида эътимоднок ва асоснок ба назар мерасанд, лекин розӣ шудан ба онҳо то андозае баҳснок ба назар мерасад. Бахусус, таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии мафҳуми амалҳои мурофиавӣ ва экспертизаи судӣ исбот менамояд, ки ин ду мафҳум падидаи ҳуқуқӣ буда, мазмун ва моҳияти ба ҳам монандро доранд.

Гарчанде ки таҳти мафҳуми амалҳои мурофиавӣ ба таври умумиқабулшуда ҳаракатҳои мурофиавии бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ гардида фаҳмида мешавад, лекин вай ҳанӯз барои ба чунин сифат баромад кардани ҳамагуна ҳаракатҳои бо ин қонунгузорӣ муқаррар шуда асос шуда наметавонад. Зеро «барои «мурофиавӣ» эътироф кардани ҳаракат, ёдовар гардидани он дар КМҶ басанда нест. Ҳаракат танҳо дар мавриде ҳамчун амали мурофиавӣ–ҷиноятӣ баромад карда метавонад, ки агар расмиёти ба амал баровардани ин ҳаракат дар

қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба таври ҷузъӣ ба танзим дароварда шавад» [131].

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар гарчанде, ки дар тафовут аз қонунгузории мурофиавии ҷиноятии мамлакатҳои дигар, масалан, Белорусия расман мафҳуми амалҳои мурофиавиро кушода намедиҳад, таҳлили мантиқии муқаррароти КМҶ ҶТ ба он ишора менамояд, ки тахти мафҳуми амалҳои мурофиавӣ ҳаракатҳое фаҳмида мешаванд, ки бар асоси тартиб ва низоми мурофиавӣ бахри иҷрои вазифаҳои мурофиавӣ равона карда шуданд.

Мафҳуми амалҳои мурофиавиро равшантар м. 6 КМҶ Ҷумҳурии Белорусия кушода медиҳад, ки вобаста ба он, тахти мафҳуми амалҳои мурофиавӣ амали бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидаи шахсони мансабдори барои ин ваколатдоршуда фаҳмида мешавад, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ дар раванди истеҳсолот оиди маводҳо ва парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешаванд [131].

Дар асоси таҳлили мафҳуми амалҳои мурофиавӣ, экспертизаи судӣ гарчанде, ки мустақиман дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таъин карда шуда, натиҷаи он мутобиқи ин қонунгузорӣ дар шакли хулосаи коршинос ба расмият дароварда мешавад, бо вуҷуди ин вай метавонад вобаста ба омилҳои зерин ҳамчун амали мурофиавӣ–тадқиқотӣ эътироф карда шавад:

а) экспертизаи судӣ мувофиқи қ. 6, м. 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ҳам дар асоси қарори шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, муфаттиш, прокурор, суд ва судя ва ҳам дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин дар асоси дархости намояндагони онҳо гузаронида мешавад. Ба ин асос, дар як вақт ба экспертизаи судӣ дода шудани хислати оммавию хусусӣ наметавонад онро ба сифати амали мурофиавӣ, ки бештар тобиши оммавӣ дорад, муаррифӣ намояд;

б) экспертизаи судӣ гарчанде, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аз тарафи шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ таъин карда мешавад, вай (қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ) наметавонад тамоми раванди гузаронида шудани экспертизаи судиро дар бар гирад. Меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо таъин намудани экспертизаи судӣ ва ба расмият даровардани натиҷаи он маҳдуд гардида, батанзимдарории минбаъдаи онро ба зиммаи меъёрҳои моддӣ вогузор менамоянд. Танзимнамоии пурраи фаъолияти экспертизаи судӣ бо меъёрҳои мурофиавӣ, метавонад принсипи мустақилияти муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ва мустақилияти коршиноси судиро мухолифат намояд;

в) намудҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ махсусиятҳои худро дошта, интихоб гардидани ҳамон методикаи гузаронидани тадқиқотро талаб менамояд, ки ин методика ба хусусияти экспертизаи судии гузаронидашаванда мутобиқ аст. Методикаи гузаронидани экспертизаи судӣ хислати догмавӣ надошта, бо ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва дигаргун гардидани механизми содиршавии ҷиноят метавонад тағйир ёбад, ки ин ҳолат эҳтимолияти бо меъёрҳои мурофиавӣ танзим гардидани падидаи тадқиқшавандаро ҳамчун амали мурофиавӣ ғайриимкон мегардонад.

Мазмун ва моҳияти м. 208 КМҶ ҶТ ва ҳатмӣ будани иҷрои қарори муфаттиш доир ба таъин кардани экспертизаи судӣ нисбат ба шахсон ва муассисаҳое, ки ин қарор ба онҳо равона карда шудааст, ба таври ғайримустақим ба қисми таркибии амали тафтишотӣ будани экспертизаи судӣ ишора мекунад. Муқаррароти моддаи мазкурро ҳуқуқҳои коршинос, ки бо қ. 4, м. 58 КМҶ ҶТ пешбинӣ гардидаанд, тақвият мебахшад. Тибқи меъёри мазкур коршинос ҳуқуқ дорад бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, ки ба мавзуи экспертиза алоқаманд аст, шинос шавад, дар мавриди ба миён омадани зарурият пешниҳод гардидани маводҳои иловагии барои гузаронидани экспертизаи судӣ дахл доштаро талаб намояд, дар пешбурди амали тафтишотӣ иштирок кунад, ба

пурсишшавандагон ва дигар шахсон вобаста ба ҳолати кор савол диҳад, аз хизмати тарҷумон ройгон истифода намояд ва м.и. Чунин мақоми мурофиавӣ–ҷиноятии коршинос савол ба миён мегузорад: мумкин аст, ки экспертизаи судӣ вобаста ба ин мақом амали тафтишотӣ эътироф карда шавад?

Аз нуктаи назари намояндагони гурӯҳи дуюми андешаҳо оид ба моҳияти экспертизаи судӣ, дар ин самт ягон шубҳа ҷой надорад. Экспертизаи судӣ ба шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ барои тибқи тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тасдиқ кардани ҳолатҳое, ки ҳангоми азназаргузаронӣ, шаҳодаткунонӣ, ёфта гирифтан, кофтуков, дастгиркунӣ, барои шинохтан пешниҳод намудан, санҷиши нишондодҳо дар ҷои ҳодиса, озмоиши тафтишӣ, гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣ ва дигар воситаҳои техникии алоқа ҷой доштанд, мусоидат менамояд (м. 81 КМҶ ҶТ). Дар чунин ҳолат ва ҳолатҳои дигари ба ин монанд экспертизаи судӣ бештар моҳияти «воситаи ёрирасон»–ро пайдо карда, ба шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ аз нигоҳи қонунгузории мурофиавӣ–ҷиноятӣ мустаҳкам кардани ҳолатҳои барои тафтиши пешакӣ аҳамият дошта кӯмак мекунад. Масалан, бо гузаронидани экспертизаи судии тиббӣ муайян карда шудани сабаби фаро расидани марг ё дараҷаи вазнинии ҷароҳати ҷисмонӣ, ки барои тибқи қонунгузории ҷиноятӣ банду баст кардани кирдори содиршуда истифода бурда мешавад. Ин маънои онро дорад, ки экспертизаи судӣ танҳо механизм, ҳолат ва шароити содиршавии кирдори мушаххаси зиддиқонуниро муайян намуда, аз рӯйи он қабул карда шудани қарори ниҳоиро ба зиммаи шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ вогузор менамояд. Ҳатто дар шакли муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод гардидани хулосаи коршинос, шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, суд, судя, прокурор ва муфаттишро барои дар ҳамин шакл қабул кардани хулосаи пешниҳод гардида вазифадор наменамояд. Ин шахсон метавонанд ба хулосаи пешниҳод шуда аз нигоҳи ботинӣ баҳо дода, баъд

аз ин, онро қабул намояд. Дар мавриди ҷой доштани шубҳа нисбат ба дурустии хулоса, онҳо метавонанд гузаронида шудани экспертизаи судии такрорӣ, комплексӣ ё комиссисониро ташаббус кунанд. Наметавонем онро инкор кунем, ки «гузаронидани амалҳои тафтишотӣ афзалияти истисноии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки дорои салоҳияти ҳокимиятӣ буда, на танҳо барои қабул кардани қарорҳои расмии мурофиавӣ–ҷиноятӣ, ҳамчунин барои тавассути далелҳо асоснок кардани қарорҳои қабулшудаи мурофиавӣ вазифадор мебошанд, ки барои ин ба онҳо чунин ҳаракати мурофиавӣ, ба монанди амали тафтишотӣ зарур мебошад» [130].Мафҳуми мазкури амали тафтишотӣ ба унсури калидӣ – салоҳияти ҳокимиятии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ишора мекунад, ки дар асоси он ин шахсон қарори дахлдори мурофиавӣ қабул намуда, барои дар асоси овардани далели мушаххас исбот кардани дурустии қарори қабулшуда вазифадор мебошанд.

Коршинос дар фарқият аз дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дорои салоҳияти ҳокимиятӣ набуда, қарори мурофиавӣ–ҷиноятӣ қабул намекунад. Вай аз рӯйи объектҳои моддии ба ихтиёраш вогузор гардида, дар асоси супориши мақомоти таъқиботӣ, ки ба ҷамъоварии далел равона карда шудааст, танҳо тадқиқоти дахлдорро дар доираи донишҳои махсус анҷом медиҳад, ки натиҷаи тадқиқот бо хулоса ҷамъбаст карда мешавад. Бинобар ин фаъолияти экспертизаи судӣ барои ба даст овардани далел нигаронида мешавад. Амали тафтишотӣ дар фарқият аз экспертизаи судӣ амали мақсаднок буда, аз рӯи мазмун ва моҳият барои ба даст овардани далелҳои исботкунандаи айбдории шахс дар содир кардани кирдори гунаҳкорона ва зиддиҳуқуқӣ равона карда мешавад.

Таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки тарафдорони амали тафтишотӣ будани экспертизаи судӣ дар он асос ба чунин хулоса омаданд, ки мантиқи меъёрҳои алоҳидаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ онро ба чунин сифат муаррифӣ менамоянд. Чунончи шахсони мансабдори пешбарандаи таҳқиқ ва

тафтишоти пешакӣ бо оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ вазифадоранд, ки ба прокурор баробари қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, ҳамчунин маводҳои тафтишотӣ оид ба мустаҳкам кардани нишонаҳои ҷиноят ва муайян кардани шахси содиркунандаи он (азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, шаҳодаткунонӣ, таъин кардани экспертизаи судӣ) – протокол ва қарорҳои дахлдорро ба пуррагӣ пешниҳод кунанд [18, с. 144; 77, с. 20-25; 27, с. 77-56; 81, с. 50].

Нуктаи назари махсусан қобили таваҷҷуҳ ва дар ҳамон як вақт мухолифро А. Белкин пешниҳод менамояд. Муҳаққиқ экспертизаи судиро ба таври истисноӣ ҳамчун амали тафтишотӣ муайян карда, қайд менамояд, ки гузаронидани он мумкин аст берун аз доираи тафтишоти пешакӣ (масалан, аз рӯйи парвандаи ҷиноятии боздошта шуда) низ анҷом дода шавад. Баробари ин, муҳаққиқ иброз менамояд, ки экспертизаи судиро на муфаттиш, балки иштирокчии дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ мегузаронад, ки раванди он на бо шароити тактикӣ, балки бо шароити мушаххаси технологӣ муайян карда мешавад [16, с. 45-46].

Андешаи А. Белкин аз нигоҳи мантиқ аз ду қисми асосӣ ва мустақил иборат аст, ки дар нуктаи охирон ҳамдигарро мухолифат мекунанд. Дар қисми аввал муҳаққиқ экспертизаи судиро ҳамчун амали тафтишотӣ муайян мекунад, ки мумкин аст дар доираи парвандаи ҷиноятии боздошта шуда низ гузаронида шавад.

Қ. 2, м. 2 КМҶ ҶТ пешбинӣ мекунад, ки мурофиаи судии ҷиноятӣ барои таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирӣ кардани ҷиноят, эҳтироми қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ба амал баровардани адолати судӣ равона карда шудааст. Вобаста ба ин, тафтишот амали фаъолест, ки дар доираи парвандаи ҷиноятӣ гузаронидани ҳаракатҳои алоҳидаи мурофиавиро бо мақсади муайян ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси дар содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ гунаҳкор талаб менамояд. Ҳаракатҳои мурофиавӣ, аз ҷумла таъин ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ бояд дар доираи мӯҳлате

анҷом дода шаванд, ки бо м. 164 КМҶ ҶТ (дар назар дошта шудааст тафтиши пешакӣ) пешбинӣ гардидааст.

Дар мавриде, ки агар бо ҳаракатҳои мурофиавии гузаронидашуда:

– шахсе, ки бояд ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида шавад, муайян карда нашавад;

– дар ҳолате, ки айбдоршаванда аз тафтиш ё суд пинҳон шудааст ё бо сабабҳои дигар маҳалли будубоши ӯ муайян карда нашудааст;

– дар сурати ба бемории рӯҳӣ ё бемории дигари вазнин гирифтор шудани айбдоршаванда, ки аз ҷониби духтури муассисаи тиббии давлатӣ тасдиқ карда шудааст;

– дар сурате, ки маҳалли будубоши айбдоршаванда маълум аст, вале вобаста ба ҳалли масъалаи маҳрум кардани айбдоршаванда аз масуният ё супоридани ӯ ба давлати хориҷӣ, инчунин бинобар дар экспедитсия ё сафари хизматӣ зиёда аз ду моҳ буданаш имконияти воқеии иштироки ӯ дар парванда мавҷуд нест, шахси пешбарандаи тафтиши пешакӣ ҳуқуқ дорад пешбурди онро дар асоси қ. 1, м. 230 КМҶ ҶТ боз дорад [4].

Ҳангоми бо асосҳои пешбининамудаи қ. 1, м. 230 КМҶ ҶТ боздошт намудани тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ тибқи талаботи қ. 3, м. 231 КМҶ ҶТ оид ба парвандаи ҷиноятие, ки тафтиши он боздошта шудааст, гузаронидани амали тафтишотӣ мумкин нест.

Дар асоси таҳлили болозикр қайд кардан ҷоиз аст, ки нуктаи назари А. Белкин дар қисми эҳтимолияти гузаронида шудани экспертиза дар доираи парвандаи ҷиноятии боздоштшуда баҳснок буда, дурустии он зери эҳтимолият қарор дорад. Боиси инкор нест, ки ҳангоми аз тафтишот пинҳон шудани шахси дар содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ гунаҳкор, ӯ мавриди кофтуков қарор мегирад. Кофтукови шахси гунаҳкор амали алоҳида буда, гузаронидани экспертизаи судиро талаб намекунад.

Андешаи А. Белкин дар он қисм низ баҳснок ба назар мерасад, ки ӯ баробари амали тафтишотӣ эътироф кардани экспертизаи судӣ, на аз тарафи муфаттиш, балки аз тарафи иштирокчии дигари мурофиаи

ҷиноятӣ гузаронида шудани экспертизаи судиро қайд мекунад, ки асоси онро шароити технологӣ ташкил медиҳад.

Таҳлили меъёрҳои дахлдори КМҶ ҶТ оид ба тартиби пешбурди тафтиши пешакӣ шаҳодат медиҳад, ки иштирокчии марказии тафтиши пешакӣ муфаттиш буда, ҳамчун шахси мансабдори салоҳияти ҳокимиятӣ дошта ҳаракатҳои мурофиавии дахлдорро анҷом медиҳад. Коршинос ба чунин сифат ҳамчун иштирокии ёрирасон дар тафтиши пешакӣ баромад карда, наметавонад ба салоҳияти ҳокимиятӣ, ки тавонад ба ӯ барои қабул кардани қарори дахлдор имконият диҳад, умед бандад. Коршинос вобаста ба натиҷаи тадқиқот, ки дар асоси усулҳои моҳияти илмидошта гузаронида мешавад, имконияти қабул кардани хулосаро дорад, ки бояд бо тартиби муқарраршуда ба расмият даровarда шуда бошад.

Инак, бо назардошти он ки амали тафтишотӣ ҳаракати фаъол буда, бештар тобиши ҳокимиятӣ дорад ва аз тарафи иштирокчии калидии мурофиаи ҷиноятӣ – муфаттиш гузаронида мешавад, дар асоси омилҳои зерин ҳамчун амали тафтишотӣ эътироф карда шудани экспертизаи судӣ ба мақсад мувофиқ дониста намешавад:

а) амали тафтишотӣ ҳаракати мурофиавии аз тарафи шахси мансабдори пешбарандаи тафтишоти пешакӣ содиршаванда мебошад, ки барои қабул кардани қарорҳои мурофиавӣ салоҳиятдошта, барои иҷро аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ин қарорҳо ба онҳо равон карда шудааст, ҳатмӣ мебошад;

б) экспертизаи судӣ барои гузаронидани тадқиқоте равона карда шудааст, ки бештар ба тарзу усулҳои технологӣ асос ёфта, дар ин самт истифода гардидани меъёрҳои мурофиавӣ–ҷиноятиро, ки хоси амали тафтишотӣ буда, дар заминаи он қарор дорад, истисно менамояд. Бинобар ин, «экспертизаи судӣ аз тарафи коршиносони экспертизаи давлатии судӣ ва ё коршиносони дигар аз ҷумлаи шахсони дорандаи дониши махсус гузаронида мешавад. Яъне муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, суд бо таъин кардани экспертизаи судӣ, новобаста аз дониши махсус доштанашон дар соҳаи алоҳида ва пайдо кардани ҷавоб ба

саволҳои дар назди коршиноси судӣ гузошташуда, бояд ҳатман барои гузаронидани экспертизаи судӣ дигар шахс (коршинос)–ро ҷалб намоянд» [75, с. 203-204].

в) гарчанде, ки тартиб ва асосҳои таъин намудани экспертизаи судӣ бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровварда шудааст, ин хислати «муқаддимавӣ» дошта, ҳамаи ҷанбаҳои экспертизаи судиро фаро намегирад. Яъне қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо таъин намудани экспертизаи судӣ маҳдуд гардида, ҷараёни гузаронидани онро ба танзим намедарорад. Коршинос дар фаъолияти худ мустақил буда, тарз ва усули гузаронидани экспертизаро мутобиқи салоҳдиди худ муайян менамояд. Хулосаи коршинос мувофиқи қонунгузории мурофиавӣ бо назардошти дақиқӣ, беғаразӣ ва пуррагӣ гузаронида шуда, самарабахши ва бунёди усулҳои истифодашудаи экспертиза арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, коршинос барои хулосаи додаи худ масъулиятро ба зимма гирифта, аз фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани хулосаи ғалат ва бардурӯғ тибқи м. 351 КҶ ҶТ огоҳ карда мешавад.

Ҳамчун далели тасдиққунандаи дурустии мавқеи илмии намояндагони гурӯҳи сеюми андешаҳо оид ба моҳияти экспертизаи судӣ, метавонем нуктаи назари Т. Сахноваро ваҷҳ орем, ки ӯ экспертизаро ба сифати тадқиқоти эмприкии объектҳои мустақил муайян менамояд, ки аз тарафи шахси дорандаи дониши махсус (коршинос) бо истифода аз методикаҳои махсус, ки дорои ҳадафи ба даст овардани дониши нав мебошад, гузаронида мешавад [44, с. 346].

Мусаллам аст, ки экспертизаи судӣ чун амали мурофиавӣ аз ҷониби қонунҳои мурофиавӣ ба танзим даровварда шуда, раванди баргузор намудани он тавассути санадҳои зерқонунӣ ё санадҳои идоравӣ мавриди танзим қарор дода шуда буд. Вале бинобар он, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дар асоси Конститутсия давлати демокративу ҳуқуқбунёд эълон шуда, мақоми инсон дар мурофиаҳо ба ҳайси тарафи баробарҳуқуқ эътироф шуд ва мебоист, ки онҳо низ тавонанд барои дифо аз ҳуқуқ ва манфиатҳояшон мустақилона аз хидмати коршиносон истифода кунанд,

ҳамчунин ба хотири босамар ташкил намудани фаъолияти муассисаҳои экспертӣ ва даҳҳо дигар масъалаҳои раванди ташкил ва гузаронидани экспертиза зарурият ба миён омада буд, ки қонуни алоҳида қабул карда шавад.

«Аҳамияти экспертизаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, чун қоида, дар он зоҳир мегардад, ки вай яке аз тарзҳои асосии ба даст овардани далел ба шумор меравад. Тадқиқоти экспертӣ, мустақиман, дар раванди исботнамоӣ ҳамчун унсури таркибии он ба амал бароварда мешавад ва ба ҳамон як ҳадаф – муқаррар кардани ҳақиқат аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ тобеъ мебошад» [91, с. 187].

Таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин тафтишоти судӣ ба далел асос ёфта, заминаи мустаҳками исботнамоии гунаҳкории шахс дар содир кардани кирдори бо КҶ ҶТ манъ кардашуда ба шумор меравад.

Мафҳуми расмии далел дар қ. 1, м. 72 КМҶ ҶТ дода шудааст, ки мувофиқи он далел оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор меравад, ки дар асоси он суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи Кодекс мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хафнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оиди парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамият доштаро муқаррар мекунанд [4].

Қ. 2 моддаи мазкур номгӯи маълумоти воқеиеро номбар мекунад, ки мумкин аст тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҳамчун далел эътироф карда шаванд. Чунончи нишондодҳои шоҳид, ҷабрдида, гумонбар, айбдоршаванда, судшаванда, хулоса ва нишондоди коршинос, хулоса ва нишондоди мутахассис, далели шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабти пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофон [4].

Дар байни маълумоти воқеие, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба сифати далел эътироф менамояд, хулосаи коршинос мавқеъ ва аҳамияти махсус дорад. Мутобиқи таҷрибаи судӣ ва тафтиши пешакӣ,

хулосаи коршинос аз ҷониби муфаттиш, айбдоркунандаи давлатӣ ва суд бидуни ягон баҳс қабул карда мешавад. Масалан, хулосаи коршинос, ки аз рӯйи ҳолатҳои муайяннамудаи м. 209 КМҶ ҶТ дода шудааст. Бо назардошти ин, Т. Иванова ва В. Карпинский дуруст қайд менамоянд, ки «аз рӯи парвандаҳои ҷиноятии алоҳида хулосаи коршинос метавонад далели ягонаи асосноккунандаи механизми содиршавии ҷиноят аз нуктаи назари илм, қонунҳои физика, математика, механика ва м.и. бошад, ки мумкин аст хилофи нишондоди айбдоршаванда буда, бо нишондоди шоҳидони алоҳида мустаҳкам нагардад».

Хулосаи коршинос ба сифати далел дар мурофиаи ҷиноятӣ аз дигар сарчашмаҳои далел фарқияти куллӣ дорад. Вазифаи асосии гузаронидани экспертизаи судиро дар мурофиаи ҷиноятӣ ба даст овардани маълумоти нав ё дониши нав ташкил медиҳад. Чунин маълумот ё дониш метавонад дар натиҷаи гузаронидани тадқиқ аз ҷониби коршинос ҳосил гардад. Бинобар ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» вазифаи экспертизаи судиро муайян намудани ҳолатҳое муқаррар кардааст, ки онҳо бо қарори суд, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, ҳамчунин дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба воситаи ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ бояд исбот карда шаванд [9].

Нуктаи муҳим ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ дар он аст, ки коршинос қаблан хислати айбдоркунанда ё сафедкунанда доштани маълумоти (донишҳои) навро, ки вобаста ба тадқиқоти гузаронидашуда ҳосил мегарданд, намедонад. Коршинос маълумоти (донишҳои) нави дар доираи тадқиқоти гузаронидашуда ҳосилгардидаро дар шакли хулоса мустаҳкам менамояд, ки онҳо аз лаҳзаи дар чунин шакл мустаҳкам шуданашон мақоми сарчашмаи далелро соҳиб мегарданд.

Бо вуҷуди ин, наметавонем онро истисно намоем, ки мушкилоти истифода шудани донишҳои махсус дар раванди тафтишот ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба худ мудом диққати намояндагони назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятиро ҷалб менамояд [127].

Зеро мушкилоти алоқаманд ба истифода шудани донишҳои мушаххас талаб менамоянд, ки ба саволҳои зерин ҷавоби мушаххас ва бебаҳс пайдо карда шаванд:

а) хулосаи коршинос аз кадом лаҳза метавонад мақоми сарчашмаи далелро пайдо намояд;

б) оё хулосаи коршинос ҳама вақт ба маълумоти воқеӣ асос меёбад ва он метавонад далели бебаҳс бошад;

в) табиати донишҳои махсуси истифодашаванда чигуна аст ва он бо донишҳои ҳуқуқӣ чигуна таносуб дорад.

Ҳолатҳои мазкур ҳадди ниҳоӣ нестанд. Гузашти вақт, пайдо шудани муносибатҳои ҷамъиятии нав, ба марҳилаҳои нави ташаккул баромадани раванди мурофиаи ҷиноятӣ, шаклу усул ва тарзҳои нави содиршавиро касб намудани кирдорҳои бо қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардашуда метавонанд дар назди экспертизаи судӣ мушкилоти гуногунеро эҷод намоянд, ки онҳо бидуни шубҳа нисбати худ пайдо намудани ҷавобҳои мушаххасро талаб менамоянд.

Пайдо намудани ҷавобҳои мушаххас ба ҳолатҳои номбаршуда талаб менамоянд, ки тадқиқоти илмӣ зиёд кардашуда, ҷанбаҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Ҳамчунин дар ин раванд таҳлил гардидани донишҳои нави дар натиҷаи тадқиқот ба даст омада, коркард гардидани консепсияи нави экспертизаи судӣ истисно шуда наметавонанд.

Қобили тазаккур аст, ки чунин равандро метавонанд ҷой надоштани таълимоти ягонаи эътирофшуда оид ба экспертизаи судӣ ва мақоми мурофиавии ҷиноятии он мураккаб гардонанд. Аз ин хотир В.С. Латипов дар асоси таҳлили ҷанбаи мурофиавӣ–ҷиноятии экспертизаи судӣ дар шароити ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ, эҳтиёҷоти онро ба таҳлили пурра ва ҷузъии комил қайд менамояд [80, с. с. 121]. Ба андешаи В.С. Латипов мазмуни фаъолияти судӣ–экспертӣ ҳамчунин ташкили тадқиқотро дар соҳаи экспертизаи судӣ, таъминоти илмӣ–методӣ ва ташкилии экспертизаи судӣ, интихоби кадрҳо, таълими касбии онҳо,

таҳсилот, тасдиқи салоҳиятнокӣ, такмили ихтисосро дар бар мегирад [84, с. 121].

Ин омилҳо ҳангоми муайян кардани далели бебаҳсии хулосаи коршинос ба сифати далел аҳамияти калидӣ доранд. Зеро сатҳ ва сифати хулоса аз салоҳиятнокии коршинос ва донишҳои касбии ӯ алоқамандии зич дорад. Бинобар ин А.Н. Петрухина дуруст қайд менамояд, ки «таҷрибаи судӣ ҳолатҳои зиёди рад гардидани хулосаи коршиносро ба сифати далел аз рӯи парвандаҳои оғозгардида бо он асос дар хотир дорад, ки коршинос ҳангоми асосноксозии хулоса аз ҳадди донишҳои худ берун баромада, функсияи ба коршинос хос набудаи мақомоти судӣ ва тафтишоти пешакиро оиди баҳодод намудани далелҳои дар парванда мавҷудбуда аз худ кардааст» [92, с. 23-24].

Моддаи 72 КМҶ ҶТ маълумоти ба сифати далел баромадкунандаро муайян намуда, бартарияти якеро нисбат ба дигаре муқаррар наменамояд. Онҳо қурб ва манзалати якхела дошта, дар доираи парвандаи ҷиноятӣ ба таври умумӣ баҳодод карда мешаванд.

Дар ҳолатҳои алоҳида афзалият ва аҳамиятнокии хулосаи коршиносро қайд кардан зарур аст. Чунончи, ҳангоми пешбурди тафтиши пешакӣ вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ (масалан, одамкушӣ), озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ (масалан, ҳаракати бадахлоқона).

Мавҷудияти сарчашмаҳои гуногуни далел дар намуди нишондодҳо, аз ҷумла нишондоди шоҳидон наметавонанд гунаҳкории шахсро дар содир кардани ҷинояти мазкур бевосита тасдиқ намоянд. Онҳо ба сифати далели ғайримустақим баромад карда, эҳтиёҷоти тафтиши пешакиро ба далели мустақим муайян мекунанд. Ҳолати мазкур махсусан мубрам мегардад агар сухан дар бораи маҷмӯи ҷиноятҳо равад. Чунончи, аз ҳаёт маҳрум кардани шахс баъд аз таҷовуз ба номус ё ҳаракати зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонӣ. Таъин гардидани экспертизаи судӣ ва гузаронидани он аз рӯи намунаҳо дар гунаҳкории шахс нуктаи ниҳоиро мегузорад.

Дар ҳолатҳои алоҳида ба сифати сарчашмаи далел пайдо кардани бартариятро аз ҷониби хулосаи коршинос ба таври зерин таҳлил кардан мумкин аст:

а) дода шудани хулоса аз ҷониби шахсоне, ки дорои дониши махсуси касбӣ, собиқаи кории кофӣ дар соҳаи муайяни илм ва техника, санъат ва дигар соҳа мебошанд;

б) хулоса бо мавҷудияти дониши махсус дар коршинос, ки тарафҳо барандаи чунин дониш нестанд, асоснок карда мешавад.

Онро бояд ба инобат гирифт, ки «омили муҳими танзими ҳуқуқии ... падидаи экспертизаи судӣ он ба шумор меравад, ки дар раванди ҷалби донишҳои махсуси экспертӣ ... ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсоне, ки дар раванди исботнамоии мурофиавӣ мақоми иштирокчиёни мурофиаро, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ҳифз менамоянд ... ва мақоми шахсони дигарро соҳиб мегарданд, дахл мегарданд» [136]. Бинобар ин, экспертизаи судӣ бояд дар ҳудуд ва шакле гузаронида шавад, ки онро қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

Ҳамин тавр, моҳияти экспертизаи судиро ҳамчун воситаи мустақими исботнамоӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян кардан мумкин аст, ки дар гузаронидани тадқиқи маводҳои моддии дар ихтиёри коршинос вогузоршуда зоҳир гардида, дар шакли хулоса аз натиҷаи тадқиқи гузаронидашуда ба расмият даровarda мешавад.

Бо тартиби муқарраршуда гузаронида шудани экспертизаи судӣ имконияти пайдо кардани донишҳои навро пайгирӣ намуда, хислати ҳатмӣ доштани чунин донишҳоро шарт намекунад. Яъне, экспертизаи судӣ на ҳама вақт бо ба даст овардани донишҳои (маълумоти) нав алоқаманд аст. Бинобар ин хулосаи коршинос аксар вақт хислати эҳтимолӣ дошта, наметавонад масъалаи ба миён гузошта шударо ба таври қатъӣ ҳаллу фасл намояд. Барои ин метавонад омилҳои комилан гуногун: шароити гузаронидани экспертиза, воситаҳои истифодашаванда, тарзу усули экспертиза, намунаҳои барои

гузаронидани экспертиза пешниҳодгардида ва м.и. таъсир расонанд [63, с. 23-28].

Вобаста ба гуфтаҳои боло, бо назардошти нуктаи назар ва андешаҳои баённамудаи намояндагони илмҳои ҳуқуқ, мафҳумҳои зерини экспертизаи судиро пешниҳод кардан мумкин аст:

«Экспертизаи судӣ гуфта фаъолияти мурофиавиеро меноманд, ки дар асоси қарори мақомоти таъқиботӣ ва ё суд бо ёрии коршинос, ки дорои донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ва касбу ҳунар буда, бо истифода аз усулҳои махсус ҳолатҳоеро муайян менамояд, ки исбот карда шудани онҳо муҳим аст».

## 1.2. Намудҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ

Таъин намудан ва гузаронидани экспертизаи судӣ қисми таркибии мурофиаи ҷиноятӣ, бахусус тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ буда, гузаронидани он ҳамчун қоида раванди мураккаб ва заҳматталаб мебошад. Аз ин ҷо, ба анҷом расонидани экспертизаи судӣ дар ҳолатҳои алоҳида иҷро намудани корҳои тадқиқии миқёсан калон ва мураккабро талаб мекунад. Вобаста ба ин, экспертизаи судӣ на амали мурофиавӣ ва на амали тафтишотӣ буда, ба сифати амале баромад мекунад, ки дар алоҳидагӣ аз ҳамаи дигар амалҳои мурофиавӣ ва тафтишотӣ иҷро карда шуда, дар назди худ барқарор кардани ҳақиқатро аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ мақсад мегузорад. Барои чунин хулоса намудан метавонад ҳолатҳои зерин мусоидат намоянд:

а) барои гузаронидани экспертизаи судӣ доштани донишҳои махсус дар соҳаҳои гуногуни илму техника, санъат ва дигар касбу ҳунар талаб карда мешавад. Дар шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ мавҷуд будани чунин донишҳо ва аз тарафи ин шахсон мустақилона пайдо кардани ҷавоб ба масъалаҳои ҷойдошта, онҳоро аз таъин намудан ва гузаронидани экспертизаи судӣ озод карда наметавонад;

б) экспертизаи судӣ аз тарафи шахсон ва ташкилоте гузаронида мешавад, ки онҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, барқарор кардани ҳақиқат аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолатҳои дигари барои кор аҳамиятдошта (масалан, дар доираи мурофиаи судии граждани) мақсади онҳо мебошад;

в) ҳадафи экспертизаи судӣ муайян кардани ҳолат ва механизме мебошад, ки вобаста ба он кирдори зиддиҳуқуқӣ содир карда шудааст.

Бо назардошти хусусиятҳои зикршудаи экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Он имконият медиҳад, ки далелҳо баҳо додашуда, ба далелҳои аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа тасниф карда шаванд. Ғайр аз ин, экспертизаи судӣ дорои аҳамияти бузурги исботнамоӣ мебошад» [122]. Аз ин хотир, айбдоркунӣ

дар мурофиаи судии ҷиноятӣ бе ягон шубҳа аксар вақт маҳз ба хулосаи коршинос асос меёбад [123].

Экспертизаи судӣ аз тарафи коршиносони экспертизаи давлатии судӣ ё коршиносони дигар аз ҷумла шахсони дорандаи дониши махсус гузаронида мешавад. Яъне муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор, суд, бо таъин кардани экспертизаи судӣ, новобаста аз дониши махсус доштан дар соҳаи алоҳида ва пайдо кардан ба саволҳои дар назди коршиноси судӣ гузошташуда, бояд ҳатман барои гузаронидани экспертизаи судӣ дигар шахс (коршинос)–ро ҷалб намояд [21, с. 203-204].

Гарчанде ки дар низоми мурофиаи судии ҷиноятӣ ба экспертизаҳои судӣ нақши махсус ва муҳим дода мешавад, лекин, онҳо вобаста ба моҳияти худ мақоми ягона надошта, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Агар гурӯҳи аввали экспертизаҳои судӣ танҳо барои мустаҳкам намудани нишонаҳои ҷиноят (асосҳои исботнамоии мавҷуда) мусоидат намоянд (масалан, экспертизаи пайшиносӣ), гурӯҳи дигар ва қисми бештари экспертизаҳои судӣ аз рӯйи мазмун ва моҳият экспертизаи мустақил ва гуфтан мумкин аст комил буда, метавонад ба рафти тафтишоти пешакӣ ва дар ниҳояти кор ба раванди мурофиаи судии ҷиноятӣ ба таври ҷиддӣ ва назаррас таъсир расонанд. Масалан, экспертизаи судӣ–хатшиносӣ. Вобаста ба ин, «яке аз масъалаҳои мубрами таъмини илмӣ–методии фаъолияти экспертизаҳои судӣ, таснифи экспертизаҳои судӣ ба шумор меравад, ки ба таҷрибаи омӯхташудаи амалӣ ва дастовардҳо асос ёфтаанд» [628, с. 143].

Аксар намояндагони илми ҳуқуқ, ки экспертизаҳои судиро дар ин ё он дараҷа мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор додаанд, дар он ақидаанд, ки таснифи экспертизаҳои судӣ барои муайян кардани намуд ва зернамудҳои экспертизаи судии дар муассисаҳои экспертӣ гузаронидашаванда, ояндабинӣ кардани рушд ва модификатсияи онҳо, осон гардонидани таҳияи барномаҳои соҳавии рушди назария ва амалияи тадқиқоти экспертӣ, муқаррар кардани омодасозӣ ва азнавтайёркунии коршиносони баландихтисос мусоидат намуда, ба

шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, суд, прокурор, муфаттиш дар интихоби дурусти намудҳои дахлдори экспертизаи судӣ кӯмак мерасонад [21, с. 55; 23, с. 54-55; 25, с. 31].

Аз таснифи дуруст ва самараноки экспертизаҳои судӣ, инчунин интихоби муассисаҳои экспертӣ ва ё коршиносони баландихтисос вобастагии бевосита доранд, ки онҳо дар ниҳояти кор метавонанд барои муайян намудани самтҳои нави тадқиқот ё таъсис дода шудани намудҳои нави экспертизаи судӣ бо назардошти ташаккулёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки қаблан барои назарияи ҳуқуқ маълум набуданд, мусоидат кунанд. Масалан, дар низоми сохтори таркибии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудани экспертизаи судии овозшиносӣ.

Дар мавриди гузаронидани таснифи экспертизаҳои судӣ муносибати дуруст нисбат ба омилҳои таъсиррасон мавқеи калидӣ ва ҳалкунандаро дорад. Намояндагони назарияи ҳуқуқ ба он нуктаи назаранд, ки ҳангоми гузаронидани таснифи экспертизаҳои судӣ, такя намудан ба меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи фаъолияти муассисаҳои экспертӣ ва махсусиятҳои экспертизаҳои судии гузаронидашаванда ба мақсад мувофиқ దониста мешавад. Ин намояндагон дар ҳамон як вақт ба сифати омили таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ баромад кардани донишҳои махсусро истисно намекунанд. Яъне, агар аз нигоҳи гурӯҳи аввали намояндагони назарияи ҳуқуқ ба сифати омили таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои экспертӣ баромад намоянд, гурӯҳи дигари намояндагон андеша доранд, ки дар ин раванд донишҳои махсус, ки ҳангоми гузаронидани тадқиқи масъалаҳои дар назди коршинос гузошташуда омили калидӣ ба шумор мераванд, нақши марказӣ доранд. Чунончи, Р. Белкин қайд мекунад, ки ба сифати нишонаи маҳдудкунандаи як намуди экспертиза аз намуди дигараш дониши махсус баромад мекунад, ки ҳангоми баррасии вазифаҳои намуди мазкури экспертизаи судӣ нақши доманадорро иҷро менамояд [17, с.

324]. Р. Белкин дар мавриди ба чунин хулоса омадан такяи асосиро ба нуктаи назари А. Шляхов додааст, ки вай ҳангоми таснифи экспертизаҳои судӣ се нишонаи муҳим: предмет, объект ва методикаи гузаронидани тадқиқотро ба инобат гирифтааст [104, с. 27-28]. А. Шляхов бо муайян кардани нишонаҳои фарққунонандаи экспертизаҳои судӣ, таҳти мафҳуми методикаи тадқиқоти экспертӣ фаҳмида шудани мазмун ва пай дар пайии мантиқии усулҳои ба он дохилшавандаро пешниҳод менамояд [53, с. 7-10].

Дар байни муҳаққиқони омилҳои маҳдудкунандаи як намуди экспертиза аз намуди дигараш, на ҳамаи онҳо ба сифати омили таснифсозандаи экспертизаҳои судӣ истифода шудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти муассисаҳои экспертӣ, бахусус санадҳои меъёрии зериқонунии дар доираи фаъолияти ин муассисаҳо қабул гардидаро дуруст мешуморанд. Масалан, С. Воронин ба он нуктаи назар аст, ки «санадҳои зериқонунии муассисаҳои давлатии дорои салоҳияти гузаронидани экспертиза, дар худ муносибатҳои умумиро (таснифот) оид ба навъ ва намудҳои экспертизаҳои судӣ фаро намегиранд, ки ин дар татбиқи санадҳои мазкур мухолифатро ба вуҷуд меорад» [72, с. 89].

Омилҳои нисбатан васеи маҳдудкунандаи намудҳои мухталифи экспертизаҳои судиро Н. Бурвиков номбар менамояд. Аз нигоҳи ӯ «дар замони муосир дар назарияи экспертизаҳои судӣ нисбат ба таснифоти экспертизаҳои судӣ шумораи зиёди андеша ва нуктаи назарҳо ҷой доранд. Аз ҷумла, дар назария мавқеи илмии аз ҳама бештар паҳн гардидаро он нуктаи назар ишғол кардааст, ки тибқи он таснифи экспертизаҳои судӣ дар асоси ду омилҳои калидӣ ба амал бароварда мешавад: омилҳои ташкилӣ–мурофиавӣ ва инчунин таснифоти маҷмӯӣ аз рӯйи чунин омилҳо ба монанди предмет, объект, метод ва соҳаи донишҳои махсус» [69, с. 37–38].

Таҳлилу баррасии сарчашмаҳои илмӣ оид ба экспертизаҳои судӣ аз он далолат медиҳанд, ки бештари таснифоти гузаронидашуда оид ба

экспертизаҳои судӣ ба таснифоти илмие асос ёфтаанд, ки ҳанӯз солҳои 70–ум аз тарафи олими шинохта А. Шляхов пешниҳод гардида буд. Мавриди қайд аст, ки омилҳои таснифкунандаи экспертизаҳои судии аз тарафи А. Шляхов пешниҳод гардида хислати зинавӣ дошта, дар ҳамин шакл гузаронида шудааст. Ӯ зинаҳои зерини таснифотиро ба мақсад мувофиқ медонад: дараҷа, навъ, намуд, зернамуд [52].

А. Зинин, Н. Майлис мавқеи илмии пешниҳодкардаи А. Шляховро дастгирӣ намуда, қайд мекунанд, ки маҳдудгардонии экспертизаҳои судӣ ба дараҷа, навъ, намуд, зернамуд барои фаъолияти экспертизаҳои судӣ дорои аҳамияти зерин мебошанд:

а) барои муайян кардани навъ ва намудҳои экспертиза, ки гузаронидани он бояд дар муассисаҳои экспертӣ ташкил карда шавад, бароиояндабинӣ намудани ташкили экспертизаҳои судии нав кӯмак мерасонад;

б) таҳияи нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмӯҳлати корҳои илмӣ–тадқиқотиро барои рушди назария ва методикаи тадқиқоти экспертӣ сабук мегардонад;

в) омодакунӣ ва азнавтайёркунии кадрҳои экспертӣ, салоҳият ва ихтисосмандии онҳоро аз нав муайян менамояд;

г) ба шахси таъинкунандаи экспертизаи судӣ дар интихоби дурусти навъи (намуди) дахлдори экспертиза мусоидат менамояд [23, с. 54-55].

Мавриди зикр аст, ки «тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ гузаронидани на фақат амалҳои тафтишотӣ ва экспериментҳоро, ки дар асоси онҳо муфаттиш ва таҳқиқбаранда қарорҳои субъективии баҳодиҳанда қабул мекунанд, инчунин ба ин раванд ҷалб карда шудани коршиносони мустақил ва объективиро талаб менамояд.

Коршиносони мустақил ва объективии ба ин раванд ҷалб шуда ҳамчун мутахассисони соҳаи маҳдуди илмӣ, санҷишҳои гуногуни барои муайян кардани ин ё он сабаб ва ҳолатҳо нигаронидашударо мегузаронанд, ки онҳо мустақиман ба моҳияти парвандаҳои ҷиноятии тафтишшаванда алоқаманд мебошанд» [123]. Вобаста ба ин, мутобиқ ба

таҳлилҳои гузаронидашуда қайд намудан мумкин аст, ки андешаҳои овардашудаи намояндагони назарияи экспертизаҳои судӣ бештар, гуфтан мумкин аст, хусусияти шартӣ дошта, наметавонанд ҳамчун нуктаи назар ва ё омилҳои ягона оид ба таснифоти экспертизаҳои судӣ қабул карда шаванд. Ҳар як намояндагони назарияи экспертизаҳои судӣ дар мавқеи илмии худ оид ба омилҳои таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ ҳақ буда, онро то ба ҳадди имкон бо овардани ваҷҳҳои эътимоднок асоснок кардаанд. Ин бо он асоснок шуда метавонад, ки соҳа ва зерсоҳаи илмӣ ҳарчи қадаре, ки зиёд бошад, намуд ва омилҳои таъсиррасон ба таснифоти экспертизаҳои судӣ ҳамон қадар зиёд хоҳад шуд. Чунин раванд бахусус дар шароити ташаккулёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар партави ҷаҳонишавӣ, ки мақоми калидиро техника ва технология, пайдо шудани муносибатҳои қаблан барои ҷомеа маълум набуда, ба монанди қонунигардонии маблағе, ки бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст, ҷиноятҳо дар соҳаи кибернетика, содир намудани ҷиноят бо истифода аз вирусҳои гуногун ва ғ. ташкил медиҳанд, бағоят назаррас аст.

Бо такя ба адабиёти ҳуқуқӣ нуктаи назар ва андешаҳои намояндагони назарияи экспертизаҳои судиро вобаста ба таснифи падидаи ҳуқуқии тадқиқшаванда ба таври зерин овардан мумкин аст:

М. Алексанян бо мавриди омӯзиш қарор додани омилҳои таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ, падидаи мазкурро ба экспертизаҳои судӣ ва идоравӣ ҷудо менамояд. Дар ин маврид, ӯ ба ҷумлаи экспертизаҳои судӣ танҳо ҳамон экспертизаҳоеро шомил мекунад, ки аз тарафи муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, суд ва нотариус дар доираи расмиёти мурофиаи судии ҷиноятӣ, гражданӣ ва маъмурӣ таъин ва гузаронида мешаванд. Баробари ин, ӯ иброз медорад, ки аксарияти экспертизаҳоро чунин экспертизаҳое ташкил медиҳанд, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, дар асоси қарор дар бораи таъин намудани экспертиза, ки аз тарафи мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва суд дар доираи салоҳияти бо қонунгузорӣ ба зиммаи онҳо

вогузор гардида қабул карда шудааст, гузаронида мешаванд [62, 143-144].

М. Алексанян бо кушода додани мафҳуми экспертизаи судӣ ва номбар кардани намудҳои он, мафҳуми экспертизаи идоравиро кушода намедиҳад, гарчанде, ки мавҷудияти онро эътироф менамояд.

Он чиз ба назар мерасад, ки тасниф намудани экспертизаҳои судӣ ба экспертизаи судӣ ва идоравӣ, бахусус ба таври алоҳида фарқ карда шудани экпертизаи идоравӣ на он қадар бомуваффақият анҷом дода шудааст.

Тибқи луғати тафсирии забони русӣ таҳти мафҳуми «идоравӣ» танҳо бо доираи манфиати муассиса, идора маҳдуд шудан фаҳмида мешавад. Бо назардошти он, ки на танҳо қонунгузории кишвар, инчунин қонунгузории мамлакатҳои дигар, масалан Ҷумҳурии Ўзбекистон ба сифати яке аз асоси роҳбарикунандаи фаъолияти экспертизаҳои судӣ мустақилияти коршиносро муқаррар менамояд, ҳамчун намуди алоҳидаи экспертизаҳои судӣ фарқ карда шудани «экспертизаи идоравӣ», беғаразӣ ва бетарафии коршиносро таҳти шубҳа қарор медиҳад. Ҷой доштани ғараз дар фаъолияти коршинос ба мақсад мувофиқ набуда, адолати судиро таъсири манфӣ мерасонад.

М. Алексанян ба истисної ду намуди экспертизаҳои судӣ – экспертизаи судӣ ва идоравӣ, инчунин гузаронида шудани таснифоти экспертизаро вобаста ба омилҳои ташкилӣ–мурофиавӣ, илмӣ–методӣ ва дигар омилҳо, аз ҷумла вобаста ба ҳайати коршиносон, пай дар пайии тадқиқоти гузаронидашаванда, ҷойи гузаронидани экспертиза, таркиби донишҳои истифодашаванда, соҳаи донишҳои истифодашаванда, объекти тадқиқот ва хислати тадқиқоти пешбинишаванда ва вазифаҳои гузошташуда пешниҳод намудааст [62, с. 144].

Н. Бурвиков соҳаи донишҳои махсусро ҳамчун омили таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, онро ба мақсад мувофиқ намешуморад. Ба андешаи ӯ «таҳлили адабиёти махсуси соҳавӣ нишон медиҳад, ки омили илмии

таснифкунандаи мазкур дар доираҳои илмӣ бинобар сабаби асосҳои зерин баҳсҳои муайянро заминагузорӣ мекунад: асосҳои таснифкунанда ва мушкилоти бо ин алоқаманди мансубдонии ин ё он намудҳои экспертиза ба ҷумлаи экспертизаҳои криминалистӣ» [70, с. 38]. Н. Бурвиков ба таври асосӣ мавқеи илмии худро дар асоси такя ба нуктаи назари Т. Моисеева асоснок менамояд.

Т. Моисеева нисбати ин омили таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ андешаи худро баён намуда, дар ниҳояти кор баҳснок будани ин омилро ба ташаккулёбии намудҳои нави экспертизаҳо (дар назар дошта шудааст пайдо шудани объектҳо ва методҳои нави тадқиқоти экспертӣ) ва зарурияти муайян намудани мақоми онҳо дар низоми умумии экспертизаҳои судӣ алоқаманд мекунад [86, с. 8].

Агар ба андешаи Т. Моисеева аз нигоҳи мантиқӣ ба донишҳои махсус ҳамчун асоси экспертизаҳои судӣ муносибат намоем, натиҷаи хулосабарорӣ метавонад мавқеи илмии Т. Моисееваро инкор намояд. Ин бо он асоснок карда мешавад, ки тадқиқи ҳамагуна объектҳо, аз ҷумла объектҳои нав ба вуҷуд омада мавҷудияти донишҳои махсусро талаб мекунад, ки дар заминаи онҳо методҳои гузаронидани тадқиқот коркард карда мешаванд. Ғайр аз ин, новобаста аз оне, ки тадқиқот дар кадом самт ё соҳа гузаронида мешавад, ба таври ногузир дар шахси пешбарандаи экспертизаҳои судӣ мавҷуд будани донишҳои махсусро талаб менамояд, ки мутобиқ ба талаботи замони нав аз худ карда мешавад. Чунончи, вобаста ба ташаккулёбии муносибатҳои ҷамъиятии нав ташкил карда шудани намудҳои нави экспертиза. Дар ин манзар наметавонем нуктаи назари Д. Артюшенкоро сарфи назар намоем. Ӯ ба мушкилот дар ибораи «илмҳои матлаби судӣ» ишора карда, қайд менамояд, ки ибораи мазкур эҳтиёҷ ба ислоҳнамоӣ дорад. Якум, истифодаи сифати «матлабӣ» барзиёд аст, зеро агар сухан дар бораи илм, соҳаи дониш ё назарияи алоҳида равад, пас, маълум аст, ки дар он объект ва предмети идрок вуҷуд дорад.

Д. Артюшенко андешаи худро идома дода, қайд мекунад, ки аз тарафи А. Винберг ва Н. Малаховский истифода гардидани сифати «матлабӣ» бо зарурияти маҳдудсозии намудҳои алоҳидаи «илмҳои судӣ» аз «илмҳои умумӣ» дар бораи экспертизаҳои судӣ – экспертология хусусиятнок карда мешавад. Лекин, вобаста ба оне, ки нақши чунин илми умумиро дар шароити муосир назарияи умумии экспертизаҳои судӣ иҷро мекунад, истифодаи сифати «мавзуӣ» талаб карда намешавад.

Дуюм, ба ҷойи истилоҳи «илмҳои судӣ» истифода гардидани истилоҳи «илмҳои судӣ–экспертӣ» нисбатан возеҳтар аст. Охирон ба он ишора мекунад, ки дар раванди тафтишоти пешакӣ, баррасӣ ва ҳалли парванда бо роҳи ҷалби шахсони барандаи донишҳои махсус барои иштирок дар тафтишот, маҳз донишҳои махсус истифода бурда мешаванд. Яъне мо бо истифодаи ибораҳои «судӣ–экспертӣ» метавонем ин илмҳоро аз илмҳои ҳуқуқӣ, ки метавонанд дар ҳамон як вақт ба сифати «судӣ» баррасӣ гарданд, маҳдуд намоем [65, с. 194-195].

Бо ба инобат гирифтани нуктаи назари Д. Артюшенко қайд кардан мумкин аст, ки донишҳои махсус метавонанд на танҳо ба сифати омили таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ, инчунин ба сифати омили маҳдудкунандаи илмҳои судӣ–экспертӣ аз илмҳои ҳуқуқӣ баромад намоянд. Инро мушаххас мутобиқ ба андешаи А. Мишин баён намудан мумкин аст: «таҳти мафҳуми донишҳои махсус бояд донишҳое фаҳмида шаванд, ки ба намудҳои гуногуни фаъолият хос буда, тавассути аз худ намудани таҳсилот ва малакаи амалӣ ба даст омада, барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои дар раванди истеҳсолоти судӣ ба миён оянда зарур мебошанд. Ба донишҳои махсус наметавонанд донишҳои дастрас умумӣ ва маълум, инчунин донишҳои ҳуқуқӣ дохил шаванд» [37, с. 5]. Мутобиқ ба ин, новобаста аз оне, ки дар кадом замон ва дар кадом давр кадом намуди экспертиза ташаккул меёбад, асоси заминавии онро дониши махсус ташкил медиҳад. Набудани донишҳои махсус дар соҳаҳои алоҳидаи илм, техника, санъат ва дигар касбу ҳунар, ки мавҷуд будани он аз тарафи комиссияи махсуси тахассусӣ муайян карда мешавад, барои

аз тарафи шахс гузаронидани экспертизаи судӣ дар ин самт имконият намедиҳад. Агар ба таври мушаххас ва возеҳтар хулосабарорӣ карда шавад, ҳамагуна намуди экспертизаи судӣ маҳз ба донишҳои махсус асос ёфтааст, ки аз ҳамдигар фақат бо самти истифодашавандаи донишҳои махсус фарқ мекунанд: дониши махсус оид ба гузаронидани экспертизаи пайшиносӣ, дониши махсус оид ба гузаронидани экспертизаи баллистикӣ, дониши махсус оид ба гузаронидани экспертизаи нақлиётӣ, дониши махсус оид ба гузаронидани экспертизаи хатшиносӣ ва м.и. Бинобар ин, аз тарафи намояндагони алоҳидаи назарияи экспертизаҳои судӣ рад гардидани соҳаҳои донишҳои махсус ҳамчун омили таснифкунанда дуруст шуморида намешавад.

Дар замони муосир оид ба таснифи экспертизаҳои судӣ нуктаи назари баҳснокро шомил намудани экспертизаҳои судӣ ба ҷумлаи экспертизаи криминалистӣ ба миён овардааст [69, с. 59-66].

А. Винберг ба сифати критерияи шомил кардани экспертиза ба ҷумлаи экспертизаҳои криминалистӣ ва дигар экспертизаҳо омилҳои асосӣ ва ғайриасосӣ пешниҳод менамояд [73, с. 81]. Муҳаққиқ ба сифати омили асосӣ танҳо фаҳмида шудани айнияткунонии инфиродиро пешниҳод менамояд, ки фақат дар экспертизаи криминалистӣ имконият дорад. Омилҳои ғайриасосӣ бошад ӯ бо истифода шудани илмҳои заминавӣ – физика, химия, иқтисодиёт, биология ва дигар илмҳо алоқаманд менамояд.

Минбаъд намояндаи назарияи экспертизаҳои судӣ В. Митричев бо гузаронидани тадқиқот ва омӯзиш, консепсияи пешниҳоднамудаи А. Винбергро зери шубҳа қарор дод. Ӯ собит кард, ки айнияткунонии инфиродӣ на танҳо дар мавриди истифодаи усулҳои криминалистӣ, инчунин зимни истифодаи усулҳои химиявӣ, биологӣ, физикӣ ва м.и. низ имконият дорад [36, с. 37].

А. Филиппова дар фарқият аз дигар намояндагони назарияи экспертизаҳои судӣ, ба сифати асоси шомил кардани экспертиза ба ҷумлаи экспертизаи криминалистӣ, истифода шудани методҳои махсусро

пешниҳод менамояд, ки дар соҳаи криминалистика коркард шудаанд. Ӯ мутобиқ ба ин, ба ҷумлаи экспертизаҳои криминалистӣ экспертизаҳоеро шомил мекунад, ки онҳо ҳамчун экспертизаҳои криминалистии анъанавӣ ном бурда мешаванд [42, с. 138].

А. Филиппова бо асосҳои пешниҳодкардаи худ шояд ҳақ бошад, лекин, вай наметавонад комилан ҳақ бошад. Экспертизаҳо дар ниҳояти кор низоми донишҳои махсус буда, ҳадафи гузаронидани тадқиқотро дар асоси вазифаҳои дар назди коршинос аз тарафи муфаттиш, таҳқиқбаранда, суд ва прокурор дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ гузошташуда пайгирӣ менамоянд. Ин ҳадаф дар мавриде низ пайгирӣ мегардад, ки агар аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ҳимояи манфиатҳои қонуниашон бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мамлакат дархост ворид гардад. Дар раванди тадқиқоти аз рӯйи вазифаҳои гузошташуда гузаронидашаванда истисно карда намешавад, ки як намуди экспертиза ба тарз ва усулҳои намуди дигари экспертиза такя менамояд. Натиҷаи ин, омезиши тарзу усулҳо буда, пайвандии намудҳои гуногуни экспертизаро замина мегузорад. Масалан, экспертизаи сохтмонӣ–техникӣ ва экспертизаи автотехникӣ. Агар экспертизаи сохтмонӣ–техникӣ баробари дигар ҳолатҳои алоқаманд ба сохтмон ва иншоот, инчунин барои муайян кардани арзиши бино ва иншоот гузаронида шавад, экспертизаи автотехникӣ метавонад баробари дигар ҳолатҳои алоқаманд ба воситаҳои нақлиёт, инчунин барои тадқиқи воситаҳои нақлиёт бо мақсади муайян кардани арзиши барқарорсозӣ ва арзиши бақиявӣ гузаронида мешавад. Дар заминаи ин ду экспертиза усули ягона – истифодаи арзиши бозоргонӣ қарор дорад. Яъне дар экспертизаи сохтмонӣ–техникӣ агар масолеҳҳои сохтмонӣ аз рӯйи арзиши бозоргонӣ нархгузорӣ шаванд, дар экспертизаи автотехникӣ низ масолеҳои воситаи нақлиёт айнан бо ҳамин усул яъне нархгузории бозоргонӣ нархгузорӣ карда мешаванд.

Дар ин робита, бидуни шубҳа метавонем бо нуктаи назари олими соҳавӣ Е. Россинская розӣ шавем. Ӯ дар ҳақиқат нуктаи назари

худродуруст қайд мекунад, ки «дар шароити замони муосир, иброз доштани он, ки чунин экспертизаи криминалистии анъанавӣ, ба монанди экспертизаи дактилоскопӣ ба таври назаррас сифр ба усулҳои криминалистӣ асос ёфтааст, нодуруст хоҳад буд. Дар ҳамон як дараҷа, чӣ хеле ки дар илми криминалистика ба мушоҳида мерасад, вай ҳам ба усулҳои иттилоотӣ ва ҳам ба усулҳои таҳлили сурат ва м.и. асос меёбад. ... Усулҳои тадқиқи сурат баробари дигар усулҳои микроскопияи электронӣ дар экспертизаи трасологӣ истифода бурда мешавад. Умуман, вобаста ба мураккабшавӣ ва маҷмӯишавии усулҳои умумиэкспертизавӣ, маҳдудсозии онҳо аз ҷумлаи сифр усулҳои криминалистӣ торафт мушкил гардида истодааст» [42, с. 138].

Е. Россинская дар ҷойи дигар иброз менамояд: «... вобаста ба оне, ки маҷмӯашавӣ ва воридшавии мутақобилаи донишҳо аз рӯйи қонуният ба аз байнравии сарҳадҳо байни экспертизаҳои криминалистӣ ва ғайрикриминалистӣ, ба интегратсияи навъҳо ва намудҳои гуногуни экспертизаҳои судӣ оварда мерасонад, хулосабарорӣ дар бораи табиати ҳуқуқии ягонаи экспертизаҳои судӣ ба миён гузошта мешавад. Ҳамин тариқ, фарқияти принсипалӣ байни экспертизаҳои криминалистии анъанавӣ ва дигар экспертизаҳои судӣ аз байн меравад, ки ин тариқи худкор ба қатъ гардидани баҳси бисёрсола оиди ин масъала оварда мерасонад. Зиёда аз ин, дар шароити муосир, шомил кардани экспертизаҳои судӣ ба ҷумлаи экспертизаҳои криминалистӣ, нақши манфиро иҷро мекунад, зеро дар кунҷи болоӣ маҳз идроки криминалистӣ гузошта мешавад» [90, с. 116].

Дар қарни нав раванди ташаккулёбии муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоиши ҳамон равандҳо ва муносибатҳоро замина гузоштанд, ки ин муносибатҳо барои экспертизаҳои судӣ қаблан маълум набуда, зарурияти ба ҳам муттаҳид намудани иқтидор ва имкониятҳои экспертизаҳои судиро асос гузоштаанд. Яъне дар шароити замони муосир на ҳамаи экспертизаҳои судӣ метавонанд дар алоҳидагӣ механизм ва тарзу усули содиршавии ҷиноятро бинобар сабаби

мураккабшавӣ ва истифодаи «донишҳои нав» ҳангоми содир кардани кирдори зиддиҳуқуқӣ, мавриди тадқиқ қарор диҳанд. Экспертизаҳои судӣ дар ин манзар ҳамкориҳои мутақобила ва судманди дуҷонибаро пурзӯр намуда истодаанд, ки ин дар ниҳояти кор ба аз байн рафтани сарҳад такон бахшида истодааст. Бо ин назардошт, тасдиқ карда шудани дурустии андешаҳои Е. Россинская, ки дар боло зикр гардид, ба мақсад мувофиқ дониста мешавад, бахусус дар ҳолате, ки «гурӯҳбандӣ кардани экспертизаҳои судӣ ба синфҳо дар мавриди тартиб додани барномаҳои тайёр ва аз нав тайёр намудани коршиносони судӣ истифода бурда мешавад, зеро дар асоси ин синфҳо интихоби самтҳои ихтисос дар доираи ихтисоси ягона оид ба Стандарти давлатии ягонаи таҳсилоти олӣ «Экспертизаи судӣ» ба вуқӯъ мепайвандад» [95, с. 147].

Н. Яблоков дар мавриди гузаронидани таснифи экспертиза, ба таври асосӣ такяро ба экспертизаи криминалистӣ дода, таснифи мароқовареро пешниҳод менамояд. Лекин, ӯ дар ҳамон як вақт ба сифати қисми таркибии экспертизаи судӣ баромад кардани экспертизаи криминалистиро рад намекунад. Дар ин робита, Н. Яблоков иброз медорад, ки «экспертизаи криминалистӣ ҳамчун синфи экспертизаи судӣ ба се навъи экспертиза ҷудо мешавад: экспертизаҳои криминалистии анъанавӣ, ки дар давраи ташаккулёбӣ ва барқароршавии он пайдо шудаанд; экспертизаҳои криминалистии нав, ки даҳсолаи охирони қарни XX пайдо шудаанд ва намудҳои гуногуни тадқиқоти маводҳо, ашёҳо ва маснуот, ки ҳамчун экспертизаи молшиносӣ ном бурда мешаванд» [55, с. 95–96].

Н. Яблоков агар ба сифати экспертизаҳои криминалистии анъанавӣ чунин экспертизаҳо, ба монанди муаллифшиносӣ, балистикӣ, экспертизаи техникӣ–криминалистии ҳуҷҷатҳо, трасологӣ, портретӣ, силоҳи сардро муаррифӣ намояд, пас ба ҷумлаи навъҳои нави экспертизаи криминалистӣ экспертизаҳои видеофонографӣ, экспертизаи техникаи компютерӣ, экспертизаи техникии маводҳои тарканда,

фототехникӣ, экспертизаи барқароркунии ифодаҳои несту нобуд кардашударо шомил менамояд.

Он чиз ба назар мерасад, ки Н. Яблоков дар мавриди гузаронидани таснифи экспертизаҳои судӣ, бо ҷудо намудани экспертизаҳои криминалистӣ, доираи омилҳои таснифсозандаи экспертизаҳои судиро маҳдуд мегардонад. Н. Бурвиков бо зоҳир кардани таваҷҷуҳ ба андешаи Н. Яблоков онро на он қадар мувофиқи матлаб медонад. Аз нуктаи назари мо, қайд мекунад Н. Бурвиков, таснифи экспертизаҳо, ки аз тарафи Н. Яблоков гузаронида шудааст, на танҳо ба принсипҳои асосгузорандаи фалсафавӣ ва мантиқии ташаккулёбии таснифот мутобиқ нест, ҳамчунин наметавонад моҳият ва махсусияти таҳти таснифнамоии экспертизаҳои криминалистӣ қароргирандаро бо объект, вазифаҳо ва усулҳои хос ба онҳо, ифода намояд [69, с. 62].

Ҳамин тариқ, дар асоси ба инобат гирифтани натиҷаи таҳлилҳои гузаронидашуда оид ба намудҳои экспертизаҳои судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, қайд кардан мумкин аст, ки «Муфаттиш, таҳқиқбаранда ё судя дар фаъолияти амалии худ ҳамагуна таснифоти экспертизаҳоро ҳамчун маводи назариявӣ баррасӣ карда, ба он бо назардошти мақсаднокии истифодаи ин ё он намуди (зернамуди) экспертизаҳо, ҳамчунин дар асоси ба назар гирифтани таҷрибаи касбии худ муносибат менамоянд. Намудҳои овардашудаи экспертизаҳо, ки аз рӯйи ин ё он принсип гузаронида шудааст, ҳуқуқтатбиққунандагонро ками дар кам ба худ ҷалб менамояд. Онҳо дар ҳамон як вақт зимни интихоби намудҳои (зернамудҳои) экспертиза, ба он тариқи амалӣ муносибат мекунанд» [62, с. 145]. «Ташкили дурусти пайгирии истеҳсолоти тосудӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар дараҷаи назаррас самаранокӣ ва маҳсулнокии ошкоршавӣ ва тафтиши ҷиноятҳоро таъмин менамояд. Аз ин ҷо, экспертизаҳои судиро ҳамчун шакли мустақили истифодаи донишҳои махсус дар истеҳсолоти тосудӣ, маҷмӯи нишонаҳои зерин хислатнок мекунад: шакли махсуси мурофиавии тадқиқот; аҳамиятнокии ҳолати муқарраршаванда барои парвандаи ҷиноятӣ; ба амал баровардани

тадқиқот аз тарафи коршинос ҳамчун шахси босалоҳият; ба расмият даровардани натиҷаи тадқиқот дар шакли хулосаи коршинос» [37, с. 7].

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ ва ба ҳам муқобил гузоштани андешаҳо ва нуктаи назари намояндагони илмҳои ҳуқуқ, аз ҷумла намояндагони назарияи экспертизаҳои судӣ, омилҳои миёнаҷоии таснифотии зерини экспертизаҳои судиро фарқ кардан мумкин аст, ки дар нуктаи калидӣ ба тарз ва усул, вақт ва ҷой, давраи гузаронидани тадқиқот дар доираи экспертизаҳои судии гузаронидашуда асос ёфта, метавонанд гузаронидани таснифоти «тиллоӣ»–и экспертизаҳои судиро таъмин намоянд.

1. Вобаста ба гузаронидани тадқиқот экспертиза метавонад бошад: экспертизаҳое, ки гузаронидани онҳо ҳатмист ва экспертизаҳое, ки гузаронидани онҳо ҳатмӣ нест.

Ба сифати экспертизаҳое, ки гузаронида шудани онҳо ҳатмӣ аст, метавонанд экспертизаҳое баромад намоянд, ки асосҳои гузаронида шудани онҳо бевосита дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст. Бо ба инобат гирифтани м. 209 КМҶ ҶТ, асосҳои зерини ба таври ҳатмӣ гузаронидани экспертизаҳои судиро фарқ кардан мумкин аст, ки бе таъин карда шудани чунин намуди экспертизаҳои судӣ, пешбурди тафтишоти пешакӣ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятӣ ғайриимкон дониста мешавад:

а) муқаррар кардани сабаби марг;

б) муайян кардани хусусият ва дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ;

в) муайян кардани синну соли гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ба шарте, ки ин барои парванда аҳамият дошта бошад ва ҳуҷҷатҳо доир ба синну сол вуҷуд надошта ё шубҳаовар бошанд;

г) муайян кардани ҳолати рӯҳӣ ё ҷисмонии гумонбаршуда, айбдоршаванда, вақте ки дар масъалаи мукаллафӣ ё қобилияти онҳо дар бобати ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ дар мурофиаи ҷиноятӣ шубҳа ба миён меояд;

ғ) муайян намудани ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдида, шоҳид дар ҳолатҳое, ки қобилияти онҳо дар бораи дуруст дарк намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамият дошта ва додани нишондод доир ба онҳо таҳти шубҳа қарор мегирад.

Экспертизаҳое, ки гузаронидани онҳо ҳатмӣ нестанд, тадқиқоте мебошанд, ки таъин гардидани онҳо салоҳдиди шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ буда, аз рӯйи ҳолати барои парвандаҳои ҷиноятӣ аҳамиятдошта, бо назардошти зарурияти ба миён омада гузаронида мешаванд. Масалан, тадқиқи изҳо дар воситаҳои нақлиёт ва ҷойи ҳодисаи роҳу нақлиёт (ташхиси нақлиётӣ–трассологӣ). Экспертизаҳое, ки гузаронидани онҳо ҳатмӣ нестанд, вобаста ба моҳияти мантиқӣ, хусусияти ёрирасон дошта, асосҳои заминавии далелҳои исботкунандаро пурра мегардонанд. Чунончи дар асоси таъин ва гузаронидани тадқиқи изҳо дар воситаҳои нақлиёт ва ҷойи ҳодисаи роҳу нақлиёт, муайян намудани айнияти изи воситаи нақлиётӣ дар ҷойи ҳодиса пайдо кардашуда ва нақши чархҳои воситаи нақлиёти мансуб ба шахси гумонбар дар содир кардани ҷиноят (экспертизаи автотехникӣ).

2. Вобаста ба вақти гузаронидани тадқиқот, экспертизаҳои судӣ метавонанд тасниф гарданд ба экспертизаҳое, ки то оғоз карда шудани парвандаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронида мешаванд, экспертизаҳое, ки баъд аз оғоз карда шудани парвандаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронида мешаванд, инчунин экспертизаҳое, ки дар давраи муҳокимаи судӣ–ҷиноятӣ таъин ва гузаронида мешаванд. Назарияи илми криминалистика муқаррар намудааст, ки ин равандҳои гузаронидани экспертиза аз рӯйи вақт аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ба гурӯҳи якуми экспертизаҳо, экспертизаҳои судиеро шомил кардан мумкин аст, ки онҳо то оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронида шуда, бар асоси қабул шудани қарор дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузошта шуда ва барои бартараф кардани шубҳаҳое, ки дар назди тафтишоти пешакӣ ва тадқиқот қарор доранд, мусоидат мекунанд. Масалан, бо таъин ва гузаронидани экспертизаи

судӣ–тиббӣ ҳамчун марги маҷбурӣ муайян кардани сабаби вафоти шахсе, ки дар натиҷаи ба таври механикӣ маҳкам шудани роҳи нафас фавтидааст. Агар, бо экспертизаи судӣ–тиббии таъин ва гузаронидашуда, аломати марги маҷбурӣ дар намуди ба таври механикӣ маҳкам кардани роҳи нафас муайян карда нашавад, муфаттиш, шахси пешбарандаи тафтишоти пешакӣ дар бораи рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ бинобар сабаби ҷой надоштани ҳодисаи ҷиноят қарор қабул менамояд.

Гурӯҳи дуюми экспертизаҳои судиро тадқиқоте ташкил медиҳанд, ки аз тарафи шахсони барандаи дониши махсус, дар асоси қарори мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, баъд аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ, яъне дар доираи парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба зарурияти пайдошуда гузаронида мешаванд. Масалан, тадқиқи нишондодҳои вазъи молиявӣ ва фаъолияти молиявӣ–иқтисодии субъекти хоҷагидор.

Гурӯҳи сеюми экспертизаҳои судиро тадқиқоте ташкил медиҳанд, ки зимнан хусусиятҳои истифодаи донишҳои махсус дар доираи марҳилаи мурофиаи судӣ бо принсипи рақобат дар шакли ошкорбаёнӣ зоҳир мешавад. Яъне таъин ва гузаронидани экспертиза дар суди марҳилаи якум дар шароити ошкоро, рақобат, шифоҳӣ ва бевосита сурат мегирад. Ин аст сабаби фарқияти таъин ва гузаронидани экспертиза дар суд аз таъин ва гузаронидани экспертиза дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ. Албатта ҳолатҳои таъин кардани экспертиза оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд дар КМҶ ҶТ пешбини гардидааст. Зарурати тайин кардани экспертизаи судӣ дар рафти баррасии парванда дар суд моҳиятан аз ҳолати мурофиавӣ, ки дар кадом шароит ин масъала ҳаллу фасл карда мешавад, вобастагӣ дорад.

Албатта оид ба ин намуди таснифбандӣ дар КМҶ ҶТ меъёрҳо пурра мавҷуд намебошанд. Яъне дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ давраи тафтишот ва раванди мурофиаи судӣ меъёрҳо муқаррар гардида, дар давраи то тафтишот дар КМҶ меъёр пешбинӣ нагардидааст.

3. Вобаста ба соҳаҳое, ки тадқиқот гузаронида мешаванд, экспертизаҳои судӣ метавонанд тасниф шаванд ба экспертизаҳои судии комиссионӣ ва экспертизаҳои судии комплексӣ.

Дар мавриде, ки агар тадқиқот новобаста аз шумораи коршиносони дорои дониши махсуси айнӣ, дар як соҳа гузаронида шавад, чунин экспертиза ҳамчун экспертизаи комиссионӣ эътироф карда мешавад (м. 213 КМҶ ҶТ). Зарурати таъини чунин намуди экспертиза бештар пас аз экспертизаҳои пай дар пайи такрор ба миён меояд. Ба ин ҳолат мисол оварда метавонем хулосаи комиссионии таҳти №02 /3308/ 2023.

Санаи 24 ноябри соли 2023 ба МҶЭС К Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарори муфаттиши ШТ ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Конибодом, майори милитсия Муҳиддинов К.Д. маводҳои парвандаи ҷиноятии №31783 барои гузаронидани ташхиси комиссионии техники ҳуҷҷатҳо ворид гардид.

Гузаронидани ташхиси комиссионии техникии ҳуҷҷатҳо бар зиммаи коршиносони судии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаҳои судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Калонзода А.Б. Қосимзода М.С. ва коршиносони судии Раёсати ташхисӣ (эксперт)–криминалистии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Ф. вогузор гардид.

Аз ҷониби субъекти таъинкунанда дар назди коршиносон саволҳои зерин гузошта шуд:

1. Дар аксизаҳои сигорҳои пешниҳодшуда, 171 (як саду ҳафтоду як) адад маркаҳои аксизии дар куттиҳои тамокуҳои (сигаретҳои) тамғаи «Mond blak», «Mond Cherry Superslim», «Mond Gold», «Mond Cooffee», «Milano London», «Milano Eject Doublt», «Milano New York», «Milano Geneva», «Milano Varian Superslims», «Esse Chenge», «Esse Ligts», «Cavallo Ocean», «Cavallo Blak Velvet», «Cavallo Vulcano Red», аломатҳои сохтакорӣ оид ба навиштаҷот, ранг ва аксиз мавҷуд аст ё не?

2. Оё дар маркаҳои аксизии дар 171 адад қуттиҳои сигорҳои дар боло зикр шуда, ки мавҷуд мебошанд, ҳолатҳои якчанд маротиба

истифодашуда ва ё қалбакисозӣ ҷой дорад ё не? Агар маркаҳои аксизӣ якчанд маротиба истифода бурда шуда бошад, пас онҳо сохта (калбакӣ) мебошанд ё не?

3. Сигорҳои аз мағозаи «Исломҷон» гирифташуда тамғаи «Mond blak», «Mond Cherry Superslim», «Mond Gold», «Mond Cooffee», «Milano London», «Milano Eject Doublt», «Milano New York», «Milano Geneva», «Milano Varian Superslims», «Esse Chenge», «Esse Ligts», «Cavallo Ocean», «Cavallo Blak Velvet», «Cavallo Vulcano Red», аз рӯи намуд, сифат, андоза, талаботҳои техникии навиштаҷоту нақшу нигорҳои дар аксизаҳо тасвирёфта бо аксизаҳои дар сигорҳои аз анбори ҶДММ «Сеганҷ» гирифта шуда ҳаммонанд мебошанд ё не?

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда коршиносони судӣ чунин хулосабарорӣ намуданд:

ХУЛОСА

1. 10 (даҳ) адад аксизаҳои дар қуттиҳои тамокуи «Esse Ligts» гузошташуда бо истифода аз дастгоҳҳои махсуси типографӣ тайёр карда шуда ҳамчун аксизаҳои аслӣ ба ҳисоб рафта боқимонда 149 (яксаду чилу нуҳ) адад маркаҳои аксизии дар куттиҳои тамокуҳои (сигаретҳои) тамғаи «Mond blak», «Mond Cherry Superslim», «Mond Gold», «Mond Cooffee», «Milano London», «Milano Eject Doublt», «Milano New York», «Milano Geneva », «Milano Varian Superslims», «Esse Chenge», «Esse Ligts», «Cavallo Ocean», «Cavallo Blak Velvet», «Cavallo Vulcano Red», тавассути техникаи компютерӣ тайёр карда шуда аз дастгоҳи чопкунандаи ранга бароварда шудааст.

2. Маркаҳои аксизии пешниҳодшуда дар ҳолати нав қарор дошта, дар маркаҳои аксизии ба ташхис пешниҳодшуда ҳолатҳои якчанд маротиба ширешкунӣ ва ҳалатҳои қаблан дар дигар куттиҳои сигор истифодашуда дида намешавад.

3. 10 (даҳ) адад маркаҳои аксизии дар қуттиҳои тамокуи «Esse Ligts» насбгардида бо истифода аз дастгоҳҳои махсуси типографӣ тайёр кардашуда, аммо аз рӯи аломатҳои муҳофизатиашон бо намунаҳои

пешниҳодшуда мутобиқат намекунанд. Боқимонда 149 (ясаду чилу нуҳ) адад сигорҳои аз мағозаи «Исломҷон» гирифташуда тамғаи«Mond blak», «Mond Cherry Superslim», «Mond Gold», «Mond Cooffee», «Milano London», «Milano Eject Doublt», «Milano New York», «Milano Geneva », «Milano Varian Superslims», «Esse Chenge», «Esse Ligts», «Cavallo Ocean», «Cavallo Blak Velvet», «Cavallo Vulcano Red бо аксизаҳои муқоисавии пешниҳодшуда ҳаммонанд мебошанд. (Яъне ҳам 149 (яксаду чилу нуҳ адад) аксизаҳои ташхисшаванда ва ҳам аксизаҳои ба ҳайси муқоиса пешниҳошуда ба талаботҳои техникӣ ҷавобгӯ нестанд) [140].

Аз рӯи маводҳои пешниҳодшуда муайян карда шуд, то таъин намудани экспертизаи комиссионӣ аз рӯйи объектҳои мазкур айнан ду маротиба ташхис дар филиали МҶЭСК дар вилояти Суғд ва РТК ВКД дар вилояти Суғд таъин гардида буд, ки хулосаҳои гуногун дода буданд, ки ин ҳолат зарурияти таъини экспертизаи комиссиониро ба миён оварда, экспертизаи комиссионӣ дар ҳайати коршиносони судии МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коршиносони судии Раёсати ташхисҳои криминалистии ВКД гузаронида шуд.

Агар, барои гузаронидани ҳамон як тадқиқот коршиносони дорои донишҳои махсуси соҳаҳои гуногун ҷалб карда шаванд, чунин экспертизаҳоро ҳамчун экспертизаи комплексӣ эътироф менамоянд (м. 214 КМҶ ҶТ). Масалан, ҳангоми гузаронидани экспертизаи комплексии баллистикӣ ва кимёвӣ. Барои муқаррар намудани намуди борут ва равғаннокии дохили милӣ силоҳи оташфишон, ки ҳалли ин бар зиммаи коршиноси соҳаи кимиёвӣ вобастагӣ дошта, ҳамчунин барои коршоямии силоҳи оташфишон, ки ҳалли ин бар зиммаи коршиноси соҳаи баллистикаи судӣ алоқамандӣ дорад.

Экспертизаи судии комплексӣ бо супориши мақомоти тафтишотӣ ва суд дар ҳолатҳое сурат мегирад, ки саволҳо ба миён меоянд, ки ҳалли онҳо ҳамкории донишҳоро талаб мекунад, ки моликияти илмҳои гуногун мебошанд ва бо салоҳияти санҷишҳои яххелаи намудҳои гуногун алоқаманданд.

Мутахассисоне, ки дар истеҳсоли экспертизаи судии комплексӣ иштирок мекунанд, якҷоя тадқиқоти заруририро анҷом медиҳанд. Пас аз хулосаҳои умумӣ, коршиносон хулосаи умумӣ таҳия мекунанд, ки барои он масъулияти баробар доранд.

Дар назарияи экспертизаҳои судӣ, таснифи мазкур ҳамчунин аз рӯйи таркиби коршиносоне, ки дар гузаронидани тадқиқот иштирок менамоянд, гузаронида мешавад. Аз ин рӯ, дар сарчашмаҳои муайяни илмӣ, экспертизаи судии мазкурро ҳамчун экспертизае, ки аз тарафи як коршинос гузаронида мешавад; экспертизае, ки аз тарафи якчанд коршиноси дорои ихтисоси ягона гузаронида мешавад (экспертизаи комиссионӣ) ва экспертизае, ки аз тарафи якчанд коршиноси дорои донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбу ҳунари гуногун, бо тарз ва усулҳои мухталиф гузаронида мешавад (экспертизаи комплексӣ), эътироф менамоянд [62, с. 144].

Дар ҳарду ҳолат мантиқи таснифи гузаронидашуда ягона буда, аз ҳамдигар бо ягон ваҷҳ фарқ намекунанд.

4. Вобаста ба дараҷаи комил будани тадқиқот, экспертизаҳои судӣ ба экспертизаи судии иловагӣ ва экспертизаи судии такрорӣ (м. 220 КМҶ ҶТ) тасниф мешаванд.

Экспертизаҳои судии иловагӣ тадқиқоте мебошанд, ки дар мавриди ба миён омадани ҳолатҳои нав, ки қаблан барои коршинос маълум набуданд ва мавриди тадқиқ низ қарор нагирифта буданд, гузаронида мешаванд. Чунин экспертиза дар ҳолате гузаронида мешавад, ки агар хулосаи коршинос нофаҳмо бошад, ё дар он нишонаҳои нопурра будани хулоса мушоҳида гарданд. Иҷрои экспертизаи иловагиро ҳамон коршинос ё коршиноси дигар гузаронида метавонад.

Асосҳои таъин намудани экспертизаи иловагиро муқаррароти қисми аввали моддаи 74 КМҶ ҶТ чунин пешбинӣ намудааст, ки он дар ҳолатҳое таъин карда мешавад, ки агар фикру хулосаи экспертизаи қаблӣ ба кадри кифоя равшан ва пурра набошад. Оид ба таъини экспертизаи иловагӣ аз амалияи тафтишотиву судӣ дида мешавад, ки дар

аксар ҳолатҳо дар фикру хулосаи экспертизаи аввал баъзе масъалаҳо ҳалли худро намеёбанд ё ин, ки баъзе масъалаҳои ҳалталаб аз тарафи муфаттиш дар назди эксперт ногузошта мемонад.

Яке аз хусусиятҳои хоси экспертизаи иловагӣ дар он аст, ки истеҳсоли он ба он коршиноси судие супорида мешавад, ки у қаблан тадқиқоти аввалро гузаронида бошад. Боиси ин хусусият дар донистани эксперт вазъияти тафтишотӣ ва тавсифи тадқиқоти аввала мебошад. Истеҳсоли экспертизаи иловагӣ дар он маврид ба дигар эксперт супорида мешавад, ки агар эксперте, ки тадқиқи аввалро гузаронида, ба рухсатии кори ё дар рухсатии хизматӣ бошад ё ин ки аз вазифаи хизмати сабукдуш шуда бошад.

Экспертизаҳои судии такрорӣ дар ҳолате гузаронида мешаванд, ки агар нисбат ба хулосаи пешниҳодкардаи коршиноси қаблан хулоса пешниҳоднамуда шубҳа пайдо шавад ё асоснок будани ин хулоса зери савол гузошта шавад. Мисоли равшани онро метавонад дар асоси хулосаи М. Мирзораҳим, сардори шуъбаи экспертизаҳои судӣ–тиббии шаҳри Турсунзода ҳамчун худкушӣ арзёбӣ гардидани ҳодисаи куштори Н. Исомутдинова, ки 8–уми феврали соли 2017 дар шаҳри Турсунзода ба вуқӯъ пайваста буд, ташкил диҳад [126].

Хусусияти хоси экспертизаи такрорӣ, дар навбати аввал, дар он аст, ки объект ва саволҳо тағйир наёфта пешниҳод мегарданд. Сониян, барои истеҳсоли экспертизаи такрорӣ, дар баробари қарору маводҳои экспертиза фикру хулосаи экспертизаи аввала ҳам ба коршиносони судӣ пешниҳод карда мешавад. Муҳимияти дигари эксперотизаи такрорӣ дар он зоҳир мегардад, ки истеҳсоли экспертизаи такрорӣ ба зиммаи дигар коршиноси судӣ вогузор карда мешавад. Ҳамчунин экспертизаи такрорӣ мумкин аст, ҳамчун экспертизаи комиссионӣ таъин ва гузаронида шавад.

5. Вобаста ба оне, ки тадқиқот бо дархости (ташаббуси) кӣ таъин ва гузаронида мешавад, экспертизаҳои судӣ метавонанд тасниф гарданд ба экспертизаҳои судие, ки бо қарори мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ таъин ва гузаронида мешаванд ва экспертизаҳои судие, ки бо

дархости (аризаи) шахсони воқеӣ, инчунин намояндаи ваколатдори онҳо гузаронида мешаванд.

Агар гурӯҳи якуми экспертизаҳо ба таври асосӣ тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровaрда шаванд (бо он асоснок шуда метавонад, ки ин намуди экспертизаи судӣ дар доираи парвандаи ҷиноятии оғозгардида гузаронида мешавад), гурӯҳи дуюми экспертизаҳо асосан бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи экспертизаи судии давлатӣ ба танзим даровaрда мешаванд.

6. Вобаста ба оне, ки тадқиқот дар куҷо гузаронида мешавад, экспертизаҳои судӣ метавонанд тасниф шаванд ба экспертизаҳое, ки дар муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ гузаронида мешаванд ва экспертизаҳое, ки берун аз муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ гузаронида мешаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили намудҳои экспертизаҳои судиро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ҷамъбаст карда, қайд бояд кард, ки ба намудҳо ҷудо кардани экспертизаҳои судӣ дар навбати аввал хислати илмӣ дошта, асосан бо мақсади осон намудани омӯзиши ин экспертизаҳо гузаронида мешаванд. Баробари ин, таснифи экспертизаҳои судӣ метавонанд бо мақсади таҳия кардани барномаҳои таълимии баландбардории малакаи касбӣ ва донишҳои амалӣ гузаронида шаванд, ки дар муассисаҳои таълимии баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гузаронида мешаванд.

Аҳамияти амалии гурӯҳбандии экспертизаҳои судӣ (ба намудҳо ҷудо кардани экспертизаҳои судӣ) дар он зоҳир мегардад, ки ин ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ барои осон гардонидани интихоби дурусти тадқиқоте, ки дар доираи парвандаҳои ҷиноятӣ бояд гузаронида шаванд, мусоидат менамоянд. Яъне, дар раванди тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ мумкин аст эҳтимолияти ба таври ҷузъӣ таъин кардани экспертизаи судӣ ба миён ояд, ки ба таври умумӣ гузаронида шудани он наметавонад ба ҳалли масъала мусоидат намояд. Масалан, агар сабаби фаро расидани марг бо таъин намудани экспертизаи судӣ–тиббӣ муайян

карда шавад, сарчашмаи пайдоиши маводҳои ғайре, ки аз ҷасади шахси фавтида пайдо карда мешаванд, масалан, пай аз сӯзандору, мӯй аз зери нохун ва м.и. бо таъин кардани экспертизаҳои химиявӣ, биологӣ ва м.и. муайян карда мешавад

Дар ниҳояти кор таснифоти гузаронидашудаи экспертизаҳои судӣ хислати комилан мутлақро надошта, мумкин аст бо мурури вақт ва пайдо гардидани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки муайянкунандаи омилҳои таснифкунандаи экспертизаҳои судӣ ба шумор мераванд, аз нав тасниф карда шаванд. Далели раднашаванда ва аёнии онро метавонад фарқият дар нуктаи назар ва андешаҳои муҳаққиқоне ташкил диҳад, ки экспертизаи судиро дар солҳои 70–ум ва 80–уми қарни гузашта ва дар шароити замони муосир мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, таснифоти онро гузаронидаанд.

Андешаҳои намояндагони назарияи экспертизаҳои судӣ, ки оид ба намудҳои падидаи мазкур дар солҳои 70–ум ва 80–уми қарни гузашта баён карда шудаанд, имрӯз дар қисми бештар мубрамияти худро гум карда, таснифоти нави он гузаронида шуда истодааст. Чунин нуктаи назар метавонад комилан мутлақ набудани ҳамагуна таснифоти экспертизаҳои судиро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ исбот намояд.

### 1.3. Мафҳум ва тавсифи умумии ҳолати ҳуқуқии коршинос (эксперт) дар мурофиаи ҷиноятӣ

Дар байни субъектони мурофиаи ҷиноятӣ мақоми махсусро коршинос (эксперт) ишғол мекунад. Вобаста ба он ки дар боби 7 Фасли II КМҶ ҶТ [4] ба коршинос моддаи махсус бахшида шудааст, ба хулоса метавон омад, ки коршинос ба ҳайати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дохил мешавад.

Қобили қайд аст, ки ин яке аз унсурҳои рушди қонуни амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафовут ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии даврони шӯравӣ, ки қаблан амал мекард, яъне КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 [6] ба ҳисоб меравад. Аммо дар м. 6 КМҶ ҶТ, ки мафҳумҳои асосии қонуни мазкурро шарҳ медиҳад, истилоҳҳои «иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ» ва «иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ» истифода гардида, коршинос маҳз ба ҳайати дувуми субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ, яъне иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ шомил дониста мешавад. Новобаста аз ин, ба ҳайси субъекти мурофиаи ҷиноятӣ эътироф шудани коршинос бебаҳс мебошад.

Ба андешаи Ю. Франсифров, иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла коршинос шахсоне мебошанд, ки ҳам аз тарафи айбдоркунӣ ва ҳам аз тарафи ҳимоя баромад менамоянд, аммо тарафи мурофиа ба шумор намераванд [49, с. 104]. Бо чунин масъалагузорӣ мо розӣ шуда наметавонем, чунки коршинос ҳамчун шахси холис, на аз тарафи айбдоркунӣ ва на аз тарафи ҳимоя баромад менамояд. Ю. Орлов дуруст қайд мекунад, ки иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ ваколати ҳокимиятӣ ва оид ба парванда манфиати шахсӣ ё намояндагӣ надоранд [39, с. 209]. Баръакс, маҳз надоштани манфиат ба оқибати кор, идома медиҳад муаллифи зикршуда, барои онҳо шарти ҳатмии ҷалб гардидан барои иштирок дар парванда мебошад [39, с. 209]. Ҳамчунин, истилоҳи «иштирокчиёни дигари мурофиаи ҷиноятӣ» маънои онро надорад, ки ба субъектҳои номбурда, аз ҷумла коршинос дар мурофиаи

ҷиноятӣ нақши дуввумдараҷа ҷудо карда шудааст [35, с. 94]. Дар мурофиаи ҷиноятӣ мавридҳое кам нестанд, ки бе коршинос ҷараёни исботкунӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон аст.

Бояд зикр намуд, ки КМҶ ҶТ мафҳуми коршиносро таъриф намедиҳад, инчунин дар м. 6 КМҶ ҶТ низ дар қатори мафҳумҳои дигари асосӣ мафҳуми коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ шарҳ дода нашудааст. Дар фарқият аз ин, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии як қатор мамлакатҳои хориҷӣ таърифи мафҳуми коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ мустақиман дар матни қонун мустаҳкам гардидааст. Чи тавре, ки дар қ. 1, м. 57 КМҶ ФР [5] пешбинӣ мешавад: коршинос – ин шахси дорои донишҳои махсус ва бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур барои гузаронидани экспертизаи судӣ ва додани хулоса таъиншуда мебошад. Маҳз ҳамин таърифи коршиносро дар мурофиаи ҷиноятӣ Ю. Франсифоров эътироф менамояд [49, с. 106]. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Украина бошад, мафҳуми коршиносро дар мурофиаи ҷиноятӣ ба тариқи васеъ дарҷ мекунад. Дар асоси қ. 1, м. 69 КМҶ Ҷумҳурии Украина [135] коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ шахсест, ки дорои донишҳои илмӣ, техникӣ ё дигари махсус буда, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи экспертиза» барои гузронидани экспертиза ҳуқуқ дорад ва ба ӯ гузаронидани тадқиқи объектҳо, зуҳурот ва равандҳо, ки маълумот дар бораи ҳолатҳои ҷинояти содиршуда доранд ва додани хулоса оид ба масъалаҳое, ки дар ҷараёни истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ пайдо мешаванду ба доираи донишҳои ӯ иртибот доранд, супорида шудааст.

Ҳамзамон, бояд гуфт, ки мафҳуми расмии коршинос бо доираи васеи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кушода дода шудааст. Чунончи, дар қ. 1, м. 54 КМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] омадааст, ки дар суди иқтисодӣ шахсе эксперт ба ҳисоб меравад, ки оид ба масъалаҳои баррасишавандаи парванда дониши махсус дорад ва аз ҷониби суд барои додани хулоса дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи КМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудааст.

КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон гарчанде, ки мафҳуми коршиносро ба таври расмӣ пешбинӣ наменамояд, лекин, дар м. 82 бо номбар намудани асосҳои таъин кардани экспертиза ва коршиноси судӣ, тариқи ғайримустақим ба мафҳуми умумиқабулшудаи коршинос ишора мекунад, ки нишонаҳои зеринро дар бар мегирад: дониши махсус дар соҳаи илм, санъат, техника ё касбҳои мухталиф.

Мафҳуми ба ин наздик ва монанди коршинос ҳамчунин бо қ. 1, м. 31 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дода шудааст. Мутобиқи ин модда ба Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси дорои дониш ва малакаи муайян дар соҳаи илму техника, санъат ё дигар касбҳои мухталиф, ки метавонад ба масъалаи баррасишаванда тавзеҳот диҳад, мумкин аст даъват карда шавад.

Мафҳуми ба таври назаррас «васеъ» ва «ҷолиби» диққати коршинос дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дода шудааст. Мутобиқи м. 16 Қонуни мазкур, коршиноси судӣ корманди муассисаи экспертизаи давлатии судӣ мебошад, ки экспертизаи давлатии судиро бо тартиби иҷрои вазифаҳои хидматии худ мегузаронад.

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии моддаҳои 16, 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» хулоса намудан мумкин аст, ки ба сифати коршиноси судӣ метавонад комилан ҳамагуна шахс баромад намояд, ки дорои таҳсилоти олӣ ё махсус буда, аз рӯи ихтисоси мушаххаси коршиносӣ тайёриро аз рӯи тартиби муқарраршуда дар муассисаи экспертизаи давлатии судӣ гузаштааст. Мафҳуми мазкури коршинос дар номзад ҷой доштани дониши махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва дигар касбҳои мухталиф истисно карда, мухолифатро бо қонунгузории дигар, аз ҷумла қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба миён меорад. Ғайр аз ин, меъёри мазкур ба сифати коршинос баромад кардани шахсеро истисно менамояд, ки

мутобиқи талаботи қ. 2, м. 58 КМҶ ҶТ иҷозатномаи махсусро бо тартиби муқараргардида соҳиб шудааст.

Аз ин ҷо, барои муайян намудани мафҳуми коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ ва коркард кардани таърифи он меъёрҳои гуногуни қонунгузорӣ аҳамияти хоса доранд. Тибқи талаботи қ. 1, м. 58 КМҶ ҶТ коршинос дар ҳолатҳое даъват карда мешавад, ки барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён меояд. Дар асоси қ. 2, м. 58 КМҶ ҶТ бошад, ба сифати коршинос ҳар шахсе, ки барои пешниҳоди хулоса дониши махсус ва дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад, даъват шуданаш мумкин аст. Тибқи қ. 3, м. 58 КМҶ ҶТ даъват кардани коршинос, таъин ва пешбурди экспертиза бо тартиби пешбининамудаи боби 24 КМҶ ҶТ анҷом дода мешавад. Ҳолатҳои мазкур дар маҷмӯъ талаб менамоянд, ки мутобиқатии қонунгузории мухталифи мамлакат дар қисми мафҳуми расмии коршинос мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба ҳам мутобиқ карда шуда, дар ин самт таҷрибаи ягона ҷорӣ карда шавад.

Дар заминаи таҳлили муқаррароти зикршудаи КМҶ ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» нисбат ба як қатор нишонаҳои хоси мафҳуми коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст.

Якум, коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ шахси воқеӣ мебошад. Чунки маҳз шахси воқеӣ метавонад донишҳои махсус дошта бошад. Бинобар ин, ба назари мо, Ф. Аминов барҳақ иброз медорад, ки коршиноси судӣ шахси воқеӣ мебошад, ки маҷмӯи донишҳои махсусро дорад ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун барои гузаронидани экспертизаи судӣ таъин гардидааст [105, с. 98].

Аз м. 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ба хулоса омадан мумкин аст, ки коршиноси судӣ танҳо корманди муассисаи экспертизаи давлатии судӣ мебошад, ки экспертизаи

давлатии судиро бо тартиби иҷрои вазифаҳои хидматии худ мегузаронад. Ба назари мо, муқаррароти зикршудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ба қ. 2, м. 58 КМҶ ҶТ муфовиқат намекунад ва бояд бознигарӣ карда шавад. Инчунин, бояд ба инобат гирифта шавад, ки мутобиқи қ. 3, м. 208 КМҶ ҶТ экспертиза аз тарафи мутахассисони муассисаҳои экспертӣ, муассисаҳои дигари давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилоту корхонаҳо ё шахсони воқиф, ки муфаттиш таъин кардааст, гузаронида мешавад.

Дуввум, бо назардошти муқаррароти қисмҳои 1, 2, м. 58 КМҶ ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст, ки коршинос шахсе мебошад, ки дорои дониши махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё касби дигар ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, бо нуктаи назари Д. Зотов дар он қисм розӣ шудан мумкин аст, ки дониши махсус ба сифати унсури ҳатмии мақоми мурофиавии коршинос баромад мекунад. Лекин, нуктаи назари Д. Зотов дар он хусус, ки донишҳои махсус дар навбати дигар ба сифати нишонаи сифатии дониш баромад мекунад, баҳснок ба назар мерасад [24, с. 9].

Дониш гуфтан мумкин аст, ки тибқи қоидаҳои умумиқабулшуда нишонаи сифатӣ надошта, бо сатҳи маълумоти азхудшуда муайян карда мешавад, яъне дониш метавонад дорои нишонаҳои сатҳӣ бошад. Нишондиҳандаҳои азхудшавии маълумот чӣ андоза баланд бошад, донишҳо дар соҳаи илм, техника, санъат ва дигар соҳаҳо ҳамон қадар метавонад махсус бошад, ки дар заминаи он ба масъалаҳои аз тарафи муфаттиш ва дигар субъектони мурофиаи судии ҷиноятӣ гузошташуда тавзеҳот дода мешавад.

Кӯшиши пешниҳод намудани мафҳуми донишҳои махсус аз тарафи Ф. Аминов анҷом дода шудааст, ки ӯ чунин мафҳуми донишҳои махсусро пешниҳод мекунад: донишҳои махсус ин маҷмӯи донишҳо дар соҳаи муайяни илм, техника, санъат ва касбу ҳунар, ки дар натиҷаи тадриси махсус ва таҷрибаи касбии мувофиқ гирифта шудааст, мебошад, барои ҳалли масъалаҳое, ки дар ҷараёни мурофиавии судии ҷиноятӣ, гражданӣ

ва арбитражӣ пайдо мешаванд, инчунин санҷидани иттилоот дар бораи ҷиноят заруранд [105, с. 20].

Таҳлили таърифи пешниҳоднамудани Ф. Аминов оид ба донишҳои махсус нишон медиҳад, ки вай аз таърифҳои маъмулии донишҳои махсус, ки дар адабиёти ҳуқуқии гуногун мавҷуданд, кам фарқият дорад. Ғайр аз ин, Ф. Аминов дар таърифи худ ба эътибор намегирад, ки дониши махсус барои ҳалли дилхоҳ масъала дар мурофиаи судии ҷиноятӣ (боздоштан ё қатъ намудани истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва м.и.) зарур набуда, барои маърифати ҳолатҳои муайяни парвандаи ҷиноятӣ истифода мешавад.

Моҳияти донишҳои коршинос дар қонун дақиқ муайян нагардидааст. Дар бораи донишҳои махсуси коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ гуфтан мумкин аст, ки донишҳои қайдгардида умумипаҳншуда, умумидастрас ба шумор нарафта, дар раванди омодагии махсус, яъне таҳсилот ё пайдо кардани таҷриба дар соҳаи муайяни илм, техника, санъат ва касбу кор бояд ба даст оварда шаванд [48, с. 289].

Қобили қайд аст, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои алоҳида коршиносро ба сифати шахси дорандаи донишҳои махсуси илмӣ пешбинӣ менамоянд. Масалан, қ. 1, м. 79 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон [134].

Муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон таъсири худро бар назарияи мурофиавии ҷиноятии давлати мазкур низ расонидааст. Аз нигоҳи Л.Ф. Парамонова коршиноси судӣ шахси ба оқибати кор манфиат надошта, дорои донишҳои махсуси илмӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои гузаронидани экспертизаи судӣ ва додани хулоса таъиншуда мебошад [90, с. 25-56]. Ба андешаи мо, маҳдуд намудани мафҳуми коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ танҳо бо донишҳои махсуси илмӣ мувофиқи мақсад набуда, дар амалия ҳангоми маърифати ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, ки донишҳои махсусро дар соҳаҳои дигар, яъне техника, фарҳанг ё касбу ҳунар,

инчунин дар баъзе мавридҳо ҳуқуқ талаб менамояд метавонад боиси муаммо гардад. Бинобар ин, коршиносро дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳамчун шахси дорои донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар пазируфтан бештар қобили қабул аст.

Сеюм коршинос шахсест, ки дар ҳолати зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад.

Чорум коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ субъекте мебошад, ки функсияи муайянро дар ҷараёни пешбурди таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда анҷом медиҳад, яъне экспертизаи судӣ мегузаронад. Ҷавҳари экспертизаи судиро гузаронидани тадқиқоти коршиносӣ ифода менамояд. Дар ин хусус дар асоси таҳлили моддаҳои 213–215, 217 КМҶ ҶТ ба хулоса омадан мумкин аст. Масалан, дар қ. 1, м. 217 КМҶ ҶТ гуфта мешавад, ки баъди гузаронидани тадқиқ аз рӯи натиҷаҳои он коршинос ё коршиносон хулоса тартиб медиҳанд. Дар меъёрҳои КМҶ ҶТ, ки муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро бо иштироки мутахассис танзим мекунанд, сухан дар бораи аз ҷониби ӯ гузаронидани тадқиқоти коршиносӣ намеравад (масалан, м. 57, қ. 3, м. 215 КМҶ ҶТ). Аз ин рӯ, ҳақ бар ҷониби муаллифони ватанӣ аст, ки қайд мекунанд: «дар фарқият аз коршинос мутахассис тадқиқоти ягон объектҳои моддиро намегузаронад» [57, с. 22].

Коршинос маҳз бо функсияе, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ анҷом медиҳад, аз мутахассис тафовути моҳиятӣ дорад. Бинобар ин Н. Раимжанова дуруст ибрози ақида мекунад, ки функсияҳои мутахассис ва коршиносро дар мурофиаи ҷиноятӣ бояд дақиқ тафриқа намуд. Барои тафриқа намудани функсияҳои ин субъектони мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати «хатти тақсимкунанда» моҳияти фаъолияти онҳо баромад менамояд: мутахассис дар тафовут аз коршинос набояд тадқиқот гузаронад ва хулоса диҳад [115, с. 21]. Ба эътибор нагирифтани фарқияти моҳиятии фаъолияти ин субъектҳо метавонад боиси ба ҳам бадал намудани шаклҳои мухталифи мурофиавии истифодаи донишҳои махсус

ва иштибоҳот дар муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқиф дар мурофиаи ҷиноятӣ гардад [89, с. 12].

Панҷум коршинос оид ба натиҷаи тадқиқоти коршиносӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ хулосаи хаттӣ таҳия ва пешниҳод менамояд, ки ҳамчун сарчашмаи далел пазируфта мешавад.

Мафҳуми хулосаи коршинос низ дар КМҶ ҶТ дода нашудааст. Дар қ. 1, м. 77 КМҶ ҶТ, ки «Хулоса ва нишондоди коршинос» ном дорад, ба ҷои тавзеҳи мафҳуми хулосаи коршинос муқаррароти зерин дарҷ мешавад: «агар ҳангоми пешбурди тафтиш ва муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ дониши махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё касбу ҳунар зарур бошад, экспертиза таъин карда мешавад, ки тартиби гузаронидани онро боби 24 Кодекси мазкур муайян намудааст». Аз таҳлили ин муқаррарот маълум мегардад, ки вай қоидаҳои дар қисмҳои 1-3, м. 58 КМҶ ҶТ пешбинишударо такрор намуда, ягон сарбории мазмунӣ надорад, хилофи талаботи принсипи сарфа кардани дарҷи маводи меъёрӣ [119, с. 15] аст ва бояд аз матни қонуни зикршуда хориҷ карда шавад.

Дар тафовут аз ин қ. 1, м. 80 КМҶ ФР мафҳуми хулосаи коршиносро тавзеҳ медиҳад. Ба андешаи мо, дар қ. 1, м. 77 КМҶ ҶТ ҷойгир намудани тавзеҳоти шабеҳи мафҳуми хулосаи коршинос мувофиқи мақсад мебошад. Бинобар ин, таклиф менамоем, ки қ. 1, м. 77 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Хулосаи коршинос мазмуни тадқиқ ва фикру мулоҳизаҳои дар шакли хаттӣ пешниҳодшуда, ҳамчунин асоснокунии ҳолатҳо оид ба саволҳое мебошад, ки шахси пешбарандаи истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ё тарафҳо дар назди коршинос гузоштаанд».

Ҳамзамон, коршинос аз мутахассис дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҳамдигар бо хулосаҳояшон низ тафовути моҳиятӣ доранд. Аз ин рӯ, Ю.В. Франсифоров [49, с. 108], Н.С. Манова ва К.Х. Солиев дуруст қайд мекунанд, ки хулосаи коршинос танҳо дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда дода мешавад. Аммо дар таърифи мафҳуми хулосаи

коршинос, ки Н. С. Манова ва К.Х. Солиев пешниҳод намудаанд, ҷанбаи зикршудаи моҳиятии он ба эътибор гирифта намешавад. Чунки Н.С. Манова ва К.Х. Солиев хулосаи коршиносро ба таври зайл таъриф медиҳанд: «хулосаи коршинос ин фикру мулоҳизаҳои дар шакли хаттӣ пешниҳодшуда оид ба масъалаҳое мебошад, ки дар назди ӯ шахси анҷомдиҳандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гузоштааст» [34, с. 133]. Хулосаи мутахассис бошад, хусусияти машваратӣ дошта, натиҷаи тадқиқоти коршиносӣ ба ҳисоб намеравад.

Шашум коршинос ба категорияи субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ дохил мешавад, ки ба оқибати кор манфиати ҳуқуқӣ надоранд.

Дар м. 58 КМҶ ҶТ нисбат ба коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ истилоҳи «шахси ба ҳалли парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор набуда» истифода намегардад. Ҳол он ки дар иртибот ба мутахассис, ки ин субъекти мурофиаи ҷиноятӣ бо коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ шабеҳияти муайян дорад, истилоҳи дар боло зикршуда дар м. 57 КМҶ ҶТ истифода карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ низ баъзе муаллифон коршиносро дар мурофиаи ҷиноятӣ бе ишора ба нишонаи манфиат надоштан ба оқибати кор таъриф медиҳанд. Масалан, аз нигоҳи П. Кондратов коршинос ин шахсест, ки аз ҷониби суд, муфаттиш, таҳқиқбаранда ё прокурор барои гузаронидани экспертизаи судӣ ва додани хулоса аз натиҷаи он дар бораи масъалаҳое, ки донишҳои махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбу ҳунар талаб менамоянд, таъин карда шудааст [28, с. 148].

Қобили қайд аст, ки дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии баъзе давлатҳо нисбат ба коршинос нишонаи ба оқибати кор манфиат надоштан истифода мешавад. Масалан дар қ. 1, м. 79 КМҶ Ҷумҳурии Қазоқистон [134] пешбинӣ мешавад, ки ба сифати коршинос шахси ба оқибати кор манфиат надошта, метавонад даъват карда шавад. Новобаста аз он ки дар КМҶ ҶТ нисбат ба коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ дар қ. 1, м. 58 КМҶ ҶТ ибораи ба оқибати кор манфиат надоштан истифода намешавад, мавҷудияти ин нишонаи субъекти

зикршуда аз таҳлили моддаҳои 61, 69 КМҶ ҶТ ва моддаҳои 5, 18, 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бармеояд.

Аммо байни муқаррароти моддаҳои 61, 69 КМҶ ҶТ мухолифат мавҷуд аст. Дар сархати якуми қ. 1, м. 69 КМҶ ҶТ гуфта мешавад, ки ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар м. 61 КМҶ ҶТ зикргардида коршинос наметавонад дар пешбурди парвандаҳо иштирок намояд. Ҳамзамон, дар сархати сеюми қ. 1, м. 61 КМҶ ҶТ омадааст, ки ба сифати коршинос ва ё мутахассис иштирок намудан дар ҳамин парванда асос барои рад кардани коршинос ба ҳисоб меравад. Лекин дар қ. 2, м. 69 КМҶ ҶТ зикр мешавад, ки иштироки қаблии коршинос дар парванда ба сифати мутахассис ё ба сифати коршинос барои рад кардани ӯ асос шуда наметавонад.

Аз ин рӯ, барои бартараф намудани номувофиқатии дар боло қайдшуда таклиф менамоем, ки сархати якуми қ. 1, м. 69 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин дарҷ карда шавад: «ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар қ. 1, м. 61 Кодекси мазкур зикргардида, ғайр аз иштироки қаблӣ дар ҳамин парвандаи ҷиноятӣ ба сифати коршинос ва ё мутахассис». Илова ба ин, қ. 2, м. 69 КМҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

Аз талаботи м. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бармеояд, ки беғаразии экспертиза ҳамчун принсипи фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ ба шумор меравад. Инчунин ба оқибати кор манфиат надоштани коршиносро дар мурофиаи ҷиноятӣ муқаррароти банди дуюми қ. 2, м. 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», ки мутобиқи он коршинос ҳуқуқ надорад бо иштирокчиёни мурофиа оид ба масъалаҳое, ки бо гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ алоқаманд мебошанд, алоқаю робитаи шахсӣ ба роҳ монад ва банди ҳафтуми м. 19 қонуни зикршуда, ки тибқи он коршинос, агар бо иштирокчиёни мурофиа ягон муносибат дошта бошад, аз гузаронидани экспертиза ва додани хулоса бояд даст кашад, собит мекунанд.

Ҳафтум, бо назардошти талаботи м. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» [9] ба хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз нишонаҳои муҳими коршиноси судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мустақилияти ӯ мебошад. Зеро мутобиқи м. 5 қонуни зикршуда яке аз принсипҳои асосии фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ мустақилияти коршиноси судӣ эътироф мегардад. Иловатан бар ин, дар сархати панҷуми қ. 1, м. 15 қонуни мазкур гуфта мешавад, ки роҳбари муассисаи экспертизаи давлатии судӣ вазифадор аст, назорати пуррагӣ ва босифати экспертизаи давлатии судии гузаронидаро, бо риояи принсипи мустақилияти коршиноси судӣ, таъмин намояд.

Инчунин, коршиноси судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми гузаронидани фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ мустақил аст ва наметавонад аз мақом ё шахсе, ки экспертизаи давлатии судиро таъин кардааст, ба тарафҳо ва дигар шахсони ба натиҷаи кор манфиатдор ягон вобастагӣ дошта бошад (қ. 1, м. 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»).

Воқеан ҳам мустақилияти коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки ӯ функсияи ба зимма доштаашро холисона амалӣ намояд. Бинобар ин, мустақилияти коршиноси судӣ ва дурустии хулосаи ӯ тавассути фишангҳои мухталиф таъмин карда мешавад. Масалан, бо тартиби тибқи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муқарраршудаи таъин кардани экспертизаи давлатии судӣ ва коршиноси судӣ, ки онро мегузаронад; бо мавҷудияти муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ, ки аз суд, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ вобастагӣ надоранд ва фароҳам овардани шароити моддию техникӣ барои фаъолияти коршиноси судӣ; бо пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятии коршиноси судӣ барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ ва бе сабабҳои узрнок саркашӣ кардан ё даст кашидан аз додани хулоса ва василаҳои дигари пешбининамудаи қ. 2, м. 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ». Ҳамзамон, аз тарафи судҳо, судяҳо, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ,

муфаттишон ва прокурорҳо, инчунин дигар мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, роҳбари муассисаи экспертизаи давлатии судӣ бо мақсади гирифтани хулоса ба нафъи яке аз иштирокчиёни мурофиа ё ба манфиати дигар шахсон ба фаъолияти коршинос дахолат кардан мумкин нест. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба фаъолияти коршиноси судӣ дахолат мекунанд, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (қисмҳои 3, 4 м. 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»).

Ҳаштум, нишонаи дигари коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ салоҳиятнокии ӯ маҳсуб меёбад. Ба чунин хулоса пеш аз ҳама дар асоси м. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» омадан мумкин аст, ки тибқи он яке аз принсипҳои фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ салоҳиятнокии экспертиза мебошад. Иловатан бар ин, бандҳои дуюм ва шашуми м. 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», ки мутобиқи онҳо коршинос бояд аз додани хулоса даст кашад, агар масъалаҳои гузошташуда берун аз доираи донишҳои махсуси ӯ бошанд ва ба мақоме (шахсе), ки мурофиаи ҷиноятиро пешбурд менамояд, ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассуси худро нишон диҳад, ба салоҳиятнокии коршинос ҳамчун нишонаи муҳими ӯ ишора менамоянд. Ғайр аз ин, дар асоси қ. 1, м. 212 КМҶ ҶТ, агар экспертиза берун аз муассисаи экспертӣ гузаронида шавад, муфаттиш пеш аз баровардани қарор оид ба таъини экспертиза бояд ба салоҳиятнокии фарде, ки экспертизаро ба ӯ супориданист, итминон ҳосил намояд.

Ба ақидаи В. Махов, салоҳиятнокии коршиноси судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ маънои доштани донишҳои махсусро дорад, ки барои иҷро намудани вазифаҳои аз ҷониби муфаттиш ва ё суд гузошташуда зарур мебошанд [35, с. 97]. Аз нуктаи назари С.В. Немира, ба салоҳияти коршинос он ҳаҷми донишҳоро, ки коршинос барои гузаронидани экспертизаи мувофиқ бояд дошта бошад, инчунин сатҳ ё дараҷаи ин донишҳоро, ки коршиноси мушаххас аз бар намудааст, дохил намудан

зарур аст. Салоҳиятнокии коршинос, аз нигоҳи муаллифи болозикр, бо дараҷаи маърифат, омодагии махсуси коршиносӣ, собиқаи корӣ ба ҳайси коршинос, таҷриба дар ҳалли масъалаҳои шабеҳи коршинсӣ ва қобилияти инфиродии ӯ муайян мешавад [114, с. 19-20]. Чи тавре ки мебинем, С.В. Немира байни мафҳумҳои салоҳият ва салоҳиятнокӣ фарқият намегузорад. Ба назари мо, ҳақ бар ҷониби матахассиони ватанӣ мебошад, ки ин мафҳумҳоро моҳиятан ҷудо менамоянд. Онҳо зери мафҳуми салоҳияти коршиноси судӣ доираи ваколатҳое, ки ба коршиноси судӣ қонунгузорӣ оид ба экспертизаи судӣ додааст фаҳмида, салоҳиятнокии коршиноси судиро ба сифати дараҷае, ки дар он коршиноси мушаххас ин донишҳоро медонад, маънидод менамоянд [57, с. 85].

Нуҳум, коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ шахсест, ки аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш ва ё суд даъват карда мешавад. Инчунин дар асоси сархати чоруми қ. 1, м. 210 КМҶ ҶТ ҳангоми таъин ва гузаронидани экспертиза гумонбаршуда, айбдошаванда, судшаванда ва ҷабрдида ҳуқуқ доранд хоҳиш намоянд, ки шахсони аз тарафи онҳо зикршуда ё мутахассисони муассисаҳои мушаххаси судии экспертӣ ба ҳайси коршиносон ҷалб карда шаванд.

Даҳум, ба ҳайси коршинос таъин гардидани шахс бо санади дахлдори мурофиавӣ расмӣ карда мешавад. Тибқи қ. 1, м. 208 КМҶ ҶТ агар муфаттиш таъини экспертизаро зарур шуморад, дар ин бора қарор қабул мекунад. Ҳангоми пайдо шудани зарурат ҷиҳати гузаронидани экспертиза зимни муҳокимаи судӣ тибқи қ. 1, м. 318 ва қ. 1, м. 320 КМҶ ҶТ суд дар ин хусус таъинот (қарор) қабул менамояд.

Таҳлили нишонаҳои хоси коршиносро ҷамъбаст карда истода, қайд намуданием, ки дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ коршиноси судӣ ҳамчун шахси дорои донишҳои махсус, ки аз ҷониби суд бо тартиби қонунгузории мурофиавӣ барои гузаронидани экспертизаи судӣ ва додани хулосаи экспертӣ таъин карда шудааст, таъриф дода мешавад [57, с. 84]. Бояд зикр намуд, ки таърифи мазкур хусусияти универсалӣ дошта,

фарогири намудҳои мухталифи мурофиаи судӣ, яъне мурофиаи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ ва мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Барои муайян намудани ҳолати ҳуқуқии коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ м. 58 КМҶ ҶТ, моддаҳои 18, 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» нақши муҳим доранд. Дар моддаҳои зикршуда ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд.

Таҳлили ҳуқуқҳои субъективии мурофиавии судии ҷиноятии коршинос нишон медиҳад, ки онҳо пеш аз ҳама барои ба вуҷуд овардани шароити мусоид ҷиҳати сари вақт, дуруст, асоснок ва холисона омода кардани хулоса аз ҷониби коршинос равона карда шудаанд. Ба чунин ҳуқуқҳои субъективии мурофиавии коршинос дохил мешаванд: а) ҳуқуқи бо маводи парвандаи ҷиноятӣ, ки ба мавзӯи экспертиза алоқаманд аст, шинос шудан; б) ҳуқуқи дархост кардан ҷиҳати ба ӯ пешниҳод намудани маводи иловагӣ, ки барои додани хулоса заруранд ё дар бораи таъини экспертизаи комплексӣ.

Мавриди қайд аст, ки бинобар сабаби ворид шудан ба раванди ҷаҳонишавӣ ва ташаккул ёфтани технология, ки асоси онро рушди воситаҳои техникӣ ва компютерикунонии раванди идоракунӣ ва истеҳсолот ташкил медиҳад, механизми содиршавии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷиноят симои комилан навро пайдо намуда истодааст, ки имконияти дар доираи як экспертиза ҳаллу фасл кардани ҳолатҳои барои тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ аҳамиятдоштаро истисно мекунад. Барои ин зарурияти гузаронида шудани экспертизаи комиссионӣ ва ё комплексӣ ба миён меояд. Моддаҳои 213, 214 КМҶ ҶТ гарчанде, ки имконияти гузаронида шудани чунин экспертизаҳоро пешбинӣ карда, қ. 4, м. 58 КМҶ ҶТ ҳуқуқи коршиносро барои дархост ҷиҳати гузаронидани экспертизаи комплексӣ пешбинӣ менамояд, лекин дар ин раванд ҳуқуқи коршинос барои

дархост ҷиҳати гузаронидани экспертизаи комиссионӣ эътироф карда нашудааст.

Коршинос дар мавриди миқёсан калонҳаҷм будани парвандаи ҷиноятӣ, масалан, парвандаҳои ҷиноятии алоқаманд ба ҷиноятҳо ба муқобили иқтисодиёт, маънаван имконияти пурра ва ҳаматарафа санҷидани ҳолатҳои барои парванда ва тафтишоти пешакӣ аҳамиятдоштаро надорад. Вобаста ба ин, аз тарафи коршиносон зоҳир карда шудани ташаббус барои гузаронида шудани экспертизаи комиссионӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад. Бо ин назардошт, бо мақсади таъмин кардани санҷиши саривақтии ҳолатҳои барои парванда ва тафтишоти пешакӣ аҳамият дошта, ҳамчунин ҷиҳати ба таври назаррас сарфа намудани вақт бо назардошти маҳдуд будани мӯҳлати тафтишоти пешакӣ, пешниҳод карда мешавад, ки ҳуқуқи коршинос барои ташаббус кардан барои гузаронидани экспертизаи комиссисонӣ бо роҳи ба қ. 4, м. 58 сархати дуюми КМҶ ҶТ баъд аз калимаи «комплексӣ» илова намудани калимаҳои «ё комиссисонӣ» эътироф карда шавад. Ҳамчунин нисбати коршинос эътироф кардани ҳуқуқи бо иҷозати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя дар пешбурди амали тафтишӣ иштирок кардан, ба пурсишшавандагон ва дигар шахсон, ки дар ин амал иштирок доранд, вобаста ба масъалаҳои мавзӯи экспертиза саволҳо додан ба мақсад мувофиқ дониста мешавад.

Дар фарқият аз банди 3, қ. 2, м. 75 КМҶ ҶШС Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) дар КМҶ ҶТ дақиқ карда шудааст, ки коршинос ба пурсишшавандагон ва дигар шахсон, ки дар амали тафтишотӣ иштирок доранд, танҳо вобаста ба масъалаҳои мавзӯи экспертиза метавонад саволҳо диҳад.

Ҳуқуқ ба ташаббуси коршиносӣ, ки дар м. 191 КМҶ ҶШС Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) пешбинӣ шуда буд, дар КМҶ ҶТ мустақиман мустаҳкам нагардидааст. Аммо, ба назари мо, коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ чунин ҳуқуқро дорад. Чунки тибқи банди 6, қ. 1, м. 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»

коршинос ҳуқуқ дорад, бо мувофиқаи мақоме (шахсе), ки экспертизаро таъин кардааст, оид ба масъалаҳои дар наздаш гузошташуда, инчунин дигар ҳолатҳое, ки бо ташаббуси коршиноси судӣ дар ҳудуди салоҳияти вай муқаррар карда шудааст, хулоса диҳад.

Бори аввал дар қонун ҳуқуқи коршинос ҷиҳати даст кашидан аз гузаронидани экспертизаи судӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи банди 10, қ. 1, м. 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ», ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои зерин коршинос метавонад аз гузаронидани экспертизаи судӣ даст кашад: 1) агар тартиби мурофиавии таъин кардани экспертизаи давлатии судӣ вайрон карда шуда бошад, агар ин ҳолат гузаронидани экспертизаи давлатии судиро мушкил гардонад ё гузаронидани онро ғайриимкон намояд; 2) агар объектҳои экспертиза ва маводи парванда барои додани хулоса корношоям ё нокифоя бошанд ва ба коршиноси судӣ дар пурра кардани онҳо рад карда шуда бошад; 3) шароит, воситаҳои методӣ ва таҷҳизоте, ки барои гузаронидани экспертиза ва додани хулоса заруранд, мавҷуд набошад; 4) агар барои ҳаёт ва саломатии коршиноси судӣ хатари воқеӣ мавҷуд бошад. Иловатан ба ин, ҳуқуқи коршинос ҷиҳати даст кашидан аз пешниҳоди хулоса низ дар қонун зикр шудааст, агар ҳаллу фасли масъалаи гузошташуда аз доираи дониши тахассусии ӯ берун бошад ё маводи дар ихтиёраш буда барои додани хулоса нокифоя бошад (сархати ҳафтуми қ. 4, м. 58 КМҶ ҶТ). Ин ҳуқуқи коршинос дар банди 2, м. 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ҳамчун вазифа (уҳдадории) ӯ ба тариқи зайл дарҷ гардидааст: «аз додани хулоса даст кашад, агар масъалаҳои гузошташуда берун аз доираи донишҳои махсуси ӯ бошанд».

Мувофиқан на дар КМҶ ҶТ ва на дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» истилоҳи ғайриимкон будани додани хулоса истифода намешавад, ки дар КМҶ ҶШС Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) пешбинӣ шуда буд (қ. 1, м. 75). Ба назари мо, ҳолати дар сархати ҳафтуми қ. 4 КМҶ ҶТ ва дар банди 2, м.

19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дарҷшуда, ки баъди таъин кардани экспертизаи судӣ мумкин аст ба вуҷуд ояд, асос барои аз ҷониби коршинос ба унвони шахсе, ки онро таъин кардааст, омода намудани иттилооти хаттӣ дар бораи ғайриимкон будани додани хулоса мебошад. Ҳамчунин, сухан бояд маҳз дар бораи ғайриимкон будани додани хулоса равад, на дар бораи ғайриимкон будани пешниҳоди он. Чунки ғайримкон будани пешниҳоди хулоса маънои таҳия гардидани онро аз ҷониби коршинос дорад.

Дар баробари дигар муқарраротҳои қонунгузорӣ дар ин самт ба фармоиши вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «19»июни соли 2025, №70 Дастурамал «Оид ба тартиби гузарондани экспертизаи давлатии судӣ ва криминалистӣ, таҳияи хулоса ва хабарномаи коршиноси судӣ дар Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдиқ шудааст, ки дар банди 36 он ҳолатҳои ғайриимкон будан додани хулоса ва тартиби ба расмият дарории хабарнома дар бораи ғайриимкон будани додани хулоса дар ҳолатҳои зерин дарҷ карда шудааст: «Агар коршиноси судӣ ҳангоми тадқиқ итминон ҳосил намояд, ки масъалаи ба экспертиза гузошташуда аз доираи донишҳои махсуси ӯ берун аст ё маводи ба экспертиза пешниҳодшуда барои омодасозии хулоса нокифоя аст ва пурра кардани он номумкин аст, ё ин ки сатҳи илм ва амалияи экспертӣ барои ҷавоб додан ба масъалаи гузошташуда кифоягӣ намекунад, хабарномаи асоснок дар бораи имконнопазир будани додани хулоса тартиб дода, имзо гузошта, бо тасдиқи муҳри Марказ ба мақом ё шахсе, ки экспертизаро таъин намудааст, ирсол карда мешавад» [124].

Ҳамзамон, дар мавриди ба миён омадани ҳолатҳое, ки дар банди 10, қ. 1, м. 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» зикр шудаанд, ғайр аз мушкил гардонидани гузаронидани экспертизаи судӣ, ҳолатҳое мебошанд, ки додани хулосаи илман асоснок, воқеъбинона ва холисонаро аз ҷониби коршинос зери шубҳа мегузоранд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, ин ҳолатҳо асоси на ҳуқуқ,

балки ухдадории коршинос ҷиҳати даст кашидан аз гузаронидани экспертиза бояд бошанд. Мутобиқан ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ворид кардани тағйироти дахлдор мувофиқи мақсад аст.

Дар талаботе, ки нисбати коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, гуфта намешавад, ки ӯ ҳатман бояд забони давлатиро донад. Аз ин ҷо, коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқ дорад бо забони модарӣ ё дигар забоне, ки медонад, нишондод диҳад ва аз хизмати тарҷумон ройгон истифода барад (сархати чорум ва панҷуми қ. 4, м. 58 КМҶ ҶТ). Ҳуқуқи дигари муҳими коршинос дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки бори аввал дар қонун пешбинӣ гардидааст, ин аз амали таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя, ки ҳуқуқи ӯро ҳангоми пешбурди экспертиза маҳдуд мекунад, шикоят намудан мебошад (сархати ҳафтуми қ. 4, м. 58 КМҶ ҶТ).

Эксперт (коршинос) ҳуқуқ надорад бе огоҳ намудани таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя бо дигар иштирокчиёни мурофиа дар бораи масъалаҳои марбут бо экспертиза гуфтушунид кунад, барои тадқиқот мустақилона мавод ҷамъоварӣ намояд, агар барои он иҷозати махсуси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя мавҷуд набошад, тафтише гузаронад, ки боиси пурра ё қисман несту нобуд гардидани объектҳо ё тағйир ёфтани намуди зоҳирӣ ё хосиятҳои асосии онҳо гардад (қ. 5, м. 58. КМҶ ҶТ). Ин қоида бояд комилан тағйир дода шавад, то ки имконияти эксперт доир ба мустақилона гуфтушунид бо иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ҷамъоварии маводи иловагӣ ва ё бо иҷозати махсуси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор суд, судя тафтише гузаронидан пурра манъ карда шаванд. Чунки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ҳуқуқ надоранд тафтиши ҳолатҳои парвандаи ҷиноятиро ба зиммаи дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ба зиммаи коршинос (эксперт) вогузор намоянд. Иҷозати махсуси таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ё огоҳ карда шудани онҳо доир ба мустақилона гуфтушунид бо

иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ҷамъоварии маводи иловагӣ, ба коршинос (эксперт) ваколати мурофиавии гузаронидани амалҳои тафтишотиро намедиҳад.

Уҳдадориҳои субъективии мурофиавии судии ҷиноятии коршинос дар қ. 6, м. 58 КМҶ ҶТ ва м. 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» пешбинӣ шудаанд.

Якум, уҳдадории коршинос оиди бо даъвати таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд, судя ҳозир шудан (сархати якуми қ. 6, м. 58 КМҶ ҶТ). Дар банди 5, м. 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ин уҳдадории коршинос бо зикри мақсади ҳозир шудан дақиқ карда шудааст: барои ба иштирокчиёни мурофиа нишон додани хулоса, ба саволҳои онҳо посух додан, инчунин мазмуни хулосаро фаҳмондан.

Дувум дар сархати дувуми қ. 6, м. 58 КМҶ ҶТ уҳдадории коршинос ҷиҳати вобаста ба масъалаҳои тадқиқот ва саволҳои пешниҳодшуда хулосаи асоснок ва воқеъбинонаи хаттӣ пешниҳод намудан дарҷ гардидааст. Дар банди 1, м. 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» уҳдадории мазкури коршинос бо мазмуни зерин омадааст: коршинос вазифадор мебошад, ки экспертизаро пурра гузаронад ва оид ба масъалаҳои дар назди ӯ гузоштаи мақоме (шахсе), ки ӯро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор кардааст, хулосаи хаттии илман асоснок ва холисона диҳад. Ба назари мо, маҳз муқаррароти болозикри Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бештар ба мақсад мувофиқ аст, зеро аз коршинос иловатан пешниҳоди хулосаи илман асоснокро талаб менамояд.

Сеюм, уҳдадории коршинос оиди фош накардани маълумоти маводи парванда (сархати сеюми қ. 6, м. 58 КМҶ ҶТ). Ин уҳдадории коршиноси судӣ дар банди 8, модаи 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бар тариқи зайл мушаххас карда мешавад: маълумотро дар бораи амалиёти тафтишотии бо иштироки ӯ

гузаронидашуда ва ҳолатҳои дар ин маврид ошкор гардида, маълумоти маҷлиси пӯшидаи судӣ, инчунин маълумоти ба ӯ маълумшудаи холатҳоеро, ки ба дахлнопазирии ҳаёти шахсӣ, сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда дохил мешавад, ошкор накунад.

Чорум сархати чоруми қ. 6, м. 58 КМҶ ҶТ ухдадории коршиносро ҷиҳати риоя намудани тартибот ҳангоми пешбурди амали тафтишӣ ва маҷлиси суд муайян мекунад.

Илова ба ин, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» уҳдадориҳои дигари коршиноси судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, ки бо ҳаддалимкон беосеб нигоҳ доштани объектҳои экспертизашаванда аз ҷониби ӯ (банди 3, м. 19), пешниҳоди харoҷотнома ва ҳисоботи хароҷоти суратгирифта (банди 4, м. 19), инчунин нишон додани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи тахассуси ӯ ба мақоме (шахсе), ки мурофиаи ҷиноятиро пеш мебарад (банди 6, м. 19), иртибот доранд.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда ба хулосаи зерин омадан мумкин аст:

1. Коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дорои як қатор нишонаҳо мебошад, ки бо ин нишонаҳояш аз иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ масалан судя, муфаттиш, прокурор, гумонбар, айбдоршаванда ва дигарҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Ба сифати нишонаҳои мазкури коршинос баромад мекунанд: ***якум*** коршинос шахси воқеӣ буда, дорои донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар мебошад, ки экспертизаи судӣ ва криминалистиро мегузаронад; ***дуюм*** коршинос бо истифода аз донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар аз рӯи масъалаҳои дар назди ӯ гузошташуда хулосаи хаттии илман асоснок пешниҳод менамояд, ки дар доираи таҳқиқ ва тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ва баррасии судии он ба сифати сарчашмаи далел баромад мекунад; ***сеюм*** коршинос субъекти мустақили мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор рафта, дар фарқият аз субъектони алоҳидаи мурофиаи ҷиноятӣ, масалан таҳқиқбаранда,

муфаттиш, прокурор, ягон манфиат надорад, ки ин ғаразнокии онро истисно менамояд; ***чорум*** коршинос субъекти салоҳиятноки мурофиаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад, ки аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш ё суд бо қабул намудани санади мурофиавии дахлдор даъват карда мешавад.

Бинобар таъкид ба муҳимоти мақоми мурофиавии эксперти судӣ ва тафриқаи он аз дигар иштирокчиён асоснок ва пешниҳод карда мешавад, ки дар доираи м. 6 КМҶ ҶТ мафҳуми эксперти судӣ бо таҳрири зерин дода шавад: «Эксперти судӣ шахси воқеист, ки дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар дорои донишу малакаи махсус буда, дар асоси қарори таҳқиққунанда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ё таъиноти суд (қарори судя) ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун шахси аз оқибати кор манфиат надошта барои додани хулосаи хаттӣ ва асосноки илмӣ, ҷалб карда шудааст».

2. Азбаски экспертиза ҳамчунин амали маъмули мурофиавӣ–ҷиноятӣ аст, рӯ меорем ба муқаррароти Кодекси Мурофиавии Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ки КМҶ ҶТ), ки ҳануз соли 1961 қабул шуда, тӯли солиёни зиёд амал намуд. Дар аксарияти моддаҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятие (71– 76, 184–194, 291–293), ки ба экспертиза бахшида шуда буд, истилоҳи «экспертизаи давлатии судӣ» истифода карда намешуд. Ин амалро м. 58 ва боби 24 КМҶ амалкунанда (2009) низ анҷом надодааст. Ибораи мазкур дар назариёти илми комплексии ҳуқуқи судӣ ба назар мерасад. Яъне ҳамаи баҳсҳои ҳуқуқӣ метавонанд билохира дар суд моҳиятан ҳалли худро ёбанд, мурофиаи онҳо, хоҳ ҷиноятӣ бошад ва ё маданиву маъмурӣ – бо номи мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ё мурофиаи судии маданӣ, маъмул гаштаанд. Ҳамин тариқ, бо назардошти муҳимияти давраи муҳокимаи судии парвандаҳо дар низоми мурофиавӣ – экспертизаро – экспертизаи судӣ ва экспертҳоро – экспертони судӣ ҳам мегӯянд. Гузашта аз ин, азбаски мурофиа тарзи маъруфи оммавии ҳимояи ҳаққи тарафҳои баҳс аст, ташхиси ҳолатҳои муҳими марбут ба ин баҳсҳоро дар мавриди зарурат давлат ба зимма

гирифта, аз ҳисоби молиёти худ ба анҷом мерасониданд, ки ба экспертизаи судӣ хусусияти оммавӣ–давлатӣ мебахшид. Вале солҳои аввали давраи истиқлолияти давлатӣ, бинобар омилҳои гуногуни объективӣ маблағгузории давлатӣ дар ин соҳа заиф гашта, бинобар рӯ ба инсон, ҳаёти хусусиву соҳибкорӣ овардани иқтисодиёти замони нав зарурият ба миён омад, ки усули ҳисоби хоҷагӣ дар муассисаҳои давлатӣ низ ҷорӣ карда шавад. Аз ин рӯ, бори аввал қонуни мавриди таҳлил мафҳуми экспертизаи давлатии судиро бо навгониҳо пешбинӣ намуд, ки дар таърифи мафҳуми он дар м. 4-и Қонун чунин ифода карда шудааст: Фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ - фаъолиятест оид ба ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ аз рӯи таъиноти суд, қарорҳои судя, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ва дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби муассисаҳои махсус, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додааст, бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ё маъмурӣ тавассути донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар муқаррар кардани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд.

Қонунгузор дар маҷмӯъ нишонаҳои асосии экспертизаи давлатии судиро номбар намудааст. Навгонӣ дар мафҳуми зерин, пеш аз ҳама дар муайян намудани объекти таъриф зоҳир гаштааст. Бо ҳамин таърифи мафҳуми экспертизаи давлатии судӣ аз экспертизаи ғайридавлатӣ фарқ кунонида шудааст, вале дар таъриф ба камбудии мантиқӣ роҳ дода шуда, экспертизаи давлатии судиро чун «фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ» ифода карда шудааст: фаъолият - чун фаъолиятест таъриф дода шудааст, ки ба назари мо дуруст нест.

Зиёда аз ин, экспертизаи судӣ танҳо фаъолияти мақомоти дахлдор, шахсони мансабдори пешбарандаи таъқиботи ҷиноятӣ ва ё экспертҳо нест, дар ҷараёни он дигарон низ метавонанд иштирок намоянд (тибқи м. 210 КМҶ ҶТ гумонбару айбдоршаванда, ҷабрдидаву шоҳид метавонанд бо қарори таъин

намудани экспертиза шинос шаванд, раддия изҳор намоянд, саволҳои иловагӣ пешниҳод намоянд ва ғайра ). Ҳамчунин аз хидмату хулосаи экспертони судӣ ҳарду тарафи баҳси ҳуқуқӣ метавонанд истифода намоянд. Оид ба мафҳуми экспертизаи давлатии судӣ муҳаққиқ, эксперт, таҷрибадори амалкунанда қайд намудааст, ки экспертизаи судӣ гарчанде, ки мустақиман дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таъин карда шуда, натиҷаи он мутобиқи ин қонунгузорӣ дар шакли хулосаи коршинос ба расмият дароварда мешавад, бо вуҷуди ин вай метавонад вобаста ба омилҳои зерин ҳамчун амали мурофиавӣ–тадқиқотӣ эътироф карда шавад. Азбаски экспертизаи судӣ мувофиқи қисмҳои 1, 6, моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ҳам дар асоси қарори шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, муфаттиш, прокурор, суд ва судя ва ҳам дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин дар асоси дархости намояндагони онҳо гузаронида мешавад. Ба ин асос, дар як вақт ба экспертизаи судӣ дода шудани хислати оммавию хусусӣ наметавонад онро ба сифати амали мурофиавӣ, ки бештар тобиши оммавӣ дорад, муаррифӣ намояд.

Аз ин рӯ, зарурияти аз матни таърифи қонунии мафҳуми мазкур истилоҳи «Фаъолияти» хориҷ карда шуда, ҷумла бо ибораи «Экспертизаи давлатии судӣ» шуруъ карда шуда, калимаи «гражаданӣ» ба «маданӣ» иваз, баъд аз калимаи «тавассути» калимаи «истифодаи», баъд аз калимаи «ҳунар» калимаи «барои» ва дар охир «таъин, ташкил ва гузаронида мешавад» илова карда шавад. Матни пурраи моддаи мазкур ба назари мо чунин тағйир меёбад: Экспертизаи давлатии судӣ – фаъолиятест, ки аз рӯи таъиноти суд, қарорҳои судя, мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби муассисаҳои махсус, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додааст, бо мақсади иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ бо истифода аз донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ва ё ҳунармандӣ барои муқаррар кардани ҳолатҳое, ки муҳим мебошанд, таъин, ташкил ва гузаронида мешавад.

# БОБИ 2. ТАРТИБИ ТАЪИН ВА ГУЗАРОНИДАНИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

## 2.1. Тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи тосудии мурофиаи чиноятӣ ва расмиёти он

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ эътироф намуда, риоя ва ҳифзи онро кафолат дода, тамоми рукнҳои давлатро барои амалан таъмин намудани он масъул кардааст [1]. Меъёрҳои конститутсионӣ дорои арзишҳое мебошанд, ки онҳо дар рушди давлати демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон, ташаккули ҷомеаи адолатпарвар, низоми ҳуқуқи миллӣ, муносибатҳои сифатан нави миёни шахс, ҷомеа ва давлат, инчунин баҳри таъмини адолати иҷтимоӣ шароити мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам овარданд. Яке аз роҳҳои ноил шудан ба ин ҳадафҳо ва шаклҳои амалишавии асосҳои конститутсионӣ ин кафолати ҳифзи судӣ, дастрас будани адолати судӣ, ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳимоя, ки бо як қатор қоидаҳои умумии мурофиаи судӣ, аз ҷумла таъин ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ амалӣ карда мешаванд.

Таъин ва гузаронидани экспертиза аз рӯйи ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ аҳамиятдошта дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ бағоят муҳим буда, ба оқибати кор ва исбот кардани гунаҳкории шахс дар содир кардани ҷиноят ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ ба таври назаррас таъсир мерасонад. Дар ин раванд, истифода шудани донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ва дигар касбу ҳунар имконият медиҳад, ки шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ба ҳамаи саволҳои худ, ки ба оғоз кардан ва ё оғоз накардани парвандаи ҷиноятӣ, эълон кардани айб ва ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва м.и. алоқаманд мебошанд, ҷавоби мушаххас ва пурра гиранд. Аз ин ҷо, таваҷҷуҳи бевоситаи муҳаққиқон ба мақоми коршинос дар мурофиаи судии ҷиноятӣ асоснок буда, мақсади таҳлил ва баррасӣ намудани мушкилоти дар ин самт

ҷойдошта ва дар заминаи он пешниҳод кардани роҳҳои ҳалли онро пайгирӣ менамояд.

Таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар тамоми марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла дар марҳилаи тосудӣ махсусияти худро дошта, аз дигар расмиёт, аз ҷумла расмиёте, ки вобаста ба гузаронидани тадқиқот дар марҳилаи тосудӣ дар мурофиаи судии гражданӣ алоқаманд аст, ба куллӣ фарқ менамояд. Вобаста ба ин, намояндагони алоҳидаи назарияи экспертизаи судӣ масалан Е. Царев экспертизаи тосудиро ҳамчун тадқиқоти экспертие муайян менамояд, ки дар асоси шартнома ё муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Ӯ дар ҳамин асос чунин нишонаҳои фарқкунандаи экспертизаи тосудиро дар шакли нақша пешниҳод менамояд [137]:

| № | Дар хулосаи тосудии коршинос ҷой дорад | Ҳа/не |
|---|---|---|
| 1. | Вақт ва ҷойи гузаронидани экспертиза | Ҳа |
| 2. | Асоси гузаронидани экспертизаи судӣ | Ҳа |
| 3. | Маълумот дар бораи мақомот ё шахси таъинкунандаи экспертизаи судӣ | Не |
| 4. | Маълумот дар бораи муассисаи экспертизаи давлатии судӣ, дар бораи коршинос (насаб, ном, номи падар, таҳсилот, ихтисос, собиқаи корӣ, дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, мансаби ишғолшаванда), ки гузаронидани экспертизаи судӣ ба ӯ спорида шудааст | Ҳа |
| 5. | Бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ огоҳ кардани коршинос аз фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои додани хулосаи баръало бардурӯғ | Не |
| 6. | Масъалаҳое, ки дар назди коршинос гузошта шудаанд | Ҳа |
| 7. | Объекти тадқиқот ва маводҳои парванда, ки барои гузаронидани тадқиқот пешниҳод карда шудааст | Ҳа |
| 8. | Маълумот дар бораи шахсоне, ки дар раванди гузаронидани экспертиза иштирок доштанд | Ҳа |

| | | |
|---|---|---|
| 9. | Мазмун ва натиҷаи тадқиқот бо нишон додани усулҳои истифодашуда | Ҳа |
| 10. | Арзёбии натиҷаи тадқиқот, асосноккунӣ ва ҷамъбасткунии хулосаҳо оид ба саволҳои гузошташуда | Ҳа |

Агар ба миён масъала оид ба махсусияти экспертизаҳои тосудӣ дар мурофиаи судии гражданӣ ва нишонаҳои фарққунандаи он гузошта шавад, мо метавонем бе ягон шубҳа ба андеша ва нишонаҳои фарққунандаи экспертизаҳои тосудӣ, ки аз тарафи Е. Царев пешниҳод гардидааст, розӣ шавем. Лекин, дар мавриде, ки агар ба миён масъала оид ба махсусияти экспертизаҳои тосудӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ гузошта шавад, масъала ранги дигар гирифта, имконияти моро барои розӣ шудан ба мавқеи илмии Е. Царев маҳдуд мегардонад.

Экспертизаҳои судӣ дар давраи оғози парвандаҳои ҷиноятӣ барои аниқ намудани фарзияҳои оперативӣ ва тафтишотӣ нақши муҳимро дошта он дар давраи тафтишоти пешакӣ аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда дар сурати пайдо шудани зарурат тибқи талаботи м. 208 КМҶ ҶТ таъин карда мешавад.

Нақши экспертизаи судӣ дар ошкор ва тафтишоти ҷиноятҳо муҳим буда, шумораи зиёди ҷиноятҳо бо истифода аз донишҳои махсус тавассути гузаронидани экспертиза кушода мешаванд. Аз ин лиҳоз, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо ҳангоми омезиши усулҳои гуногуни илмӣ ва усулҳои тадқиқоти экспертӣ самараноктар буда метавонад.

Экспертизаҳои тосудӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ аз экспертизаҳои тосудӣ дар мурофиаи судии гражданӣ ба куллӣ фарқ намуда, оқибатҳои гуногуни ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд. Аз ин хотир, мо метавонем қисман розӣ шавем, ки «экспертизаҳои судие, ки дар доираи истеҳсолоти тосудӣ таъин карда мешаванд, намуди махсуси амалиёти тафтишотӣ мебошанд, ки аз гузаронидани тадқиқот дар асоси супориши муфаттиш (таҳқиқкунанда) ва додани хулосаи коршинос иборат буда, аз рӯйи масъалаҳое анҷом дода мешаванд, ки дониши махсусро дар соҳаи

илм, техника, санъат ва касбу ҳунар, бо мақсади муқаррар кардани ҳолатҳои аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ таҳти исботнамоӣ қароргиранда талаб менамоянд» [37, с. 7].

Экспертизаҳои судӣ мутобиқ ба таҳлилҳои параграфи 1.2. тадқиқоти диссертатсионӣ, новобаста аз танзим гардиданашон бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, наметавонанд амалиёти тафтишотӣ эътироф шаванд. Коршинос дар фарқият аз шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, ки барои гузаронидани амалиёти алоқаманд ба таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ масъуланд ва мақсади исбот намудани алоқамандии шахси гунаҳкорро дар содир кардани ҷиноят ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ пайгирӣ менамоянд, дар назди худ исбот кардани чизеро вазифа намегузорад, бахусус худро дар исбот намудани алоқамандии шахси гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ масъул намешуморад. Вай бо гузаронидани тадқиқоти тахассусӣ, танҳо ба саволҳое ҷавоб медиҳад, ки онҳо ҷой доштани донишҳои махсусро дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбу ҳунар талаб менамоянд. Яъне коршинос касеро дар содир кардани ҷиноят ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ айбдор намедонад. Нисбат ба ин масъала нуктаи охирон маҳз аз тарафи шахси пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ гузошта мешавад.

Бо назардошти нишонаҳои овардашудаи экспертизаҳои судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, экспертизаҳои тосудиро ҳамчун экспертизае муайян кардан мумкин аст, ки дар марҳилаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз тарафи шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, бо мақсади муайян намудани ҳақиқат ва механизми содиршавии ҷиноят, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таъин карда шуда, аз тарафи шахсоне гузаронида мешаванд, ки дорои донишҳои махсус ва малакаи касбӣ дар соҳаи илм, техника, санъат ва дигар касбу ҳунар мебошанд. Асос барои чунин хулосабарорӣ кардан мафҳуми тафтишоти тосудӣ буда метавонад, ки аз тарафи С. Сафронов, М. Абдураҳманов пешниҳод гардидааст. Онҳо мантиқан ба сифати

тафтишоти тосудӣ, тафтишотеро муқаррар менамоянд, ки бо бақайдгирии ариза, хабар дар бораи содир гардидани ҷиноят дар Феҳрасти ягонаи тафтишоти тосудӣ ё бо содир гардидани аввалин амалиёти тафтишотии бетаъхир, оғоз мегардад. Онҳо андешаи худро идома дода, қайд менамоянд, ки тафтишоти тосудӣ дар таносуб бо муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, аҳамияти ёрирасон дошта, гуфтан мумкин аст, ки ҳамчун давраи омодасозӣ баррасӣ карда мешавад ва дар қисми назаррас маҳз тафтишоти тосудӣ самаранокии истеҳсолоти судиро муайян менамояд [96, с. 23].

З. Искандаров дар доираи таҳлили масъалаҳои мутобиқати дохилии қисмҳои таркибии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (қисм, фасл, боб) оид ба оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, нуктаи назари наздик ба мавқеи илмии С. Сафронов, М. Абдураҳмановро баён намуда, иброз медорад, ки «пешбурди судӣ» худ объекти батанзимдарории қисми махсуси Кодекс (дар назар дошта шудааст КМҶ ҶТ) мебошад. Ва агар мо қисми сеюми Кодекси амалкунандаро бо номи «Пешбурди судӣ» маъқул шуморем, пас мебояд ва мантиқист, ки қисми дувуми Кодексро на бо номи «Қисми махсус», балки ба номи «Пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ» табдили ном намоем. Танҳо дар чунин ҳолат «Пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ» ҳамчун қисми махсус ва дуввуми КМҶ метавонад давраҳои мустақили мурофиавии ҷиноятиро, ба мисли оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ (бо фасли 6), таҳқиқ ва тафтиши пешакиро (бо фасли 7) фаро гирад» [78, с. 81].

Дар давраи тафтишоти тосудӣ, шахсони мансабдори барои пешбурди тафтишоти тосудӣ ваколатдор, вазифадоранд, ки тамоми ҳаракатҳои мурофиавии барои ин заруриро содир намуда, пуррагӣ ва комил будани заминаҳои исботнамоиро дар намуди далелҳо ва дигар сарчашмаҳои исботнамоии дахлдор таъмин намоянд. Чунин вазифадорӣ талаб мекунад, ки дар мавриди ҷой доштани зарурият, шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ бояд бо қабул намудани қарорҳои дахлдори мурофиавӣ гузаронида шудани экспертизаҳои судии

дахлдорро таъмин намоянд. Бинобар ин, розӣ шудан мумкин аст, ки «масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, ки шахсро дар ҳолати ногувор қарор дода, масъулияти мақомоти дахлдорро оид ба пешбурди тафтиши парванда ифтитоҳ бахшида, кор ва масрафи моддиву маънавӣ шурӯъ мегардад, амали оддӣ набуда, масъалаи ҷиддӣ ва рӯзмарра аст. Чунки аз як тараф, оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати ашхоси муайян метавонад ҳаёти муътадили ӯро халалдор созад, аз тарафи дигар, дар назди мақомоти гуногуни ҳифзи ҳуқуқ оид ба кушодани ҷиноятҳое, ки ба тобеъияти тафтишотии онҳо мансубанд, вазифагузорӣ карда мешавад» [78].

Дар шароити замони муосир, экспертизаҳои судӣ на танҳо дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз ҷумла дар марҳилаҳои тосудии мурофиаи судии ҷиноятӣ, инчунин қариб дар тамоми самтҳои фаъолияти инсон таъин ва гузаронида мешаванд, ки натиҷаи онҳо чӣ дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ ва чӣ дар марҳилаи судии баррасии парвандаи ҷиноятӣ ба сифати заминаи исботнамоии инкорнашавандаи гунаҳкорӣ ё бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ва дигар кирдори зиддиҳуқуқӣ баромад менамояд. Бинобар ин, «экспертизаҳои судӣ маҷмӯи амалҳоеро инкос менамоянд, ки дар назди худ ба даст овардани натиҷаро дар намуди ҷавоб ба саволҳои гузошташуда, яъне хулосаи коршинос мақсад гузоштаанд» [108, с. 26].

Он чиз қобили қабул гардидааст, ки ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бештари вақт барои пурра баён намудани падидаи экспертизаи судӣ иборaҳои «таъин намудан», «гузаронидан», «хулосаи коршинос» ва м.и. истифода бурда мешаванд. Иборaҳои истифодашаванда мафҳуми нисбатан васеъ буда, барои экспертизаҳои судӣ ҳам дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ҳам дар фаъолияти дигари ҳуқуқӣ, ба монанди мурофиаи судии гражданӣ, фаъолияти нотариати давлатӣ ва м.и. корбаст карда мешаванд. Бо такя ба ин, наметавонем нуктаи назари Л. Лазаревро сарфи назар намоем. Ӯ ба расмиёти таъин кардани экспертизаҳои судӣ дар марҳилаҳои тосудии

мурофиаи судии ҷиноятӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, нуктаи назари ҷолиби диққатро пешниҳод мекунад. Л. Лазарев қайд менамояд, ки «экспертизаҳои судиро «амали мухтори мурофиавӣ» (шакли мухтори идрок) эътироф намудан мумкин нест, зеро коршинос бо ба амал баровардани фаъолияти худ бо ташаббуси шахси таъинкардаи экспертизаи судӣ амал мекунад ва танҳо ҳамон маводеро мавриди таҳлил қарор медиҳад, ки ин мавод аз тарафи шахси таъинкардаи экспертизаи судӣ пешниҳод карда шудааст» [83].

Л. Лазарев бо ин ба мавқеи мурофиавии коршинос хусусияти вобастагӣ дода, онро дар алоқамандӣ аз мавқеи мурофиавии шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ қарор медиҳад. Ба қобили қабул набудани ин нуктаи назари Л. Лазарев метавонем ҳам аз нигоҳи қонунгузории мурофиаи судии ҷиноятӣ ва ҳам аз нигоҳи қонунгузории мамлакат оид ба экспертизаҳои давлатии судӣ баҳо диҳем.

Қ. 2, м. 58 КМҶ ҶТ пешбинӣ менамояд, ки ба сифати коршинос ҳар шахсе, ки барои пешниҳоди хулоса дониши махсус ва дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад, даъват шуданаш мумкин аст. Тибқи қ. 3 моддаи мазкур бошад, даъват кардани коршинос, таъин ва пешбурди экспертиза бо тартиби пешбининамудаи боби 24 Кодекси мазкур анҷом дода мешаванд. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки коршинос аз нигоҳи мавқеи мурофиавӣ таҳти тобеъияти шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ қарор надошта, дар фаъолияти худ комилан мустақил аст. Яъне коршинос ҳам аз нигоҳи мавқеи мурофиавӣ ва ҳам аз нигоҳи «манфиатҳои» идоравӣ, субъекти мустақили мурофиавӣ буда, дар алоҳидагӣ амал мекунад. Инро метавонад қ. 2, банди 3, м. 20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» баён намояд. Тибқи талаботи меъёри овардашуда, мустақилияти коршиноси судӣ ва дурустии хулосаи ӯ бо мавҷудияти муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ, ки аз суд, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ вобастагӣ надоранд, таъмин карда мешавад.

Бинобар ин, қ. 4, м. 58 КМҶ ҶТ бо номбар намудани ҳуқуқҳои коршинос, онро пешбинӣ мекунад, ки вай метавонад бо ҳамагуна маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, ки ба мавзӯи экспертизаи судии гузаронидашаванда алоқаманд мебошанд, шинос шавад. Коршинос баробари ин ҳуқуқ дорад дар бораи ба ӯ пешниҳод намудани маводи иловагӣ, ки барои додани хулоса заруранд ё дар бораи таъини экспертизаи комплексӣ дархост кунад.

Ҳуқуқҳои коршинос, ки дар боло тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтанд, андешаи Л. Лазаревро дар он хусус, ки коршинос танҳо ҳуқуқи шинос шудан ба маводҳои аз тарафи шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ пешниҳод гардидаро дорад, комилан истисно мекунад. Лекин, дар асоси андешаи Л. Лазарев як ҳолат – номутобиқатии дохилии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ (м. 58 КМҶ ҶТ) ва мухолифати КМҶ ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»-ро дар қисми мустақилии коршинос ошкор кардан мумкин аст.

Ҳуқуқҳое, ки қ. 4, м. 58 КМҶ ҶТ нисбат ба коршинос эътироф менамояд, аз нигоҳи аввал ба доираи васеи «салоҳият» дар раванди гузаронидани тадқиқи маводҳои барои экспертиза пешниҳодшуда ишора менамояд. Чунончи, шинос шудан бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, иштирок кардан дар пешбурди амалҳои тафтишотӣ ва додани савол ба пурсишшавандагон ва дигар шахсони иштироккунанда дар амалҳои тафтишотӣ ва м.и. Қисмҳои 2, 3 моддаи мазкур дар асоси ишора ба он ки коршинос аз муассисаҳои дигар барои ҳалли масъала даъват карда мешавад, мантиқан мустақилияти мурофиавии онро таъмин менамояд. Лекин, қ. 5, м. 58 КМҶ ҶТ бархилофи қисмҳои 2, 3, 4 коршиносро дар ҳолати маҳдудшавӣ қарор дода, тобеъияти мурофиавии ӯро ба шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ба вуҷуд меорад.

Шахсони пешбарандаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ бо истифода аз мақоми мурофиавии худ, ки дар қ. 5, м. 58 КМҶ ҶТ муқаррар

гардидааст, метавонанд коршиносро ба самти барои парвандаи ҷиноятӣ «аҳамият» дошта равона карда, бо пешниҳод кардани маводҳои «зарурӣ» ба даст овардани ҳамон хулосаи коршиносро ноил гарданд, ки онро ҳолатҳои барои парвандаи ҷиноятӣ «аҳамият» дошта талаб мекарданд.

Қ. 2, м. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муқаррар менамояд, ки омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки ба ҳуқуқтатбиқкунанда ваколатҳои беасос васеи фармонфармоӣ, ихтиёрдорӣ ё имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумиро муқаррар менамоянд, инҳо мебошанд:

– васеъ будани доираи ваколатҳои додашуда – мавҷуд набудан ё номуайянии муҳлатҳо, шартҳо ё асосҳои қабули қарор, такрор шудани ваколатҳо дар байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);

– муайян кардани салоҳият аз рӯи қоидаи «ҳуқуқ доштан» – пешбинӣ намудани имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) содир намудани амалҳо нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва диг.

Дар асоси таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии муқаррароти қ. 2, м. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва қ. 5, м. 58 КМҶ ҶТ хулоса кардан мумкин аст, ки агар моддаи мазкур аз як тараф принсипи мустақилии коршиносро халалдор намояд, аз тарафи дигар барои ба вуҷуд омадани ҳолатҳои коррупсионӣ шароити мувофиқ фароҳам меорад. Бинобар ин, пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳам мутобиқат кардани қисмҳои 2, 3, 4, 5 м. 58 КМҶ ҶТ бо ворид кардани тағйирот таъмин карда шуда, мухолифат байни КМҶ ҶТ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дар қисми меъёрҳои таъминкунандаи мустақилии коршинос бартараф карда шаванд.

Бартараф карда шудани мухолифати ошкоргардида имконият медиҳад, ки амали мустақилонаи мурофиавии коршинос кафолат дода шуда, ҳамагуна манфиатҳо, аз ҷумла манфиатҳои шахсӣ ва идоравӣ бартараф карда шаванд, ки ин барои барқарор гардидани адолати ҳақиқии судӣ омили муҳим ва калидӣ ба шумор мераванд. Аз тарафи дигар коршинос барои пайдо кардани сарчашмаҳо, аз ҷумла сарчашмаҳои илмии барои гузаронидани тадқиқ зарурӣ имкон пайдо карда, вақти назарраси худро сарфа менамояд. Сарфа гардидани мӯҳлат метавонад ба муҳлатҳои мурофиавӣ ба таври мусбӣ таъсир расонад.

Ҳамчун қоида ба сифати асосҳои таъин кардани экспертиза зарурати истифодаи донишҳои махсус баромад менамояд, ки зарурияти истифодаи чунин донишҳо бо талабот оид ба муқаррар намудани ҳолати аслии ҳодисаи ҷиноят, ки барои пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ аҳамият дошта метавонад, муайян карда мешавад.

Ҳангоми ба миён омадани зарурат субъектони пешбарандаи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ – прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда бо тартиби мурофиавии муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон қарори дахлдор бароварда, гузаронидани онро ба мутахассисони соҳа месупорад.

Мутобиқи талаботи м. 208 КМҶ ҶТ муфаттиш таъини экспертизаро аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ зарур шуморида, дар ин бора қарор қабул мекунад ва дар он маълумоти зеринро зикр менамояд:

– асосҳои таъини экспертиза. Дар зери мафҳуми асосҳои таъин намудани экспертиза сабабу омилҳое фаҳмида мешавад, ки онҳо зарурияти истифодаи донишҳои махсуси соҳавиро ба миён оварданд [33, с. 143].

– ному насаби коршинос ё муассисае, ки экспертиза бояд дар он ҷой гузаронида шавад. Дар ин қисмат прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда шахсонеро (муассисаеро), ки барои гузаронидани экспертиза вазифадор карда мешаванд, муайян намуда, дастхати онҳоро дар хусуси гузаронидани экспертиза ва додани хулосаи дахлдор мегирад.

– саволҳое, ки дар назди коршинос гузошта шудаанд. Саволҳое, ки аз тарафи прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда дар назди эксперт гузошта мешавад, бояд мушаххас буда, моҳияти аслии корро ифода намуда, барои ба вуҷуд оварда шудани тасаввурот дар бораи ҳодисаи ҷиноят мусоидат намояд [19, с. 183].

– маводе, ки ба коршинос пешниҳод мешавад. Ҳангоми ба коршинос вогузор намудани маводҳо дар хусуси гузаронидани экспертиза, вай бояд тавре интихоб карда шавад, ки чунин маводҳо барои ҳалли аслии ҳолати кор мусоидат намуда, дода шудани ҷавоби пурра ва мушаххасро оид ба саволҳои гузошташуда таъмин намояд [98, с. 40-43].

Тибқи муқаррароти қ. 2, м. 208 КМҶ ҶТ иҷрои қарор доир ба таъини экспертиза барои шахсон ё муассисаҳое, ки қарор ба онҳо равон карда шудааст ва ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, ҳатмӣ буда, аз тарафи мутахассисони муассисаҳои экспертӣ, муассисаҳои дигари давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ташкилоту корхонаҳо ё шахсони воқиф, ки муфаттиш таъин кардааст, гузаронида мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» гузаронидани экспертизаро танҳо дар муассисаҳои давлати экспертӣ муқаррар кардааст, аммо КМҶ ҶТ дар м. 212 гузаронидани экспертизаро берун аз муассисаҳои экспертӣ низ муқаррар мекунад. Инчунин тибқи сархати 3, м. 208 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон экспертиза тарафи мутахассисони муассисаҳои экспертӣ, муассисаҳои дигари давлатӣ ё ғайридавлатӣ, ташкилоту корхонаҳо ё шахсони воқиф, ки муфаттиш таъин кардааст, гузаронида мешавад. Тавре, ки мебинем дар м. 208 КМҶ ҶТ ба шахси воқиф таъин намудани экспертизаро иҷозат медиҳад. Аммо вазъи ҳуқуқии экспертони мустақил на дар КМҶ ҶТ ва на дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» пешбинӣ нашудааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки бояд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» вазъи ҳуқуқии коршиносони берун аз муассисаҳои экспертӣ амалкунандаро

муқаррар менамуд ва тартиби иҷозатнома додани онҳоро низ дар Қонуни мазкур бояд ба танзим медаровард.

Мутобиқи моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дар ҷумҳурӣ дар назди 7 мақомоти давлатӣ муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ таъсис дода шудаанд.

Тибқи талаботи моддаи мазкур вобаста ба гузаронидани экспертизаи судии тиббӣ ва судии равонпизишкӣ дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ бояд таъсис дода мешуданд.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба номгӯи муассисаҳо ва ташкилотҳои системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудааст.

Гарчанде, ки моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» таъсиси муассисаи экспертизаи судии равонпизишкӣ пешниҳод намояд ҳам, вале дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоҳида муассиса бо номи экспертизаи давлатии судӣ оид ба равонпизишкӣ таъсис дода нашуда, ҳоло чунин экспертизаҳо дар Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои равонӣ» гузаронида шуда истодааст.

Дар қисми 2–и моддаи 24-и Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2017 [7] намудҳои экспертизаҳое, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешавад, номбар карда шудааст. Тибқи сархати 6–и қисми 2–и моддаи мазкур экспертизаи тиббию судӣ, судию руҳӣ судию наркологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад. Меъёри мазкур ба меъёри қисми якуми моддаи 9–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25 июли соли 2005 дар мухолифат қарор дорад.

Аввалан ин, ки моддаи 9–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» гузаронидани ду намуд экспертизаро аз ҷумла экспертизаи судии тиббӣ ва судии равонпизишкиро ба салоҳияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намуда, гузаронидани экспертизаи судию наркологиро дар намуди алоҳида пешбинӣ намекунад. Сархати 6–и қисми 2–и моддаи 24–и Кодекси тандурустӣ бошад экспертизаи судии наркологиро ҳамчун намуди алоҳида пешбинӣ намуда, гузарониданашро ба соҳаи тандурустӣ вогузор намудааст. Сониян калимаҳое, ки дар ҳарду ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода бурда шудаанд, ба ҳам мутобиқат намекунанд. Масалан дар Қонун калимаҳои «судии равонпизишкӣ» вале дар Кодекси тандурустӣ «судию рӯҳӣ» истифода шудааст. Чунин бо ҳам мутобиқ накардани меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дарк ва фаҳмиши якхеларо аз байн бурда, татбиқи қонунро дар таҷриба душвор мегардонад.

Гарчанде ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» экспертизаи судӣ–наркологӣ ҳамчун намуди алоҳидаи экспертизаи давлатии судӣ пешбинӣ нагардида бошад ҳам, айни ҳол чунин экспертизаи судиро Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ ба номи профессор М.Ғ Ғуломов» мегузаронад. Бинобар ин зарур аст, ки ин номутобиқатиҳо бо роҳи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бартараф карда шуда, иҷрои талаботи қонун оид ба ташкили муассисаи давлатии алоҳидаи экспертизаи судии равонпизишкӣ ва наркологӣ ба роҳ монда шавад.

Таҷрибаи фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ» нишон медиҳад, ки бо дархости шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ (то оғози парвандаи ҷиноятӣ ва маъмурӣ) аз ҷониби экспертони муассиса аз натиҷаи азназаргузаронии шахси воқеӣ ё дигар объекти пешниҳодгардида санад оиди тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ дода мешавад. Дар чунин санадҳо асоси гузаронидани

шаҳодатгардонӣ ҷой, вақт, насаб, ном ва номи падари эксперт, насаб, ном ва номи падар, санаи таваллуд, ҷойи истиқомати шахсе, ки нисбати ӯ тадқиқот (шаҳодатгардонӣ)-и тиббию судӣ гузаронида шудааст, нишон дода мешаванд. Ҳамзамон дар санад ҳолати кор ва натиҷаи хулосабарории тадқиқот (шаҳодатгардонӣ) дарҷ карда мешавад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаҳои давлатии судӣ» аз ҷониби экспертон оид ба додани санади тадқиқоти тиббию судӣ (яъне - шаҳодатгардонӣ) меъёри ҳуқуқӣ пешбинӣ нагардидааст. Асос ва тартиби додани чунин санадро Қонун ба танзим надаровардааст. Чи гунае, ки дар боло қайд намудем –дар моддаи 4–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» мафҳуми фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ дода шуда.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, пешниҳод мегардад, ки фаъолияти муассисаҳои ғайридавлатии экспертизаи судӣ, мақоми ҳуқуқии онҳо, тартиби иҷозатномадиҳӣ ба онҳо, салоҳияти мақоми давлатии ваколатдор оид ба фаъолияти муассисаҳои ғайридавлатии экспертизаҳои судӣ, дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» мавриди танзим қарор дода шуда, ба фаъолияти онҳо хислати расмию ҳуқуқӣ дода шавад.

Лозим ба ёдоварист, ки иваз намудани экспертиза бо тадқиқоте, ки берун аз тарзи мурофиавии муқаррарнамудаи қонун сурат мегирад, манъ буда, хулосаҳои нозироти идоравӣ, актҳои ревизия, машваратҳои мутахассисон зарурати гузаронидани экспертизаро истисно намекунанд.

Ҳангоми таъини экспертиза то фиристодани қарор ба муассисаи экспертизаи судӣ муфаттиш вазифадор аст, ки бо он гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ҳамчунин шоҳидеро, ки таҳти экспертиза қарор мегиранд, шинос намуда, ба онҳо ҳуқуқҳои дар м. 210 КМҶ ҶТ муқарраршударо фаҳмонида диҳад. Ҳангоми эълони қарор дар бораи таъин намудани экспертиза дар ин хусус протокол тартиб дода мешавад, ки он аз тарафи муфаттиш ва шахсе, ки бо қарор шинос карда шудааст, имзо карда мешавад.

Эълон карда шудани қарор дар бораи таъин намудани экспертиза талаб карда намешавад, агар шахсе, ки нисбати он экспертиза таъин карда шудааст, бинобар сабаби ҳолати рӯҳӣ мазмун ва моҳияти қарорро дарк карда натавонад [61, с. 23].

Мутобиқи муқаррароти м. 209 КМҶ ҶТ ҳолатҳоеро фарқ кардан мумкин аст, ки аз рӯи онҳо таъин карда шудани экспертиза ба таври ҳатмӣ талаб карда мешавад. Экспертизаи ҳатмӣ бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои зерин таъмин карда мешавад:

а) сабаби марг;

б) хусусият ва дараҷаи вазнинии зарари ҷисмонӣ;

в) синну соли гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида, ба шарте, ки ин барои парванда аҳамият дошта бошад ва ҳуҷҷатҳо доир ба синну сол вуҷуд надошта ё шубҳаовар бошанд;

г) ҳолати рӯҳӣ ё ҷисмонии гумонбаршуда, айбдоршаванда, вақте ки дар масъалаи мукаллафӣ ё қобилияти онҳо дар бобати ҳимояи мустақилонаи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ дар мурофиаи ҷиноятӣ шубҳа ба миён меояд;

д) ҳолати рӯҳӣ ва ҷисмонии ҷабрдида, шоҳид дар ҳолатҳое, ки қобилияти онҳо дар бораи дуруст дарк кардани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта ва додани нишондод доир ба онҳо таҳти шубҳа қарор мегирад.

Дар моддаи 21 Қонун асосҳои гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ пешбинӣ гардидааст. Мутобиқи қисми 1–и моддаи мазкур «асосҳои гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ таъиноти суд, қарорҳои судя, шахси таҳқиққунанда муфаттиш ё прокурор, инчунин дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда, баъд аз рӯзи ворид гардидани қарор ё дархости дахлдор экспертиза таъиншуда ҳисоб карда мешавад».

Тибқи меъёри мазкур дархости шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ асос барои гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ шуда аз рӯзи воридгардидани дархост экспертиза таъин шуда ҳисоб карда мешавад.

Дар ҳолате, ки қонун дархости шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқиро мисли таъинот ва қарор ҳамчун асос барои гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ эътироф кунад, бояд аз натиҷаи гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун эксперт хулоса (моддаи 28–и қонун) диҳад, на санади тадқиқотии (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ. Ҳол он, ки фарқияти байни санади тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ ва хулосаи коршинос хело калон буда, яке аз он ин мувофиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ кардани коршиноси судӣ дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ, саркашӣ ё рад кардан аз додани хулоса мебошад. Ҳангоми додани санади тадқиқотии (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ бошад, эксперт ягон хел огоҳӣ карда намешавад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки таҳти мафҳуми «шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқӣ» дар моддаи 4 ва моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаҳои давлатии судӣ» ба истиснои суд, судя, шахси таҳқиққунанда, муфаттиш ва прокурор дигар шахсон фаҳмида мешаванд. Зеро дар асоси меъёрҳои моддаҳои мазкур суд бо таъинот, судя, шахси таҳқиққунанда, муфаттиш ва прокурор бо қарор экспертиза таъин мекунанд.

Таҷриба дар фаъолияти Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ (минбаъд Марказ) нишон медиҳад, ки асосан дар Марказ бо дархостҳои прокурорҳои шаҳру ноҳияҳо бо роҳхатҳои аз ҷониби шуъбаи корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳои Вазорати корҳои дохилӣ дода шуда ва бо аризаҳои шаҳрвандон тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ гузаронида санад дода мешавад.

Чунин тартиби фаъолияти кориро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ба танзим надаровардааст, яъне аз ҷониби экспертон додани санад оид ба тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ дар асоси дархост, роҳхати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва аризаи шаҳрвандонро пешбинӣ намекунад.

Танҳо дар банди 4-уми «Тартиби (стандарти) дастурии ташкил ва гузаронидани экспертизаи тиббӣ-судӣ дар муассисаҳои давлатии экспертизаи тиббию судии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармоиши Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2014 № 918 тасдиқ гардидааст [125], чунин омадааст: «Асосҳо барои гузаронидани экспертиза таъиноти суд, қарори судя, таҳқиқотчӣ ё муфаттиш мебошад. Тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) экспертӣ дар асоси муроҷиати хаттии мақомотҳо, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузаронида мешавад, агар масъалаи мазкур дар доираи парвандаи ҷиноятӣ қарор надошта бошад. Тартиби гузаронидани тадқиқот (шаҳодатгардонӣ) ба тартиби гузаронидани экспертиза якхела, ба ғайр аз меъёрҳои мурофиавӣ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки «Тартиби (стандарти) дастурии ташкил ва гузаронидани экспертизаи тиббӣ-судӣ дар муассисаҳои давлатии экспертизаи тиббию судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси талаботи моддаи 27-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаҳои давлатии судӣ» аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Меъёри банди 4–и тартиби дар боло зикргардида барои мушаххас намудани меъёри моддаи 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаҳои давлатии судӣ» қабул гардидааст. Ҷумлаи дуюм ва сеюми банди мазкур ба моддаи 21 ва дигар меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаҳои давлатии судӣ» зид мебошад. Зеро қонун «Дар бораи экспертизаҳои давлатии судӣ» гузаронидани тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) экспертизаро дар асоси муроҷиати хаттии мақомотҳо ва шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои дар доираи парвандаи ҷиноятӣ қарор надошта пешбинӣ намекунад.

Дар моддаи 2–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017 [10] омадааст, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дар асос ва барои иҷрои санадҳои қонунгузорӣ ва

дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қувваи бештари ҳуқуқидошта қабул карда мешаванд.

Мутобиқи моддаи 84-и қонуни зикргардида ихтилофи байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии гуногундарача тибқи низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар моддаи 9–и қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, ҳал карда мешаванд.

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қисми 2–и моддаи 9-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» оварда шудааст, қонунҳо нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар тартиби ҷойгиршавии болотар меистанд. Қисми 3-юми моддаи 9-и ҳамин қонун пешбинӣ менамояд, ки тартиби ҷойгиршавии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар қисми 2–юми моддаи мазкур қувваи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад. Аз ин рӯ, қонунҳо нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қувваи бештари ҳуқуқӣ дошта, дар сурати мутобиқат накардани онҳо, меъёрҳои қонун амал мекунад. Гарчанд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» додани санадро оиди гузаронидани тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) тиббӣ–судӣ пешбинӣ накунад ҳам, тӯли чандин сол аст, ки бо маводҳои ҳануз дар марҳилаи санҷиш қарор дошта, дар асоси дархости прокурорҳо, муфаттишон, роҳхати шуъбаҳои корҳои дохила дар шаҳру ноҳияҳо ва дар асоси мурочиати шахсони воқеӣ, экспертҳо аз натиҷаи тадқиқоти (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ санад медиҳанд.

Аз чунин роҳи ҳалли масъала даст кашидан низ проблемаи мавҷударо дар таҷриба ҳал накарда, мушкилиҳои навбатиро ба миён меорад. Чунки: якум барои саривақт чораҷӯӣ намудан нисбат ба ҳодисаи вайрон намудани қонун, ки шояд минбаъд чун ҷиноят баҳои ҳуқуқӣ дода шавад, маълумоти воқеие зарур аст, ки бардошти он донишҳои махсуси коршиносиро талаб кунад. Дар сурати даст кашидан аз гузаронидани чунин тадқиқоти «шаҳодатгардонӣ» то оғози парвандаи ҷиноятӣ, муайян намудани асоси ин амал бе санади коршинос мушкил гардида, қарори радди

оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад ва бо ҳамин эҳтимолияти поймол намудани ҳаққи ҷабрдида ба ҳимояи судӣ ба миён меояд; дуввум, дар сурате, ки агар танҳо додани хулосаро дар асоси таъинот ва қарори мақомати ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ намоем, ки қабули чунин намуди ҳуҷҷатҳо айни ҳол мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ танҳо баъд аз оғози корҳои ҷиноятӣ имконпазир аст. Дар ин маврид мушкилии навбатӣ ба миён меояд, яъне қабули қарор оиди қатъи корҳои ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эҳтимол аст, ки зиёд шавад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло мо метавонем асосҳоеро, ки барои таъин намудани экспертиза сабаб мегарданд, шартан ба ду гурӯҳи калон ҷудо намоем:

а) ҳолатҳое, ки аз рӯи онҳо таъин ва гузаронидани экспертиза ҳатмист;

б) ҳолатҳое, ки аз рӯи онҳо таъин ва гузаронидани экспертиза ҳатмӣ нест.

Таъин ва гузаронидани экспертиза аз рӯи ҳолатҳои гурӯҳи дувум ба салоҳияти муфаттиш вобаста буда, бо салоҳдиди он гузаронида мешавад. Яъне агар муфаттиш гузаронида шудани чунин экспертизаро зарур шуморад, пас вай метавонад дар асоси қарори худ гузаронидани чунин экспертизаро таъин намояд, дар ҳолати акс вай метавонад аз гузаронидани чунин экспертиза даст кашад.

Таснифи мазкур ҳадди ниҳоӣ набуда, ҳамчунин таснифи дигари асосҳои таъин намудани экспертиза: асосҳои воқеӣ ва асосҳои расмии таъин намудани экспертиза фарқ карда мешавад, ки дар зери мафҳуми асосҳои воқеии таъин намудани экспертиза маълумот дар бораи имконияти ноил гардидан ба ҳадафҳои экспертиза фаҳмида мешавад [61, с. 25].

Қобили қайд аст, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмун ва моҳият, ҳамчунин мафҳуми асосҳо ва ҳадафҳои экспертизаро кушода намедиҳад, гарчанде ба он ишора менамояд.

Масалан, м. 209 КМҶ ҶТ ҳолатҳоеро муқаррар менамояд, ки нисбати онҳо таъин ва гузаронидани экспертиза ҳатмӣ мебошад. Вобаста ба ин ҳадафи таъин намудани экспертизаро ба таври зерин шарҳ додан мумкин аст: ҳадафи таъин намудани экспертиза зарурати истифодаи донишҳои махсус бо мақсади ошкор намудани иттлооти «махфӣ» мебошад, ки нисбати парванда аҳамият дорад.

Дар доираи илм таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳолати ҳатми таъин намудани экспертиза ниҳоят зиёд буда, аммо дар муқаррароти м. 209 КМҶ ҶТ дар шакли маҳдуд пешбинӣ гардидааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои боло ба сифати асосҳои таъин намудани экспертиза зарурати истифодаи донишҳои махсус баромад менамояд, ки истифодаи чунин донишҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба расмият дароварда шуда, барои ошкор намудани сабабу шароитҳое равона гардидааст, ки аз ошкор гардидани чунин сабабу шароитҳо натиҷаи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ вобастагии сахт дошта, ҷиҳати татбиқшавии адолати судӣ заминагузорӣ менамояд.

Экспертиза дар мавриди пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ дар ҳолате таъин карда мешавад, ки агар чунин ҳолат дахолати дониши махсусро дар соҳаи илму техника ва фарҳанг нисбати сабабу шароити ба миён омада талаб намояд.

Масъалаи таъин намудани экспертиза аз тарафи муфаттиш ба таври мустақилона ҳал гардида, дар ин хусус қарор қабул карда мешавад. Чи хеле ки дар боло қайд гардид, КМҶ ҶТ ҳолатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки дар доираи он таъин намудани экспертиза хислати ҳатмиро дошта, аз иродаи муфаттиш вобаста нест.

Муфаттиш зарурати таъин ва гузаронидани экспертизаро ба инобат гирифта дар ин хусус қарори асоснок мебарорад, ки дар он номи муассисаи экспертӣ, намуди экспертиза, сабабу шароитҳо ва асосҳои таъин намудани экспертиза, ному насаби эксперт, саволҳои дар назди он гузошташаванда нишон дода мешавад.

Қарори муфаттиш дар бораи таъин намудани экспертиза асоси ягонаи мурофиавиест, ки аз рӯйи он гузаронида шудани экспертиза таъин карда мешавад. Қисмати асосии қарор дар бораи таъин намудани экспертиза саволҳои дар он гузошташаванда ба шумор меравад, зеро пешрафти минбаъдаи истеҳсолот аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ ва самаранокии экспертиза маҳз аз саволҳои вогузоршуда вобаста буда, барои ба даст овардани иттилооти зарурӣ мусоидат менамояд. Саволҳои нодуруст гузошташуда ва ё саволҳои берун аз салоҳияти эксперт метавонад имконияти экспертизаро ба сифр баробар намуда, гузаронида шудани онро аз мантиқ дур намояд ва ё ин ки зарурияти гузаронида шудани экспертизаи иловагиро ба миён орад, ки ин вақт ва муддати зиёдеро талаб менамояд. Вобаста ба ин он чиз қобили қабул аст, ки агар муфаттиш пеш аз тартиб додани савол ба мутахассис муроҷиат намояд ва ё аз адабиёти махсуси соҳавӣ истифода намояд.

Гузаронида шудани экспертиза аксар вақт ба зиммаи муассисаҳои давлатии экспертиза, ки махсус барои гузаронидани намудҳои гуногуни экспертиза таъсис дода шудаанд, вогузор карда мешавад. Барои кор дар чунин муассисаҳо мутахассисони соҳа ҷалб гардида, бо воситаҳои техникӣ ва технологияи компютерии ҳозиразамон таҷҳизонида шуданд, ки онҳо гузаронида шудани экспертизаро осон намуда, дода шудани хулосаи дақиқро таъмин менамоянд.

Тибқи талаботи м. 211 КМҶ ҶТ ҳангоми гузаронидани экспертиза дар муассисаи экспертӣ муфаттиш қарор ва маводи зарурнро ба ин муассиса ирсол менамояд. Дар ин маврид роҳбари муассисаи экспертӣ вазифадор аст:

а) гузаронидани экспертизаро ба як ё якчанд коршинос супорида, дар ин бора ба муфаттиш хабар диҳад;

б) ба коршиносон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро, ки дар м. 58 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, фаҳмонад, оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста хулосаи бардурӯғ додан огоҳ кунад ва дар ин бобат аз

онҳо забонхат гирад, ки он якҷоя бо хулосаи коршинос ба муфаттиш равон карда мешаванд.

Бо ин қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гузаронидани экспертизаро берун аз муассисаҳои экспертӣ манъ накардааст. Яъне муфаттиш метавонад гузаронидани экспертизаро дар баробари муассисаҳои давлатии экспертӣ ҳамчунин ба муассисаҳои экспертии ғайридавлатӣ ва ё экспертҳои мустақил вогузор намояд.

Тибқи талаботи қ. 1, м. 58 КМҶ ҶТ коршинос дар ҳолате даъват карда мешавад, ки барои пешбурди таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ё ҳангоми муҳокимаи судии парванда ба дониши махсус дар соҳаи илм, техника, фарҳанг ё касбу ҳунар зарурат ба миён ояд. Дар асоси қ. 2, моддаи мазкур бошад ба сифати коршинос ҳар шахсе, ки барои пешниҳоди хулоса дониши махсус ва дар ҳолатҳои зарурӣ иҷозатномаи дахлдор дорад, даъват шуданаш мумкин аст. Ин маънои онро дорад, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба парванда ҷалб шудани эксперти мустақилро манъ намекунад.

Дар мавриди аз тарафи муфаттиш қабул шудани қарор дар бораи вогузор намудани экспертиза ба эксперти мустақил ба он зарур аст дар навбати аввал ихтисосмандии онро муайян намояд. Чи хеле ки аз муқаррароти м. 212 КМҶ ҶТ бармеояд, агар экспертиза берун аз муассисаи экспертӣ гузаронида шавад, муфаттиш пеш аз баровардани қарор оид ба таъини экспертиза бояд ба шахсияти фарде, ки экспертизаро ба ӯ супориданист, ба салоҳиятнокии ӯ итминон ҳосил намуда, муносибати ӯро бо айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида ва бо шахсе, ки таҳти экспертиза қарор гирифтааст, муайян намояд ва санҷад, ки оё асосҳо барои дур кардани коршинос мавҷуданд ё не. Муфаттиш баъди аниқ кардани маълумоти зарурӣ дар бораи таъини экспертиза қарор мебарорад, онро ба коршинос месупорад, ба ӯ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои пешбинишударо мефаҳмонад ва аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дидаю дониста додани хулосаи бардурӯғ огоҳ мекунад. Доир ба иҷрои амалҳои мазкур муфаттиш дар қарори таъин кардани экспертиза

қайд мегузорад ва он бо имзои коршинос тасдиқ карда мешавад [29, с. 281; 19, с. 183].

Гуфтаҳои боло далолат медиҳанд, ки гузаронидани экспертиза яке аз амалҳои мураккаб ба шумор рафта, барои ба даст овардан ва тафтиши далелҳо равона гардидааст. Бинобар ин, ҳангоми гузаронидани экспертиза тартибе, ки аз тарафи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст, бояд ба таври ҳатмӣ риоя карда шавад. Бо назардошти ин ҳангоми таъин ва гузаронидани экспертиза эксперт дар ҳамон ҳаҷм ва андоза бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ шинос карда мешавад, ки онро ҳаҷм ва андозаи экспертизаи таъиншуда талаб менамояд.

Пас аз ба охир расидани экспертиза коршинос хулоса медиҳад, ки дар он тамоми амалҳои бо гузаронидани экспертиза алоқаманд буда ба таври муфассал дарҷ карда мешавад. Ҳангоми ба миён омадани зарурат муфаттиш метавонад онро ба таври иловагӣ мавриди пурсиш қарор диҳад, ки дар ин хусус дар параграфи минбаъда истода хоҳем гузашт.

Моддаи 213 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикисон ҳангоми ба миён омадани зарурат имконияти гузаронидани экспертизаи комиссиониро пешбинӣ менамояд, ки аз рӯи он экспертизаи комиссионӣ дар ҳолатҳои зарурати анҷом додани тадқиқоти мураккаби экспертӣ аз тарафи якчанд эксперти дорои як ихтисос гузаронида мешавад. Дар мавриди гузаронидани экспертизаи комиссионӣ экспертон натиҷаҳои ҳосилшударо якҷоя таҳлил намуда, аз натиҷаи он хулосаи ягона медиҳанд. Агар дода шудани чунин хулоса имконнопазир бошад, дар ин хусус санад дар бораи имконнопазирии пешниҳоди хулоса тартиб дода мешавад, ки дар ҳарду ҳолат хулоса аз тарафи экспертон имзо карда мешавад.

Аз амалияи фаъолияти кори коршиносони судии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад, ки аксар вақт экспертизаи комиссионӣ пас аз экспертизаҳои такрорӣ таъин мегардад. Ва бештар сабаби таъин намудани экспертизаҳои комиссионӣ ба сабабҳои таъини экспертизаҳои такрорӣ мутобиқат менамоянд.

Тибқи қ. 3, м. 213 КМҶ ҶТ коршиносон метавонанд ҳангоми мавҷуд будани ихтилофи назар хулосаи худро дар алоҳидагӣ пешниҳод намуда, дар он ақидаи худро иброз намоянд. Чунин тартиб ҳамчунин дар мавриди гузаронидани экспертизаи комплексӣ низ нигоҳ дошта мешавад.

Дар доираи парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст, ки дар баробари экспертизаи комиссионӣ ҳамчунин экспертизаи комплексӣ низ гузаронида шавад. Агар ҳангоми гузаронидани экспертизаи комиссионӣ якчанд эксперти дорои як ихтисос иштирок намоянд, дар экспертизаи комплексӣ якчанд эксперте, ки дорои ихтисоси гуногун мебошанд, иштирок менамоянд. Масалан, барои муайян кардани садамаи воситаи нақлиётӣ экспертиза комплексӣ таъин гардида, гузаронидани он ба уҳдаи коршиносони судии нақлиётӣ, пайшиносӣ ва судии тиббӣ вагузор мегардад.

Муайян карда шудааст, ки экспертизаи комплексиро коршиносони донишҳои махсуси гуногундошта мегузаронанд. Ба ин муносибат як масъалаи муҳим ба миён меояд. Моҳияти масъала дар он аст, ки агар экспертиза аз тарафи як эксперт ва лекин бо ҷорӣ намудани донишҳои махсуси аз соҳаҳои гуногуни илму техника истеҳсол шавад экспертиза тавсифи комплексӣ мегирад ё на? Ба ин савол бояд ҷавоби мусбӣ дода шавад. Зеро моҳияти экспертизаи комплексӣ дар комиссияи экспертҳо набуда, балки барои ҳал намудани масъалаҳо дар ҷорӣ намудани донишҳои махсуси гуногун мебошад. Масалан, эксперти судӣ–нақлиётӣ бо баробари донишҳо оид ба самти воситаҳои нақлиёт дорои донишҳои махсуси пайшиносӣ низ буда, дар ҳар кадом самт яъне ҳам дар самти экспертизаи судӣ–нақлиётӣ ва ҳам дар самти пайшиносӣ дорои донишҳои махсус, инчунин дорои ҳуқуқ ба имзоҳои мустақил мебошад. Дар ҳолати мазкур худи ҳамон як коршинос метавонад дар самтҳои гуногун, ки саволҳо гузошта шудааст ҷавоб гардонад. Ин экспертиза гарчанде аз ҷониби як коршинос гузаронида шуда бошад ҳам, аммо ҳамчун экспертизаи комплексӣ ба ҳисоб меравад. Пешниҳод менамоем,

ки дар қ. 1, м. 214 КМҶ ба ҷои калимаи «коршиносони дорои ихтисосҳои гуногун», калимаҳои «коршиноси дорои донишҳои соҳаҳои гуногун ва ё якчанд коршиносони дорои донишҳои гуногун» ворид карда шавад.

Дигар хусусияти хоси экспертизаи комплексӣ дар он аст, ки онро ба сифати экспертизаи аввалин ё такрорӣ ва ё экспертизаи комиссионӣ таъин кардан мумкин аст.

Экспертизаи судӣ–комплесии дар ҷанбаи гносеологӣ тадқиқоти экспертизист, ки бо истифода аз дониши махсуси соҳаҳои гуногуни илмӣ гузаронида мешавад, ки ҳадафи он якҷоя ҳалли масъалаҳои сарҳадии синфҳо, намудҳои экспертизаи судӣ ҳангоми омӯзиши як объект ё гуруҳи якхелаи ашё, ҳалли масъалаи ҳамгироӣ тавассути хулосаи умумиро тартиб дода, хулосаи муштарак медиҳанд.

Экспертизаи судӣ-комплексӣ аз ҷиҳати мурофиавӣ экспертизаи судӣ мебошад, ки дар истеҳсоли он коршиносони ихтисосҳои гуногуни экспертӣ ҷалб карда мешаванд, ки барои қисми тадқиқоти аз ҷониби онҳо шахсан гузаронидашуда масъуланд, ва барои ҳалли мушкилоти ҳамгироӣ бо таҳияи хулосаи умумӣ аз ҷониби аъзоёни салоҳиятдор додани хулосаи ягона ба ҳисоб меравад.

Мавзуи экспертизаи судӣ–комплексӣ маълумоти воқеӣ мебошад, ки хусусиятҳои ашёро дар ҷараёни омӯзиши судии комплексии экспертӣ дар асоси истифодаи дониши махсуси соҳаҳои гуногуни илмӣ ташкил ва инъикос мекунанд.

Е.Р. Россинская таъкид намудааст,ки «ташхиси комплексӣ бояд аз нуктаи назари ягонагии диалектикии шакли мурофиавӣ ва мундариҷаи методологӣ баррасӣ карда шавад, яъне на танҳо аз ҷиҳати мурофиавӣ, балки аз ҷиҳати илмӣ ва ташкилӣ. Дар акси ҳол, он аз комиссия фарқи ҷиддӣ надорад ва танзими мурофиавии он ба амалияи тафтишотӣ ва судӣ чизе намедиҳад [43, с. 14].

Ҳангоми муайян кардани ин мафҳумҳо ба назарияи умумии экспертиза ва соҳаҳои он назар кардан лозим аст. Аз нуктаи назари фаъолияти амалӣ дар мавзуи экспертиза одатан маънояш маълумоти

воқеӣ (далелҳо, ҳолатҳо) мебошад, ки дар асоси истифодаи дониши махсуси илмӣ ва омӯзиши маводи парванда дар ҷараёни ташхис муқаррар карда мешавад. Азбаски хусусияти асосии экспертизаи судии комплексӣ истифодаи донишҳои илмии соҳаҳои гуногуни экспертӣ дар истеҳсоли он мебошад, мавзуи экспертизаи судии комплексиро метавон маълумоти воқеӣ ҳисобид, ки дар заминаи истифодаи донишҳои илмии соҳаҳои гуногуни коршиносон ҳангоми истеҳсоли он муқаррар карда шудааст.

Тартиби гузаронидани экспертизаи комплексӣ дар м. 214 КМҶ ҶТ ба танзим даровarда шудааст, ки аз рӯи он экспертизаи комплексӣ дар ҳолате таъин карда мешавад, ки агар барои тадқиқ дониши соҳаҳои гуногун талаб карда шавад. Дар намуди мазкури экспертиза ҳар яке аз экспертон соҳаи худро тадқиқ менамояд, ки дар ин хусус дар хулоса ишора карда мешавад. Вобаста ба ин ҳар як эксперт ҳамон қисми хулосаро имзо мекунад, ки дар он тадқиқоти ӯ инъикос ёфтааст.

Дар экспертизаи комплексӣ хулосаи умумиро эксперте мебарорад, ки дар баҳодиҳии натиҷаи ҳосилшуда салоҳият дорад. Агар гузаронида шудани экспертиза ба муассисаи экспертӣ супорида шуда бошад, пас дар ин ҳолат ташкили тадқиқи комплексӣ ба зиммаи роҳбари он муассиса гузошта мешавад.

Ҳамин тавр, гузаронидани экспертиза бо қарори муфаттиш дар бораи таъин намудани экспертиза оғоз гардида, бо тартиб дода шудани хулосаи коршинос ба охир мерасад, ки дар он асосҳои гузаронида шудани экспертиза ва натиҷаи он дарҷ карда мешавад.

Дақиқ будани пешбурди экспертиза, ҳамчунин саҳеҳияти хулосаи коршинос аз сифат, тартиб ва шароити нигоҳдории далелҳои шайъӣ вобастагии зич дорад. Аз ин ҷо, муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи алоҳида санадҳои дохилиидоравии дахлдорро қабул ва мавриди амал қарор доданд. Чунончи, бо фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми апрели соли 2014, таҳти №5-112 «Дастурамал дар бораи тартиби гирифтан, азназаргузаронӣ, таҳқиқ,

нигоҳ доштан ва супоридани далелҳои шайъӣ, ашёҳои арзишнок ва дигар молу мулк аз ҷониби мақомоти тафтишотӣ» тасдиқ карда шудааст, ки санади мазкур муносибатҳои алоқаманд ба нигоҳдории далелҳои шайъиро дар мақомоти тафтишотӣ ба танзим даровaрда, на танҳо ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ паҳн мешавад, балки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои дигар иштирокчиён низ метавонад, таъсиргузор бошад. Ин ҷой бояд зикр намуд, ки муносибатҳои танзимшуда мебоист бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии хислати умумиҳатмӣ ба танзим даровaрда мешуд. Гузашта аз он, тибқи м. 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Прокуратураи Генералии ҶТ субъекти ҳуқуқэҷодкунанда нест, вале метавонад дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмии вазоратҳо ширкат намояд, хамраъй бошад ва имзо намояд.

Санадҳои ба ин монанд, инчунин дар МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ки тартиби қабул, ба қайд гирифтан, нигоҳ доштан ва баргардонидани далелҳои шайъӣ, мавод барои гузаронидани экспертиза ва намунаҳои муқоисавие, ки барои гузаронидани экспертиза пешниҳод гардидаанд, ба танзим медарорад. Ба мисоли Қоидаҳои қабул, нигоҳ доштан ва баргардондани далелҳои шайъӣ, мавод барои гузаронидани экспертиза ва намунаҳои муқоисавӣ, Дастурамал оид ба тартиби гузарондани экспертизаи давлатии судӣ ва криминалистӣ, таҳияи хулоса ва хабарномаи коршиноси судӣ (19.06 2025 с.) ва ғайра.

Омӯзиши амалияи мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ нишон медиҳад, ки на ҳамаи ин мақомот дорои санади танзимкунандаи тартиб ва шароити нигоҳдории далелҳои шайъӣ мебошанд. Ҳолати мазкур дар ниҳояти кор ба сифати нигоҳдории далелҳои шайъӣ ва саҳеҳияти хулосаи коршинос таъсири манфӣ мерасонад. Вобаста ба ин, асоснок карда мешавад, ки зарурияти қабули санади якҷояи меъёрии ҳуқуқии мақомоти тафтишоти пешакӣ ва прокуратура ба миён омадааст, ки қайди давлатиро дар Вазорати адлияи Ҷумҳурӣ гузашта, санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ ҳисоб карда шавад.

Дар асоси таҳлилҳои боло ба хулосаи зерин омадан мумкин аст:

1. Новобаста аз оне, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаро дар сатҳи кофӣ ба танзим даровардааст, лекин тартиби мурофиавии он на ҳама вақт аз тарафи шахсони мансабдори пешбарандаи истеҳсолот аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ ба таври бояду шояд риоя карда мешавад. Чунин ҳолат аксар вақт дар мавриди эълони қабули қарор дар бораи таъини экспертиза, эълон намудани хулосаи коршинос ва натиҷаи он мушоҳида карда мешавад.

2. Таҳлили амалия нишон медиҳад, ки аксар мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ барои нигоҳ доштани далелҳои шайъӣ ҷойҳои махсус надоранд, ки ин барои нигаҳдошти далелҳои шайъӣ таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа аксар далелҳои шайъӣ дар шароити ғайридахлдор нигоҳ дошта мешаванд, ки ин барои гум шудани далелҳои шайъӣ, тағйир ёфтани ҳолати аввалияи он, аз байн рафтани нишонаҳои ҷиноят сабаб мегардад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳои қайдгардида пешниҳод менамоем, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст оид ба тартиби нигоҳдории далелҳои шайъӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ қабул намоянд.

3. Саволҳое, ки ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ дар назди коршинос гузошта мешаванд, бештари вақт хислати қолабӣ дошта, ба таври стандартӣ истифода мегарданд. Дар баробари ин саволҳои гузошташаванда на ҳама вақт ба мазмуну моҳият ва ҳадафҳои таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ мутобиқат менамояд, ки ин аз ба таври ғайрикасбӣ тартиб дода шудани савол шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин мазмуну моҳияти саволҳои ғайрикасбӣ гузошташуда дар тадқиқот ва хулосабарориҳои экспертӣ метавонанд боиси хатогиҳои хоси коршиносон гарданд.

4. Муассисаҳои давлатии экспертизаҳои судӣ, ки имрӯз гузаронидани экспертизаро таъмин менамоянд, ҳам ба таври маънавӣ ва ҳам ба таври моддӣ куҳна гардида, зимни гузаронидани экспертизаҳои

судӣ на ҳама вақт истифода шудаи воситаҳои техникии замонавӣ таъмин мегардад. Ғайр аз ин коршиносони чунин муассисаҳо на ҳама вақт корманди касбӣ буда, ихтисоси дахлдорро доро мебошанд.

5. Ҳангоми таҳияи хулосаи коршинос мутобиқати дохилӣ ва берунаи он на ҳама вақт риоя гардида, тартиби додани он ба таври бояду шояд риоя намегардад. Ҳамчунин саволҳои гузошташуда аз рӯи мазмун ва моҳият таҳлил нагардида, барои коста гардидани хулосаи коршинос боис мегарданд.

Дар натиҷаи баррасӣ ва таҳлили масоили омӯхташаванда чунин мешуморем, ки бартараф гардидани чунин омилҳо метавонад барои ҷоннок гардидани фаъолияти коршиносон заминагузорӣ намуда, дар пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳо мусоидат намояд.

Замони муосир инкишофи тараққиёти илму техника ба ҳамаи фаъолияти инсони таъсири худро расонида аз як тараф ҷиҳатҳои мусбиро дар ҳаёти инсон муҳаё сохта, аз тарафи дигар боиси сарзадани ҷиноятҳои характери навдошта гардидааст, ки қисми зиёди чунин ҷиноятҳо бо истифода аз донишҳои махсус муайян, исбот ва кушода мешаванд. Маҳз ҳолатҳои қайдгардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки таъин ва гузаронидани экспертиза дар марҳилаи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ нақши назаррас дорад.

## 2.2. Таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи мурофиаи судӣ

Ҳокимияти судӣ бо таҳкими низоми қонунгузорӣ ва таъмини иҷрои қонунҳо рисолати таъмини адолат ва ҳифзи ҳуқуқи инсонро иҷро мекунад. Ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон эълон намудаанд, ҳифз менамояд.

Дар Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсиони ҶТ», «Дар бораи судҳои ҶТ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ самтҳои мухталифи фаъолияти судҳо ба таври васеъ, ҳаматарафа ва амиқу дақиқ дарҷ гардидаанд. Аз чумла м. 84 Конститутсияи ҶТ ҳифзи ҳуқуқ, озодии инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияти адолат вазифаи асосии ҳокимияти судӣ муқаррар намуд. Ин вазифаҳои суд хеле муҳиму мураккаб ва дар навбати худ муқаддасу муқаддам буда, бо назардошти принсипҳои демократия, ҳуқуқбунёдӣ ва дунявии кишвар, инчунин дар асоси меъёрҳои муқарраргардидаи қонунгузории ҷорӣ ва меъёрҳои санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ратификатсия карда шуда, бо роҳи баррасии судии парвандаҳои конститутсионӣ, маданӣ, ҷиноятӣ ва оилавӣ аз тарафи мақомоти судӣ амалӣ карда мешаванд.

Мурофиаи судӣ маҷмӯи мураккаби амалҳои судиро дар бар гирифта, дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муқаррар кардани қоидаҳое, ки тартиботи мурофиавии иҷрои чунин амалҳоро танзим менамоянд, дар баъзе аз меъёрҳо қоидаҳои умумиро пешбинӣ кардааст, ки мувофиқан ба тамоми амалҳои муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи маркази мурофиаи ҷиноятӣ дахл дорад. Онҳо дар ҷараёни мурофиаи судӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд, моҳиятан ба анҷом дода шудани ҳамаи амалҳои мурофиавӣ таъсир мерасонанд, хусусияти муҳим ва нишонаҳои марҳилаи мазкурро нисбати марҳилаҳои дигари мурофиа муайян менамоянд.

Зимни баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, яке аз далелҳои меҳварӣ оид ба парвандаи ҷиноятии тафтишаш ба анҷом расида, хулосаи эксперт баромад мекунад, ки дар асоси таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ба даст оварда шудааст.

Экспертизаи судӣ, ки зимни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бо қарори субъектони салоҳиятдори мурофиаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронида шудааст, имконият медиҳад, ки аз тарафи субъектони мазкур вобаста ба ин ё он ҳолати парвандаи ҷиноятӣ қарори дуруст, асоснок ва қонунӣ қабул карда шавад.

Бинобар ин, аз тарафи субъектони салоҳиятдори мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла аз тарафи суд бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ амали муҳим ва масъулиятнок маҳсуб меёбад.

Гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи мурофиаи судӣ дар м. 318 КМҶ пешбини гардидааст. Суд, судя дар маҷлиси суд экспертизаро ҳам бо дархости тарафҳо ва ҳам бо ташаббуси худ таъин мекунад. Экспертизаро коршиносоне, ки дар тафтиши пешакӣ хулоса додаанд ё дигар коршиносоне, ки суд таъин кардааст, анҷом медиҳанд. Зарурати таъин намудани экспертизаи судӣ дар рафти баррасии парванда дар суд моҳиятан аз ҳолати мурофиявӣ , ки дар кадом шароит ин масъала ҳаллу фасл карда мешавад, вобастагӣ дорад.

Раванди баргузории тадқиқоти экспертӣ дар марҳилаи муҳокимаи судӣ нисбатан ҳолатҳои ҷиддитарро дар бар гирифта, ҳангоми ҷараён гирифтани ин раванд судя метавонад барои гузаронидани экспертиза объектҳои иловагӣ пешниҳод намояд ва ба коршиноси судие, ки дар мурофиа иштирок менамояд саволҳои нав диҳад.

Аҳамияти истифодаи амалии донишҳои махсус талаботро ба фаҳмиши назариявии ҷанбаҳои гуногуни институти экспертизаи судӣ дар доираи мурофиаи ҷиноятӣ ва марҳилаи мурофиаи судӣ баланд мебардорад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, розӣ бояд шуд, ки «сари вақт, бо тартиби муқарраркардаи қонун ва асоснок таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ – шарти муҳими қабул гардидани санади қонунӣ, асоснок ва адолатноки судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба шумор меравад» [101, с. 133–141].

Нуктаи назари ба ин монандро ҳамчунин Л.В. Зорин баён намуда, қайд мекунад, ки «Экспертизаи судӣ ҳамчун яке аз падидаҳои ҳуқуқи исботкунӣ дар истеҳсолоти судии ҷиноятӣ яке аз мақоми меҳвариро ишғол менамояд, зеро падидаи мазкур дар фаъолияти мурофиавӣ–ҷиноятӣ ба қадри кофӣ васеъ истифода бурда мешавад» [109, с. 3].

Аз нигоҳи диссертант инкор гардидани андеша ва нуктаи назари мазкур имконнопазир ба назар мерасад. Ин бо он асоснок шуда метавонад, ки хулосаи эксперт, ки бинобар сабаби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ ба даст омадааст, барои аз тарафи субъектони салоҳиятдори мурофиавии ҷиноятӣ қабул шудани қароре муосидат менамояд, ки ин қарор ба ҳолати ҳақиқии кор асос ёфта, дар содир гардидани ҳуқуқвайронкунӣ даст доштан ё надоштани гумонбаршуда ва (ё) айбдоршавандаро исбот менамояд, ё барои қабул гардидани ҳукми сафедкунанда шароит фароҳам меорад. Чунончи, ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент аризаи шаҳрванд Д.Г.–ро оид ба соатҳои 8-ум ба 9-уми моҳи марти соли 2024 аз тарафи шавҳараш Н.С. бо истифода аз корди хоҷагӣ расонида шудани зарари вазнини ҷисмонӣ мавриди баррасӣ қарор дода, бо дастрасии моддаҳои 27, 149 КМҶ ҶТ бинобар сабаби дар амалҳои Н.С. ҷой надоштани аломати таркиби ҷиноят аз оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ рад намуд.

Аз тарафи РВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд баррасӣ гардидани аризаи шикоятии шаҳрванд Д.Г. нишон дод, ки ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ҳангоми баррасӣ кардани аризаи шаҳрванд Д.Г. оид ба соатҳои 8-ум ба 9-уми моҳи марти соли 2024 аз тарафи шавҳараш Н.С. бо истифода аз корди хоҷагӣ расонида

шудани зарари вазнини ҷисмонӣ амалҳои зарурии мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла таъин ва гузаронидани экспертизаи судиро анҷом надода, ба ҳолати кор баҳои дахлдори ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ надода, бармаҳал қарор дар бораи рад кардан аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятиро қабул кардааст.

Бинобар ин, РВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд қарори қабулкардаи ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакентро бекор намуда, маводҳои санҷиширо барои баррасии иловагӣ ба Прокуратураи вилояти Суғд ирсол намуд [138].

Таҳлили муқоисавию ҳуқуқӣ ва мурофиавӣ–ҷиноятии ҳолати аз тарафи РВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд бекор карда шудани қарори ШВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент дар бораи рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ имкон медиҳад, ки дар доираи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳолати муҳим ва калидӣ - таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ дар доираи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ва таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ дар доираи баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун марҳилаи мустақили мурофиавии ҷиноятӣ фарқ карда шавад.

Таҳлили ҳодисаҳои ҷиноят, ки аз тарафи диссертант дар доираи парвандаҳои ҷиноятии оғозшуда мавриди омӯзиш қарор дода шуданд, собит намуд, ки экспертизаҳои судӣ ва криминалистие, ки дар марҳилаи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронида мешаванд, аз рӯи мазмун ва моҳияти худ назар ба экзпертизаҳои судӣ ва криминалистие, ки дар марҳилаи баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронида мешаванд, маҳдудтар буда, ҳодисаи ҷиноятро комилан фаро гирифта наметавонанд. Албатта, барои чунин хулосабарорӣ асосҳои ба қадри кофӣ зарурӣ ҷой доранд.

Тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун қоида аз тарафи муфаттиши мақомоти тафтишоти пешакӣ - прокуратура, мақомоти амнияти миллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти назорати давлатии

молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мақомоти назорати маводи нашъаовар ва мақомоти дигари муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ анҷом дода мешавад. Субъекти мазкур иштирокчии фардии мурофиаи ҷиноятӣ буда, аз рӯи имконияти зеҳнӣ наметавонад тамоми паҳлӯҳои ҳодисаи ҷиноятро, ки барои тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ аҳамият доранд, ба назар гирад. Вобаста ба ин, он чиз истисно нест, ки ҳангоми анҷом додани тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳои алоҳидаи ҳодисаи ҷиноят сарфи назар гардида, муқаррароти муҳими қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, ба монанди ошкорбаёнӣ, мубоҳисавӣ будани мурофиаи ҷиноятӣ, мустақим будани он дар канор мемонанд.

Дар марҳилаи баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ (мурофиаи судии ҷиноятӣ, тафтишоти судӣ) таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ имконият медиҳад, ки нуқсонҳои дар тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ оид ба таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ бартараф карда шуда, дар замири он муқаррароти муҳими қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ - ошкорбаёнӣ, мубоҳисавӣ будани мурофиаи ҷиноятӣ, мустақим будани он вогузор карда шавад.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хулоса ва нишондоди коршиносро ҳамчун далел баҳогузорӣ намудааст, ки қисм зиёди мурофиаи ҷиноятии муосири пеш аз судӣ маҳз ба натиҷаҳои экспертизаи судӣ асос меёбад. Аммо дар баъзан парвандаҳо нисбат ба таъини экспертизаи судӣ камаҳамияти зоҳир гардида, ошкор намудани ҷионят ва механизми содиршавии он бо дигар далелҳо ҷамбаст гардида, ба суд ирсол карда мешавад. Ҳолати мазкур боиси нуқсонҳо, нофаҳмиҳо ва норозигии байни иштирокчиёни мурофия оид ба парванда гардида, зарурати таъин намудан экспертизаро дар марҳилаи судӣ ба миён меорад. Оид ба ҳолати мазкур таъин намудани экспертизаи судӣ бо таъиноти судяи суди ноҳияи И.Сомонии шаҳри Душанбе аз 23–юми августи соли 2024, нисбати судшавандагон Саматов Шуҳратҷон Муродалиевич ва Қурбонов Сиёвуш Абдувакилович бо м. $259^{1}$ қ. 2,

банди «а» Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон–ро мисол оварда метавонем. Дар таъиноти маҷлиси судӣ камбудиҳои тафтишоти пешакӣ бо он асос карда шудааст, ки оид ба муқаррар намудани арзиши умумии далелҳои шайъӣ ташхиси судӣ–молшиносӣ таъин нагардида, барои муқаррар намудани арзиши маводҳои баҳсии дар суд қарордошта ба сифати далел оид ба маълумоти воқеи танҳо маълумотномаи ҶДММ «Сеганҷ» асос гардидааст.

Ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби ҳимоятгар Донаев А. ба суд дархост пешниҳод карда шуд, ки барои муайян кардани арзиши умумии 7000 қуттии сигорҳои тамғаи «Милано» экспертизаи судӣ–молшиносӣ таъин карда шавад. Суд фикри тарафҳоро шунида қонеъ кардани дархостро ба мақсад мувофиқ мешуморад. Зеро дар маводҳои парванда хулосаи экспертиҳо дар хусуси арзиши сигорҳои тамғаи «Милано» ҷой надорад. Бо асосҳои болоӣ барои ҳаматарафа ва аз байн бурдани нофаҳмиҳо бо парванда, зарурияти таъин намудани экспертизаи судӣ–молшиносиро лозим шуморида бо дастрасии моддлаҳои 290 ва 318 КМҶ ҶТ суд, экспертизаи судӣ–молшиносӣ таъин кард.

Гузаронидани экспертизаи судӣ–молшиносиро бар зиммаи коршиносони судии Маркази ҷумҳуриявии экспертизщаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намуда, дар назди коршиносон оиди моҳияти кор саволҳои зерин гузошта шуд:

– сигорҳои наъи «Милано» истеҳсоли кадом давлат ба ҳисоб рафта, онҳо бо кадом восита банду баст гардидаанд?

– арзиши умумии моли сигорҳои наъи «Милано», ки 7000 қуттичаро дарбар мегиранд, дар санаи 13 апрели соли 2024 муайян карда шавад.

Коршиноси судӣ тадқиқотро дар асоси усулҳои индуксионӣ, дедуксионӣ, баҳодиҳии нархи бозоргонӣ ва маълумотнома аз ҶДММ «Фаровон-Д» таҳти №87 гузаронида дар қисмати хулосавӣ оид ба саволҳои додашуда чунин ҷавоб гардонид:

Сигорҳои наъи «Милано» истеҳсоли давлати Куриё ба ҳисоб рафта, онҳо бо истифода аз дастгоҳҳои махсус банду баст гардидаанд.

Арзиши эҳтимолии 7000 қуттичаҳои сигорҳои навъи «Милано» дар моҳи апрели 2024 ба маблағи 67 200 (шасту ҳафт ҳазору дусад) сомонӣ арзёбӣ карда шуд.

Суд хулосаи таҳти 21–3073\2024\ аз ҷониби коршиноси судии шуъбаи судӣ–молшиносии Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоднамударо тибқи м. 72 КМҶ ҶТ ҳамчун далел эътироф намуда ва дар асоси хулосаи коршинос нисбати судшавандагон ҳукми айбдоркунӣ баровард.

Тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаҳои судӣ дар зинаҳои марҳилаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ бо хусусиятҳои хоси худ аз тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаҳои то судӣ фарқ мекунад [141].

Суд дар мурофиаи судии ҷиноятӣ аз рӯи ҳамон ҳолати парвандаи ҷиноятӣ экспертизаи судиро таъин мекунад, ки ҳолати мазкур барои дуруст, объективона ва ҳаматарафа баҳодод кардани ҳодисаи ҷиноят муҳим аст, ки ҳангоми ошкоро баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ муайян карда шудааст. Масалан, таъин намудани экспертиза бо мақсади муайян кардани робитаи сабаби байни кирдор ва оқибат.

Тибқи сархати сеюми м. 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст.

Муқаррароти ба ин монандро инчунин қ. 1, м. 9 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ пешбинӣ намудааст, ки мувофиқи он ҳар як инсон ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ҳақ дорад. Ҳеҷ кас наметавонад худсарона ба ҳабс гирифта шавад ё дар ҳабс нигоҳ дошта шавад. Ҳеҷ кас набояд аз озодӣ, ғайр аз асосҳо ва мутобиқи расмиёте, ки тавассути қонун муқаррар карда шудаанд, маҳрум карда шавад. Дар асоси қ. 1, м. 10 Паймони мазкур бошад ҳамаи ашхосе, ки аз

озодӣ маҳрум карда шудаанд, ба муомилаи инсондӯстона ва эҳтироми шарафе, ки хоси шахсияти инсонӣ мебошад, ҳақ доранд.

Муқаррароти зикршудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ имконият медиҳанд, ки дар бораи махсусияти дигари экспертизаи судӣ ва криминалистие, ки ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ таъин ва гузаронида мешавад, истода гузарем.

Гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳуқуқ доранд, ки бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ дархост пешниҳод кунанд. Барои гузаронидани экспертизаи судии дахлдор эҳтимол аст, ки зарурияти гирифтани намунаҳои биологӣ ва намунаҳои дигари ба ин монанд ба миён ояд, ки ҳадафи онро одатан таҳлили муқоисавии моеъҳои биологии шахсони барҳаёт ташкил медиҳад. Масалан, ҳангоми баррасии судии парвандаи ҷиноятии алоқаманд ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ.

Суд бо мақсади гузаронидани чунин экспертиза, бо назардошти зарурияти иштироки судя ва иштирокчиёни дигари мурофиаи судии ҷиноятӣ қарор қабул мекунад, ки дар чунин маврид хусусияти намунаҳои гирифташаванда, эҳтироми дахлнопазирии ҷисмонӣ ва равонии шахсият ба таври ҳатмӣ ба назар гирифта мешавад.

Ҷанбаи муҳим ва калидии раванди мазкур дар он зоҳир мегардад, ки аз хусуси гирифта шудани намунаҳои биологӣ ва намунаҳои дигари ба ин монанд ба таври ҳатмӣ протокол тартиб дода мешавад, ки протоколи мазкурро эксперти даъватшуда тасдиқ мекунад. Протоколи мазкур дар минбаъда ба таъиноте ҳамроҳ карда мешавад, ки аз тарафи суд барои гирифтани намунаҳои биологӣ ва намунаҳои дигари ба ин монанд қабул гардида буд.

Дар раванди гирифтани намунаҳои биологӣ ва намунаҳои дигари ба ин монанд иштирок кардани суд ва иштирокчиёни дигари мурофиаи

судии ҷиноятӣ онро кафолатнок менамояд, ки дахлнопазирии ҷисмонӣ ва равонии шахс, ки дар содир гардидани ҷиноят гумонбар ё айбдор дониста шудааст, бечунучаро риоя гардида, нигоҳдории дахлдори намунаҳои биологӣ ва намунаҳои дигари ба ин монанд таъмин карда шавад.

Тартиби мазкур, бахусус тартиби нигоҳдории дахлдори далелҳои шайъӣ, аз ҷумла намунаҳои биологӣ ва намунаҳои дигари ба ин монанд дар мавриде бағоят муҳим аст, ки на ҳамаи мақомоти тафтишоти пешакӣ шароити ба талаботи пешниҳодшаванда ҷавобгӯи нигоҳдории далелҳои шайъиро доранд.

Мақомоти тафтишоти пешакии алоҳида, масалан, мақомоти прокуратура раванди мазкурро бо санади ҳуқуқии алоҳида мавриди танзим қарор дода, шароити то андоза мутобиқро барои нигоҳдории далелҳои шайъӣ ба вуҷуд оварда бошанд, мақомоти тафтишоти пешакии дигар, масалан, мақомоти корҳои дохилӣ санади ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби нигоҳдории далелҳои шайъиро таҳия ва ба тавсиб нарасонидаанд, ки ин бори дигар ба бартарият ва муҳимияти экспертизаи судӣ ва криминалистие ишора мекунад, ки дар марҳилаи мурофиаи судӣ таъин ва гузаронида мешавад.

Дар шароити на дар ҳамаи мақомоти тафтишоти пешакӣ таҳия ва ба тавсиб расидани санади ҳуқуқии танзимкунандаи тартиби дахлдори нигоҳдории далели шайъӣ, наметавонем андешаи Н.С. Неретинаро сарфи назар намоем.

Н.С. Неретина дуруст қайд мекунад, ки мақомоти тафтишоти пешакӣ ҳангоми пешбурди истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ асосан ба ҷанбаҳои расмии хулосаи эксперт аҳамият зоҳир намуда, ба таври афзалиятнок ба он таваҷҷуҳ менамоянд, ки оё коршинос ба ҳамаи саволҳои гузошташуда ҷавоб додааст?

Албатта, чунин муносибати мақомоти тафтишоти пешакӣ нисбат ба хулосаи эксперт қобили қабул набуда, зарурияти ҳаматарафа ва пурра омӯхта шудани онро ба миён меорад. Аз ин хотир, Н.С. Неретина

пешниҳод менамояд, ки мақомоти тафтишоти пешакӣ ҳангоми арзёбӣ кардани хулосаи эксперт на танҳо ҷанбаи расмӣ, инчунин мазмуни онро низ ба назар гиранд [88, с. 71-75].

Дар асоси такя ба нуктаи назари Н.С. Неретина қайд кардан мумкин аст, ки дар марҳилаи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ, мақомоти тафтишоти пешакӣ на ҳама вақт ба қисми асосноккунии хулосаи эксперт таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд. Онҳо ба таври афзалиятнок қисми муқаддимавӣ ва қисми хулосавии экспертро таҳлил намуда, қарори мурофиавии худро ба он вобаста мекунанд.

Боиси истисно нест, ки эксперт дар ҳолатҳои алоҳида хулосаи худро на ҳама вақт ба қадри кофӣ асоснок намуда, аз рӯи саволҳои гузошташуда тадқиқоти комилро анҷом медиҳад. Бинобар ин, эҳтимолият ҷой дорад, ки қисми асосноккунии хулосаи эксперт мухолифатҳоро ба вуҷуд оварда, ҳолати корро ба таври пурра равшан наменамояд.

Яке аз қисмҳои асосии мурофиаи судӣ тафтиши судӣ ба ҳисоб рафта, дар он далелҳое, ки дар ҷараёни тафтиши пешакӣ ҷамъ оварда шудаанд ва далелҳое, ки дар ҳамин давра аз ҷониби иштирокчиёни мурофиаи судӣ пешниҳод карда шудаанд, санҷида мешаванд. Тафтиши судӣ аз баёни моҳияти айбдоркунии пешниҳоднамудаи мақомоти пешбурди тафтиши пешакӣ аз ҷониби айбдоркунандаи давлатӣ оғоз карда мешавад. Раванди тафтиши судӣ он амалҳои тафтишиеро дар бар мегирад, ки гузаронидани он дар рафти мурофиа таҳлил гардида ва танҳо бо иҷозати суд, судя ба амал броварда мешавад.

Ҷараёни тафтиши судӣ махсусан ҳолатҳои санҷиш ва баҳодиҳии хулосаҳо дар ҷараёни тафтиши судӣ метавонад таъин ва гузаронидани экспертизаро ба миён орад. Зеро ки дар доираи марҳилаи мурофиаи судӣ, ки принсипи рақобат дар шакли равшантарин зоҳир мешавад, аҳамияти афзоянда пайдо мекунад, ки бевосита ба тартиби таъин ва гузаронидани экспертиза дар суд инъикос меебад.

Тафтиши судии парвандаи ҷиноятӣ, ки дар марҳилаи мурофиаи судӣ дар асоси ошкорбаёнӣ, мубоҳисавӣ будани мурофиаи ҷиноятӣ ва мустақим будани он гузаронида мешавад, чунин ҳолатҳоро муайян намуда, зарурияти такроран дақиқ кардани онро ба миён меорад, ки дар манзари кафолатнокии ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрванд бағоят муҳим аст. Чунин тартиб имконият медиҳад, ки дараҷаи гунаҳкории шахс дар содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва робитаи сабабии кирдор ва оқибат дақиқ муайян карда шуда, нисбати шахси гунаҳкор ҷазои мутобиқ таъин карда шавад.

Албатта, он чиз истисно карда намешавад, ки мақомоти тафтишоти пешакӣ зимни пешбурди истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ на ҳама вақт таъин ва гузаронидани намудҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ ва криминалистиро бинобар сабаби «камаҳамиятиашон» зарур мешуморанд. Масалан, ҳангоми пешбурди истеҳсолот вобаста ба ҷинояте, ки дар м. $179^3$ КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст.

Эзоҳи моддаи мазкур мафҳуми сафедкунии оммавии фаъолияти террористиро кушода дода, муайян менамояд, ки зери мафҳуми сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ тарғибу ташвиқи оммавӣ дар бораи эътироф намудани дурустии мафкура ва таҷрибаи терроризм, таклифи тақлид ва дастгирии он фаҳмида мешавад.

Мафҳуми мазкури сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ аз мақомоти тафтишоти пешакӣ талаб мекунад, ки дар доираи истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар таркиби кирдори шахс гипотеза ва диспозитсияи ҷиноятро ҳангоми гузоштани «лайк» дақиқ муайян намоянд.

Ҳолати воқеии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва истифода аз шабакаҳои интернетӣ собит менамояд, ки шахсони воқеӣ на ҳама вақт ғарази сафедкунии оммавии фаъолияти террористиро пайгирӣ мекунанд. Гузоштани «лайк» ва амалҳои дигари монанд ба ин дар ҳолатҳои алоҳида хислати тасодуфӣ дошта, бо иштибоҳҳои муайян алоқамандӣ дорад. Мақомоти тафтишоти пешакӣ ҳангоми пешбурди истеҳсолот оид

ба чунин парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба ҳолатҳои мазкур на ҳама вақт гузаронидани экспертизаи судии дахлдорро зарур мешуморанд. Барои ин, гуфтан мумкин аст, дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, асоси ҳуқуқӣ низ ҷой дорад. Яъне м. 209 КМҶ ҶТ дар чунин маврид гузаронидани экспертизаро ҳатмӣ намешуморад. Аз ин ҷо, мақомоти тафтишоти пешакӣ метавонанд дар доираи истеҳсолоти парвандаи ҷиноятии зикршуда гузаронидани экспертизаро бинобар сабаби ҳатмӣ набуданаш зарур нашуморанд, ки амали дуруст аст.

Қобили қабул гардидааст, ки зимни гузаронидани таҳқиқоти илмӣ таваҷҷуҳи бештари муҳаққиқон маҳз ба гурӯҳбандӣ намудани па–дидаҳои ҳуқуқии алоҳида зоҳир карда мешавад, ки дар ин самт экспертизаи судии давлатӣ низ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ истисно нест. Вобаста ба ин, диссертант ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, муаммоҳои алоқаманд ба гурӯҳбандӣ кардани экспертизаи судии давлатиро нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода, дар навбати аввал хислати илмиву тадқиқотӣ доштани онро асоснок кардааст. Асоснок карда шудааст, ки гурӯҳбандӣ кардани экспертизаи судии давлатӣ онро пайгирӣ менамояд, ки вай аз худ кардани хусусиятҳои хоси экспертизаи судии давлатиро дар манзари муаммоҳои дар ин самт пайдо шуда осон гардонида, таҳлили ҷузъии онро сабук мегардонад. Ин бахусус дар мавриде муҳимият пайдо мекунад, ки солҳои охир, бинобар сабаби мураккаб гардидани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ташаккул ёфтани равандҳои гуногуни иҷтимоӣ, дар назди экспертизаи судии давлатӣ вазифаҳое гузошта мешавад, ки иҷрои он муаммои назариявӣ ва амалӣ дорад. Масалан, м. 307[1] КҶ ҶТ гарчанде, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм муқаррар мекунад, лекин, диспозитсияи моддаи мазкур нишонаҳои мушаххаси ҷинояти мазкурро пешбинӣ намекунад.

Дар ҳолати мавҷуд набудани нишонаҳои расмии ҷинояти дар м. 307(1) КҶ ҶТ пешбинӣ гардида, муфаттишон аз экспертизаи судии

давлатӣ талаб мекунанд, ки дар навбати аввал нишонаҳои хусусиятҳои калидии ҷинояти мазкурро равшан намуда, ба он баҳои дахлдори ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам илмиро мутобиқ ба принсипҳои қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди қонуният, адолат, объективӣ будан диҳанд. Ҳол он ки принсипи қонунияти КҶ талаб мекунад, ки ҷиноят будани кирдор ва сазовори ҷазо будани онро маҳз Кодекси ҷиноятӣ муайян мекунад. Бинобар ҳамин ба таври пӯшида бо хулосаи эксперт муайян намудани аломатҳои таркиби баъзе аз ҷиноятҳоро мо мухолифи принсипи қонуният медонем. Ва дар ҳамин асосу андеша хулосаи экспертҳоро оид ба мавҷудияти нишонаҳои таркиби чунин ҷиноятҳо кори иловагӣ ҳисоб намуда, таклиф менамоем, ки қонунгузор бояд то ҳадди аксар кӯшиш намояд, то ки нишонаҳои таркиби ҷиноят дар КҶ пешбинӣ карда шавад, аз як тараф, аз ҷониби дигар, вогузор намудани ҳалли масъалаҳои ҳуқуқиро ба зиммаи экспертҳо чун зарбаи ҷиддӣ ба мустақилияту салоҳияти мурофиавии муфаттишу судҳо ҳисоб менамоем.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои боло, қайд кардан мумкин аст, ки дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ вобаста ба мазмун ва моҳияти худ марҳилаи мустақили мурофиаи ҷиноятӣ буда, нисбат ба он бояд дар доираи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мақоми ҳуқуқии дахлдор дода шавад. Зеро истеҳсолот оид ба парвандаи ҷиноятӣ бинобар сабаби аз тарафи танҳо муфаттиши мақомоти тафтишоти пешакӣ гузаронида шуданаш, наметавонад тамоми паҳлӯҳои алоқаманд ба ҳолати корро дар бар гирад. Илова ба ин, ошкоро ва мубоҳисавӣ будани мурофиаи ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки нисбат ба ҳолати кор ба таври гуногунҷанбагӣ муносибат карда шуда, ҳолатҳои барои гузаронидани экспертиза аҳамиятдошта дақиқ муайян карда шавад.

Омӯзиш ва таҳлили қонунҳои давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои мустақил нишон дод, ки масъалаи гузаронидани экспертизаи судӣ бо маводҳо то оғози парвандаҳои ҷиноятӣ бо тарзҳои гуногун ҳал карда шуда, дар давлатҳое, ки қонунҳои онҳо мавриди омӯзиш қарор дода

шуда, оиди натиҷаи муоина додани санади тадқиқотӣ (шаҳодатгардонӣ) тиббию судӣ пешбинӣ нагардидааст. Масалан, дар моддаи 30-юми Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи фаъолияти экспертизаи судӣ» аз 10–уми феврали соли 2017 омадааст, ки асосҳои гузаронидани экспертизаи судӣ дар кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, мурофиаи маданӣ, Кодекси расмиёти мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи нотариус» пешбинӣ гардидааст. Омӯзиш ва таҳлили қонунҳои зикргардида нишон дод, ки дар ҳама ҳолатҳо аз ҷониби дигар мақомотҳо ва шахсони мансабдор қарор дар бораи таъин кардани экспертизаи судӣ қабул карда мешавад ва аз натиҷаи экспертизаи судӣ хулоса дода мешавад.

Дар моддаи 31 Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи фаъолияти экспертизаи судӣ» аз 19–уми ноябри соли 2019 омадааст, ки асоси гузаронидани экспертизаи судӣ ин қарор (таъинот) дар бораи таъини экспертизаи судӣ мебошад. Қисми 2–юми моддаи 226-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус аз 16 июли соли 1999 №295–3 то оғози парвандаи ҷиноятӣ мутобиқи моддаи 173 кодекси мазкур таъини экспертизаи тиббии судиро барои муайян намудани сабаби марг ва дараҷаи вазнинии расонидани зарар ба саломатӣ ва таъини дигар экспертизаҳоро, ки хулосаҳои онҳо аҳамияти ҷиддӣ барои ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ дошта бошанд, иҷозат медиҳад.

Дар м.17 Қонуни Ҷумҳурии Узбекистон «Дар бораи экспертизаи судӣ» аз 1–уми июни соли 2010 ба сифати асосҳои гузаронидани экспертизаи судӣ қарори шахси мансабдор мақомоте, ки санҷиши то оғози тафтишотро амалӣ мекунад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ё судя ва таъиноти суд баромад мекунад. Аз рӯзи баровардани қарор ё таъиноти дахлдор экспертиза таъиншуда ҳисоб карда мешавад.

Мутобиқи банди 2–и моддаи 180–и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон аз 22-юми сентябри соли 1994 дар ҳолатҳои зарурӣ

экспертиза мумкин аст то оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин карда шавад. Қисми 1–и моддаи мазкур пешбинӣ намудааст, ки шахси мансабдори мақомоти санҷиши то оғози парвандаи ҷиноятӣ, санҷишро амаликунанда, таҳқиқбаранда, муфаттиш қарор мебарорад, суд бошад таъинот дар бораи таъин кардани экспертиза мебарорад, ки дар он асосҳои таъин кардани экспертиза нишон дода мешавад.

Тибқи меъёри қисми 1-уми моддаи 19-и Қонуни Федералии Федератсияи Россия «Дар бораи фаъолияти экспертизаи судии давлатӣ дар Федератсияи Россия» аз 31 майи соли 2001 асосҳои гузаронидани экспертизаи судии давлатӣ ин таъиноти суд, қарори судя, шахси таҳқиқбаранда ва муфаттиш мебошад. Экспертизаи судӣ аз рӯзи баровардани таъинот ва қарори дахлдор таъин карда ҳисоб мешавад.

Моддаи 144 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия аз 18-уми декабри соли 2001, ки тартиби баррасии хабарҳоро дар бораи ҷиноят ба танзим даровардааст, дар қисми якуми он пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми гузаронидани санҷиш аз рӯи хабарҳо оид ба содиршавии ҷиноят таҳқиқбаранда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишотӣ ҳуқуқ доранд, ки баробари дигар амалҳои санҷишӣ бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс экспертизаи судӣ таъин намоянд ва дар гузаронидани он иштирок намуда, хулосаи экспертро дар мӯҳлати муносиб гиранд.

Моддаи 195-и Кодекси мазкур тартиби таъини экспертизаи судиро ба танзим даровардааст. Қисми 4-уми ҳамин модда пешбинӣ намудааст, ки экспертизаи судӣ мумкин аст то оғози парвандаи ҷиноятӣ таъин карда ва гузаронида шавад.

Ҳамин тариқ омӯзиши қонунгузориҳои давлатҳои дар боло зикргардида оид ба таъин кардани экспертизаи судии давлатӣ нишон медиҳад, ки Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Узбекистон ҳуҷҷати таъин кардани экспертизаро ҳамчун санади мурофиавӣ-ҷиноятӣ эътироф намуда, ҳангоми санҷиши хабарҳо оиди

содиршавии ҷиноят қабули ингуна санадҳои мурофиавиро, яъне таъинот ва қарорҳоро оиди таъини экспертизаҳо то оғози парвандаи ҷиноятӣ мутобиқи меъёрҳои қонунгузории мурофиавияшон иҷозат медиҳанд. Чунин тарзи ҳалли масъала мушкилотро оиди асоснок қабул кардани қарор дар бораи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё рад намудан аз оғози парвандаҳои ҷиноятӣ бо маводҳои санҷишӣ аз байн мебарад, мо низ бояд чунин тартибро қабул намоем, ки аллакай дар амалия ҷорӣ гаштааст.

Муаммои дигари ҳалталаб, ки мавриди мулоҳизаи хонанда қарор медиҳем ин дар асоси дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гузаронидани экспертиза мебошад.

Дар моддаи 4 (Мафҳуми фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ) ва моддаи 21 (Асосҳои гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқукро мисли таъинот ва қарор мақомоти давлатӣ ҳамчун асоси таъин кардани экспертизаи давлатии судӣ эътироф карда шуд ва аз рӯзи ворид гардидани дархости дахлдор экспертизаи давлатии судӣ таъин карда мешавад. Яъне дар ин муқарраротҳо дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ асос барои гузаронидани экспертиза шуда метавонад, ва дар муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ бо дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ экспертиза гузаонида мешавад. Дар мафҳуми фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ, ки дар моддаи 4–и қонуни боло зикр оварда шудааст, экспертизаи давлатии судӣ бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиати қонунии шахс дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ, иқтисодӣ ё маъмурӣ тавассути донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ё ҳунар муқаррар кардани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, гузаронида мешавад.

Вақте ки дар бораи дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, маданӣ, иқтисодӣ ё маъмурӣ сухан дар бораи таъин кардани экспертизаи давлатии судӣ меравад, тартиби таъин кардани экспертизаи давлатии судӣ дар кодексҳои мурофиавии ин соҳаҳо ба таври мушаххас пешбинӣ карда

шудааст. Мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар рафти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ дархости тарафҳоро оиди таъини экспертиза шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш дар мурофиаи судӣ судя ё суд баррасӣ намуда масъалаи таъин намудани экспертизаро ҳал менамояд, зеро ҳуқуқи таъин намудани экспертиза тибқи КМҶ ба онҳо тааллуқ дорад. Дар рафти мурофиаи маданӣ ва иқтисодӣ бошад, дархости тарафҳоро оиди таъини экспертизаи судӣ, суд, судя баррасӣ намуда дар ҳолати зарур ҳисоб намудан, суд бо таъинот ва судя бо қарор экспертизаи судӣ таъин мекунанд.

Ҳангоми баррасии парвандаҳои маъмурӣ бошад, шахсони мансабдори баррасикунандаи парвандаҳои маъмурӣ судя дархостҳоро оиди таъини экспертизаи судӣ баррасӣ менамоянд. Қарор дар бораи таъин кардани экспертизаи судиро шахси мансабдори баррасикунандаи парвандаи маъмурӣ ва ё судя қабул мекунад. Дар ин ҷо омили муҳим он аст, ки «сари вақт, бо тартиби муқарраркардаи қонун ва асоснок таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ ва криминалистӣ – шарти муҳими қабул гардидани санади қонунӣ, асоснок ва адолатноки судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ба шумор меравад» [8].

Ҳамин тариқ қонунгузорӣ тартиби ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тавассути мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд ба роҳ монда, қабули қарори ниҳоиро оид ба таъини экспертизаи судӣ бо дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба онҳо вогузор намудааст.

Омӯзиш ва таҳлили қонунгузории Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Узбекистон оиди масъалаи мазкур нишон дод, ки қонунгузории кишварҳои зикргардида низ салоҳияти қабули қарори ниҳоиро оиди таъини экспертизаи судии давлатӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба шахси таҳқиқбаранда, муфаттиш, суд ва судя, оиди парвандаҳои маданӣ ва иқтисодӣ ба суд ва судя ва оид ба парвандаҳои маъмурӣ ба шахси мансабдори баррасикунандаи парванда ва судя вогузор намудааст.

Шахсони иштирокчии мурофиа дархостҳои худро оид ба таъини экспертизаи судӣ ба мақомотҳо ва шахсони мансабдори давлатӣ пешниҳод мекунанд, онҳо оиди таъин кардан ё накардани экспертизаи суди қарор қабул мекунанд. Ҳолатҳои дарҷ гардида аз он шаҳодат медиҳанд, ки бояд дар сатҳи қонунгузорӣ масъалаи Тартиби таъини экспертизаи давлатии судиро берун аз парвандаҳои ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ ва иқтисодӣ ҳалли фасл намуд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло чунин меҳисобем, ки зарурати ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон »Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25 июни соли 2005 тағйиротҳои ворид кардан ба миён омадааст.

Зарурати таъини экспертизаи судӣ дар марҳилаи мурофиаи судӣ аз ҳолати мурофиавӣ вобастагӣ дошта, қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри баамалбарории адолати судӣ доир ба парвандаҳои ҷиноятӣ асосҳои таъин ва гузаронидани экспертизаро дар мурофиаи ҷиноятӣ бо марҳилаҳои алоҳида ҷудо намудааст. Экспертизаи судӣ дар марҳилаи муҳокимаи судии ҷиноятӣ, нисбат ба экспертизаи дар марҳилаи таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ бо хусусиятҳои нозукбинонаи худ фарқ намуда, вобаста ба таъмин шудани иҷроиши мақсадҳои мурофиавии ҷиноятӣ таъин ва гузаронида мешавад.

## БОБИ 3. ХУЛОСАИ КОРШИНОС ҲАМЧУН ДАЛЕЛ

Таҳқиқот, тафтишоти пешакӣ ва таҳқиқоти судӣ ба далел асос ёфта, заминаи мустаҳками исботнамоии гунаҳкории шахс дар содир кардани кирдори бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ гардида ба шумор меравад.

Мафҳуми расмии далел дар қ. 1, м. 72 КМҶ ҶТ дода шудааст, ки тибқи он далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор меравand, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи Кодекс мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд [4].

Қ. 2 моддаи мазкур номгӯйи маълумоти воқеиеро номбар менамояд, ки тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ ба сифати далел эътироф мегарданд. Аз ҷумла, нишондодҳои шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, хулоса ва нишондодҳои коршинос, мутахассис, далели шайъӣ, протоколҳои амалҳои тафтишӣ ва судӣ, сабтҳои пинҳонӣ, гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида, мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ [4].

Белкин Р.С. қайд намудааст, ки: «...далел будани хулосаи эксперт аз ҳақиқӣ будани он, боварии ботинӣ, саҳеҳӣ ва муфассалии тамоми амалҳо, баҳо ва хулосагузории эксперт дар ҷараён ва аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти экспертӣ вобастагӣ дорад» [16, с. 214].

Коршиноси судӣ экспертизаро дар асоси илмӣ ва амалӣ дар ҳудуди ихтисоси дахлдор, мукаммал ва пурра бо истифодаи комёбиҳои муосири илм ва техника мегузаронад.

Пеш аз муайян кардани мавқеи хулосаи коршинос дар низоми далел дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, мехостем сараввал оид ба мафҳуми далел баъзе нуктаи назарро баён намоем.

«Далелҳо воситаи исботкунии парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавӣ мебошанд. Ташаккулёбии

далел чун маълумот оид ба воқеаи рӯйдода асоснок карда мешавад» [32, с. 295]. Дар ин манзар, андешаи М. Духовской ҷолиби диққат ба назар мерасад. Ӯ таҳти мафҳуми далел фаҳмида шудани ҳамаи он чизеро пешниҳод мекунад, ки барои исботи ҷавобгарии ҷиноятӣ ё ин ки дараҷаи гунаҳкории айбдоршаванда кӯмак менамояд [20, с. 205]. Он чиз ба назар мерасад, ки М. Духовской бо ин мафҳуми нисбатан васеи далелро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ пешниҳод менамояд, ки дар тафовут аз муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ қарор дорад. Яъне қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба сифати далел танҳо ҳамон маълумоти воқеиеро эътироф мекунад, ки дар асоси он мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, муфаттиш, прокурор, суд мавҷудияти ҳодисаи ҷиноятро муайян карда, гунаҳкории шахсро дар содир кардани он исбот менамоянд.

Дар ин ҷо сарфи назар карда шудани нуктаи назари М. Шаҳидуллозода, Н. Хоҷаева ғайриимкон ба назар мерасад. Онҳо такяи асосиро ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва назарияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ дода, гуфтан мумкин аст тамоми фактҳои аз тарафи қонунгузорӣ ба далел алоқаманд кардашударо ба ду гурӯҳи калони мустақил ҷудо мекунанд. Аз нигоҳи онҳо ба гурӯҳи якуми ҳолатҳо ҳамон ҳолатҳое дохил мешаванд, ки дар маҷмӯъ предмети исботкуниро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Гурӯҳи дуюми ҳолатҳо ин ҳолатҳое мебошанд, ки ба предмети исботкунӣ дохил намешаванд.

М. Шаҳидуллозода, Н. Хоҷаева дар асоси тақсимбандии мазкур бо такя ба м. 73 КМҶ ФР ва м. 85 КМҶ ҶТ ҳолатҳоеро муайян мекунанд, ки ин ҳолатҳо дар мавриди ҳалли дилхоҳ парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти ҳуқуқӣ доранд. Инҳо ҳолатҳое мебошанд, ки ҳодисаи ҷиноят (вақт, тарз ва дигар ҳолатҳо), гунаҳкории айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят ва ангезаи ҷиноят, ҳолатҳое, ки шахсияти ҷинояткорро тавсиф медиҳанд, характер ва ҳаҷми зарари аз ҷиноят расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷавобгариро сабук ё вазнин мекунанд, ҳолатҳое, ки барои содир кардани

ҷиноят мусоидат мекунанд ва дигар ҳолатҳоро тавсиф медиҳанд [103, с. 91–103].

Дуруст аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мурофиаи судии ҷиноятӣ нисбат ба мафҳуми далел нуктаи назар ва андешаи ягона ҷой надошта, он ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Чунончи:

а) фактҳое, ки маълумотро оид ба кирдори ҷинояткоронаи дар гузашта содиршуда дар бар гиранд;

б) маълумотҳое, ки дар асоси онҳо ҷой доштан ё надоштани кирдори барои ҷамъият хавфнок, шахси гунаҳкори содиркардаи ин ҷиноят ва дигар ҳолатҳои барои ҳалли дурусти парванда заруриро муайян мекунанд;

в) маълумотҳое, ки танҳо дар асоси нишондоди шоҳид, нишондоди ҷабрдида, нишондоди гумонбаршуда, нишондоди айбдоршаванда, хулосаи эксперт, далелҳои шайъӣ, протоколҳои амалиёти тафтишотӣ ва судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо ба даст оварда мешаванд;

г) маълумотҳое, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун ба даст оварда шудаанд. Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тарзҳои ҷамъ кардани далелҳоро нишон медиҳад. Ҳамчунин, меъёрҳои дахлдор ва тартиби гузарондани амалиёти тафтишотиро муқаррар мекунд;

д) маълумотҳое, ки аз рӯйи эътиқоди ботинӣ санҷида ва баҳо дода шудаанд. Ба сифати далел дилхоҳ маълумотҳое баромад карда метавонанд, ки барои муайян кардани ҳақиқат хизмат мекунанд ва бо роҳи қонунӣ ба даст оварда шудаанд [103, с. 91-102].

Албатта, ба сифати мафҳуми ягона ва умумиқабулшудаи далел муайян кардани яке аз ин маълумоти овардашуда ғайриимкон аст. Ҳар яке аз ин мафҳумҳои овардашудаи далел дар ин ё он сатҳ қобили қабул буда, метавонанд мафҳуми аслии далелро дар алоқамандӣ ба ҷинояти содиршуда ва ҳолатҳои дар доираи парвандаи ҷиноятӣ исботшаванда, кушода диҳанд.

Дар байни маълумоти воқеие, ки қонунгузории мурофиавӣ ба сифати далел эътироф менамояд, хулосаи коршинос мавқеъ ва аҳамияти махсус дорад. Мутобиқи таҷрибаи судӣ ва тафтишоти пешакӣ, хулосаи коршинос аз ҷониби муфаттиш, айбдоркунандаи давлатӣ ва суд бидуни баҳс қабул карда мешавад. Бо назардошти ин Т. Иванова, В. Карпинский дуруст қайд менамоянд, ки «аз рӯи парвандаҳои ҷиноятии алоҳида хулосаи коршинос метавонад далели ягонаи асоснокkунандаи механизми содиршавии ҷиноят аз нуктаи назари илм, қонунҳои физика, математика, механика ва м.и. бошад, ки мумкин аст хилофи нишондоди айбдоршаванда буда, бо нишондоди шоҳидони алоҳида мустаҳкам нагардад». [110, с. 92].

Зери мафҳуми баҳо додан ба хулосаи коршинос аз тарафи мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ ва суд раванди муқаррар кардани эътимоднокӣ, аҳамиятнокӣ ва қобили қабул будани хулосаи коршинос фаҳмида мешавад, ки тавассути он шакл ва роҳҳои асосии истифода бурдани хулосаи коршинос дар раванди исботнамоӣ ва муқаррар кардани ҷой доштани ҳодисаи ҷиноят муайян карда мешавад.

Суд, прокурор, муфаттиш ва шахсони дигари мансабдори мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, ки экспертизаи судӣ бо қарори асосноки онҳо гузаронида шудааст, хулосаи коршиноси судиро бо ба роҳбарӣ гирифтани муқарраროти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эътиқоди ботинии худ мавриди баҳодиҳӣ қарор медиҳанд. Шахсони мансабдори мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, ки экспертизаи судӣ бо қарори асосноки онҳо гузаронида шудааст, вазифадоранд, ки ҳангоми баҳодод кардани хулосаи коршинос, таваҷҷуҳи асосиро ба таҳлили пурра ва объективонаи ҳар як ҳолати кор, ки барои пешбурди тафтишоти пешакии парвандаи ҷиноятӣ ва баррасӣ кардани он аҳамият доранд, зоҳир намоянд.

Мо онро истисно карда наметавонем, ки хулосаи коршинос гарчанде, ки тибқи талаботи қ. 2, м. 72 КМҶ ҶТ ба сифати далел

эътироф карда шудааст, лекин тибқи муқаррароти маҷмӯии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ вай наметавонад далели эътимоднок бошад ва бо тартиби умумӣ мавриди баҳодиҳӣ қарор дода мешавад. Аммо, ин маънои онро надорад, ки хулосаи коршинос, ки бо истифода аз донишҳои махсус дар соҳаи илм, техника, санъат ва касбу ҳунар ба даст оварда шудааст, тариқи саҳлангорӣ баҳодод карда шавад. Хусусияти мазкури хулосаи коршинос талаб менамояд, ки ҳангоми баҳо додан ба он аз тарафи суд, прокурор, муфаттиш ва шахси дигари мансабдор, ба он муносибат ва таваҷҷӯҳи махсус зоҳир карда шавад. Вобаста ба ин, раванди баҳо додан ба хулосаи эксперт, якчанд марҳилаҳои пайдарҳамиро дар бар мегирад:

1. Санҷиши риояи талаботи қонун ҳангоми таъин ва истеҳсоли экспертиза. Дар ин марҳила саволҳои зерин мавҷуданд:

а) оё коршиноси судӣ дар ҳалли вазифаҳои дар наздаш гузошташуда салоҳиятнок аст ва ӯ аз доираи салоҳияти худ берун нашудааст?

Ҳангоми аз тарафи коршинос гузаронидани экспертиза, интихоби ӯ аз тарафи муфаттиш ва ё суд ба амал бароварда мешавад, ки онҳо дар як вақт масъалаи салоҳиятнокии ӯро барои гузаронидани экспертизаи таъиншаванда муайян менамоянд.

Дуруст аст, ки дар ҳолатҳои алоҳида салоҳиятнокии коршинос дар гузаронидани намудҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ дар ботини суд ва ё муфаттиш ягон хел шубҳаро ба вуҷуд намеорад. Аммо ҳангоми аз тарафи шахсони мансабдори болозикр шинос шудан бо хулосаи коршинос, ба миён омадани чунин шубҳа истисно карда намешавад.

Агар шахсе, ки гузаронидани экспертиза ба зиммаи он вогузор карда шудааст, коршиноси хусусӣ бошад, дар ин ҳолат муайян карда шудани салоҳиятнокии он метавонад мушкилиҳои муайянро ба вуҷуд орад. Дар мавриде, ки агар ин коршинос барандаи тахассуси «Эксперти судӣ» ё «Коршиноси судӣ» бошад, ё ин ки соҳиби шаҳодатномаи тахассусӣ оид ба гузаронидани намудҳои алоҳидаи экспертиза бошад, он вақт муайян кардани салоҳиятнокии чунин коршинос бамаротиб осон

хоҳад гашт. Ҳангоме, ки агар экспертиза дар муассисаҳои экспертизаи судӣ гузаронида шавад, дар ин маврид интихоби коршинос аз тарафи роҳбари муассиса анҷом дода мешавад.

б) оё экспертиза аз тарафи коршиносе гузаронида шудааст, ки вай бояд тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд рад карда шавад?

в) ҳангоми таъин ва гузаронидани экспертиза ҳуқуқҳои мурофиавии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ риоя карда шудааст ё не?

г) оё ҳангоми гирифтани намунаҳо барои гузаронидани экспертиза, тартиби мурофиавии гирифтани чунин намунаҳо барои тадқиқоти муқоисавӣ поймол карда нашудааст?

ғ) оё шакли мурофиавии хулосаи коршинос риоя карда шудааст ва тамоми талаботи барои хулосаи коршинос пешниҳодшаванда бараъло маълум аст?

Ҳолатҳои зикршударо дар мисоли мушаххас дида мебароем. Дар доираи ҷинояти куштор, зимни аз назар гузаронидани ҷойи ҳодиса якчанд патрон дарёфт карда шуд, ки дар яке аз онҳо пайи даст бо имконияти айният кунонидани он ба назар расид. Бинобар ин, дар назди коршинос савол гузошта шуд: пайи дасте, ки дар патрон гузошта шудааст, ба шаҳрванд А. тааллуқ дорад ё не? Барои айният кунонидани пайи даст ба коршинос картаи дактилоскопӣ пешниҳод карда шуд.

Муфаттиш зимни шинос шудан бо хулосаи коршинос муайян намуд, ки дар хулоса объекти барои тадқиқ пешниҳод шуда пурра тасвир нагардидааст. Ҳамчунин дар хулоса қисми тадқиқотӣ ҷой надорад. Аз ин ҷо, муфаттиш бо баҳо додан ба хулосаи коршинос ба хулоса омад, ки он пурра ва асоснок набуда, бархилофи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ таҳия карда шуда аст.

Ҳолати ба ин монандро дар парвандаи ҷиноятии №22445 мушоҳида кардан мумкин аст, ки аз тарафи Прокуратураи ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе нисбат ба сержанти қисми ҳарбии №6593 М.З.З. бо аломатҳои қ. 1, м. 104 КҶ ҶТ оғоз карда шуда буд.

Муфаттиши калони Прокуратураи ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе тибқи м. 214 КМҶ ҶТ дар бораи гузаронидани экспертизаи комплексӣ - экспертизаи баллистикӣ ва экспертизаи дактилоскопӣ қарор қабул намуда, гузаронидани онро ба зиммаи коршиносони МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор намуд.

Аз тарафи коршиносони МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун натиҷаи тадқиқоти гузаронидашуда хулоса аз 28 июни соли 2019 пешниҳод гардид.

Муфаттиши калони Прокуратураи ҳарбии гарнизони шаҳри Душанбе бо шинос шудан ба хулосаи коршинос муайян намуд, ки хулосаи мазкур пурра набуда, тадқиқот дар қисми экспертизаи дактилоскопӣ ба қадри кофӣ гузаронида нашудааст. Бинобар ин, зарур донист, ки бо тартиби м. 220 КМҶ ҶТ дар қисми экспертизаи дактилоскопӣ тадқиқоти иловагӣ гузаронида шавад.

Аз тарафи коршиноси МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаи иловагӣ таҳти №04–/2038/19 пешниҳод гардид, ки он фарогири тамоми ҳолатҳои кор буда, ба саволҳои гузошташуда ҷавобҳои пурра ва дақиқро пешниҳод мекард. Аломатҳои муайянкардаи коршиноси мазкур минбаъд дар фикри айбдоркунӣ ҳамчун далели исботкунанда дарҷ карда шуданд [139].

2. Санҷиши ҳақиқӣ ва кофӣ будани далелҳои шайъӣ ва намунаҳои тадқиқшуда. Дар ин доира ҳақиқӣ будани далелҳои шайъӣ ва намунаҳо, мувофиқ будани онҳо барои гузаронидани тадқиқот ва кофӣ будани онҳо ҷиҳати додани хулоса муайян карда мешавад.

Муносиб ва кофӣ будани намунаҳо, ки дар заминаи онҳо бояд тадқиқот гузаронида шавад, аз нигоҳи усулҳои тадқиқотии истифодашаванда муайян карда мешавад. Масалан, вобаста ба баҳси муқаррар кардани воқеияти падарӣ, барои гузаронидани экспертизаи генетикӣ ба сифати намунаи тадқиқшаванда хуни моеъи кӯдак, хуни модар ва падар гирифта мешавад. Баъдан намунаи гирифташуда ба лифофае, ки бо имзо ва мӯҳри шахсони масъул маҳкам карда шудааст,

ҷойгир карда шуда, бо навиштаҷоти дахлдор барои гузаронидани экспертизаи генетикӣ фиристода мешавад. Тартиби мазкури гирифтани намунаҳо ҳаққонияти онҳоро зери шубҳа қарор дода наметавонад. Аз нигоҳи усулҳои гузаронидани тадқиқот бошад вай комилан барои гузаронидани экспертизаи генетикӣ кофӣ дониста мешавад.

3. Баҳодод кардани илман асоснокии усулҳои тадқиқотӣ ва қонунӣ будани татбиқи онҳо зимни гузаронидани экспертиза.

Дар ин қисм баҳо додан ба хулосаи коршинос аз тарафи суд, прокурор, муфаттиш ва шахси мансабдори дигаре, ки пешбурди тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ба зиммаи ӯ гузошта шудааст, мушкил ба назар мерасад. Зеро ин шахсон мутахассиси соҳа набуда, дар ин самт дониши кофӣ надоранд. Онҳо оиди усули дар ин шароит тавсияшуда ва натиҷаҳои эҳтимолии татбиқи он аз адабиёти сершумор маълумот мегиранд. Ин адабиёт пайваста нав карда мешавад. Инкишоф ва такмили таъминоти илмию методии амалияи экспертӣ боиси он мегардад, ки усулҳои нав аксар вақт ба усулҳои қаблан истифодашуда мухолифат менамоянд. Дастурҳо оид ба гузаронидани экспертиза, ки аз тарафи идораҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд, аксар вақт бо ҳам ҳамоҳанг карда нашудаанд. Санҷиш ва ҷорӣ намудани усулҳо ҳанӯз дар сатҳи байнисоҳаҳо ба қадрӣ кофӣ гузаронда намешавад. Ҳолатҳо зикргардида арзёбии асоснокии илмӣ ва қонунияти татбиқи методологияи экспертизаро хеле душвор мегардонанд.

Вазъият бо мурури вақт ва ҳамоҳанг гардонидани шумораи зиёди усулҳои зимни гузаронидани экспертизаи судӣ истифодашаванда ба таври мусбӣ тағйир меёбад, дастурҳо оид ба истифода бурдани усулҳои гуногуни тадқиқотӣ рӯйи кор меоянд.

Мавриди қайд аст, ки одатан ҳангоми ошкор кардани норасоиҳо ва асоснок набудани хулосаи коршинос, гузаронидани экспертизаи такрорӣ таъин карда мешавад. Лекин, ин роҳи ҳалли масъала нест, зеро зимни гузаронидани экспертизаи такрорӣ эҳтимолият ҷой дорад, ки мушкилиҳои ҷойдошта боз такрор ёбанд. Дар ин ҷо кӯмаки дигар

коршиносоне, ки ба сифати мутахассис пурсиш карда мешаванд, хеле пурқиммат буда метавонанд – онҳо ба муфаттиш ва суд хусусиятҳо ва асоснокии илмии усули муайянро мефаҳмонанд.

Ҳангоми баҳодиҳии экспертизаи комплексӣ ва тадқиқоти гузаронидашуда, натиҷаи татбиқи як методологияи экспертӣ ҳамчун нуктаи ибтидоӣ барои тадқиқоти минбаъда хизмат мекунад. Тафсири дурусти онҳо самти кори минбаъдаи иҷрои супориши экспертӣ ва хулосаҳои ниҳоии экспертро муайян мекунад. Ду сенария имконпазир аст. Агар тамоми раванди омӯзиши ҳамаҷониба аз ҷониби як коршинос анҷом дода шавад, он гоҳ дурустии истифодаи натиҷаҳо дар тадқиқоти минбаъда баҳо дода мешавад. Агар тадқиқоти минбаъдаро мутахассиси дигар гузаронида бошад, пас аввал тафсири ӯ аз натиҷаҳои тадқиқоти пештара ва баъд дурустии истифодаи он дар тадқиқоти дигар баҳо дода мешавад. Инро дар мисоли мушаххас дида мебароем.

Дар доираи экспертизаи комплексӣ, ки вобаста ба парвандаи сӯхтор таъин карда шуда буд, ноқилҳои мисии обшуда мавриди тадқиқ қарор дода шуданд. Коршинос бо гузаронидани тадқиқот муайян кард, ки сабаби гудохта шудани ноқил расиши кӯтоҳ мебошад, ки эҳтимолан то сар задани сӯхтор ҷой дошт. Вобаста ба ин, коршинос дар хулосаи худ сабаби сар задани сӯхторро расиши кӯтоҳ нишон медиҳад.

Суд ҳангоми баҳодод кардани хулосаи коршинос ба хулосае меояд, ки тадқиқот бо истифодаи нодурусти методикаи гузаронидани тадқиқот анҷом дода шудааст, ки барои нодуруст додани хулоса оварда расонидааст. Қарори суд бо он асоснок карда шуд, ки коршинос ҳангоми муайян кардани сабаби сар задани сӯхтор, дар доираи хулоса робитаи сабабии расиши кӯтоҳ ва омилҳои сар задани сӯхторро муайян накардааст. Коршиносро зарур буд, ки бо гузаронидани тадқиқот эҳтимолияти аз қатраи ноқили гудохташуда оташ гирифтани предметҳои дар атрофи ноқили гудохташуда ҷой доштаро муайян намояд.

Ҳолати ба ин монандро дар амалияи Суди ноҳияи Ёвон оид ба паравандаи ҷиноятии №19229 мушоҳида кардан мумкин аст, ки тибқи қ. 2, банди «а», м. 255 КҶ ҶТ оғоз карда шуда буд.

Зимни гузаронидани экспертизаи сӯхторнишонӣ муайян карда шуд, ки оташ гирифтани автомашинаи тамғаи «TOYOTA Prado» хислати барқасдона дошта, бо истифода аз маҳсулоти нафтӣ – бензин оташ зада шудааст. Ҳамчунин бо экспертизаи гузаронидашуда муайян карда шуд, ки маҳсулоти нафтӣ – бензин, ки барои оташ задани автомашина истифода шудааст аз лиҳози таркиби химиявӣ бо зарфи олудае, ки дуртар аз ҷойи ҳодиса дарёфт карда шуда буд, мутобиқат менамояд.

Муфаттиш дар асоси таҳлили хулосаи коршинос, муайян кардани робитаи сабабии он бо далели шайъии аз ҷойи ҳодиса дарёфтгардида – зарфи олуда ба хулосае омад, ки ҷинояти мазкур хислати қасдона дошта, бо мақсади расонидани зарари ҷиддӣ бо роҳи оташ задан, таркиш ё дигар усули хавфи умумидошта содир карда шудааст. Бинобар ин, ӯ зарур донист, ки барои муайян кардани андозаи зарари расонидашуда экспертизаи иловагиро дар намуди экспертизаи судии молшиносӣ таъин намояд.

Дар асоси хулосаи №126 коршинос муайян карда шуд, ки зарари моддии ба манфиати бо қонун ҳимояшавандаи ҷабрдида С.А. аз ҷинояти содиршуда расонидашуда 13 903 (сенздаҳ ҳазору нуҳсаду се) сомониро ташкил медиҳад [142].

4. Дар ин марҳила пуррагӣ ва ҳамаҷониба будани хулосаи коршинос баҳо дода мешавад. Дар ин марҳила муайян карда мешавад, ки:

а) зимни гузаронидани экспертиза ҳамаи маводҳои пешниҳодшуда тадқиқ гардидаанд ва онҳо барои гузаронидани чунин экспертиза кофӣ мебошанд ва имконияти пайдо кардани ҷавоб ба саволҳои гузошташуда ҷой дорад?

б) дар раванди гузаронидани экспертиза ҳамаи усулҳое, ки аз тарафи илми муосир ва таҷрибаи экспертизаи судӣ тавсия дода мешавад, истифода бурда шудааст?

в) коршинос ба ҳамаи саволҳои гузошташуда ҷавобҳои асоснок дода бошад ё аз ҷавоб додан ба ҳар кадоми онҳо асоснок рад карда бошад?

г) дар хулосаи коршинос рафти кор ва натиҷаҳои тадқиқот пурра ва ҳамаҷониба баён карда шудааст, ба хулоса маводҳои дахлдор замима карда шудааст?

Нопурра будани тадқиқоти гузаронидашуда барои таъин кардани экспертизаи такрорӣ ва гузаронидани пурсиши эксперт асос шуда метавонад.

5. Арзёбии асоснокии мантиқии раванди экспертиза ва натиҷаҳои тадқиқи экспертӣ бо роҳи таҳлили пайдарпайии марҳилаҳои тадқиқоти экспертӣ, шарти мантиқии ин пайдарпайӣ, асоснокии мантиқии хулосаҳои экспертӣ аз рӯи натиҷаҳои мобайнӣ сурат мегирад.

Дар адабиёти илмӣ иштибоҳҳои расмии мантиқӣ оварда мешаванд, ки одатан дар хулосаи коршиносон мушоҳида карда мешавад:

а) хулоса натиҷаи мантиқии тадқиқоте, ки аз тарафи коршинос гузаронида шудааст, нест;

б) вобаста ба ҳамон як мавзуъ хулосаҳои гуногун ва ба ҳам зид дода шудааст;

в) хулоса ботинан мухолиф мебошад;

г) хулосаи коршиносон ба таври кофӣ асоснок карда нашудааст.

Ҳангоми баҳодод кардани хулосаи коршинос, эҳтимолият ҷой дорад, ки хатогиҳои дигари мантиқӣ пайдо карда шаванд.

Хулосаи коршинос ба сифати далел дар мурофиаи ҷиноятӣ аз дигар сарчашмаҳои далел фарқияти куллӣ дорад. Вазифаи асосии гузаронидани экспертизаи судиро дар мурофиаи ҷиноятӣ ба даст овардани маълумоти нав ё дониши нав ташкил медиҳад. Чунин маълумот ё дониш метавонад дар натиҷаи гузаронидани тадқиқ аз ҷониби коршинос ҳосил гардад. Аз ин ҷо, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» вазифаи экспертизаи судиро муайян кардани ҳолатҳое муқаррар кардааст, ки онҳо бо қарори суд, мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, инчунин дархости шахсони

воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба воситаи ташкил ва гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ бояд исбот карда шаванд.

Нуктаи муҳим ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ дар он аст, ки коршинос қаблан хислати айбдоркунанда ё сафедкунанда доштани маълумоти нав (донишҳои нав)-ро, ки вобаста ба тадқиқоти гузаронидашуда ҳосил мегарданд, намедонад. Коршинос маълумоти нав (дониши нав)-и дар доираи тадқиқоти гузаронидашуда ҳосилгардидаро дар шакли хулоса мустаҳкам менамояд, ки онҳо аз лаҳзаи дар чунин шакл мустаҳкам шуданашон мақоми сарчашмаи далелро соҳиб мегарданд.

Дуруст аст, ки «мушкилоти истифода шудани донишҳои махсус дар раванди тафтишот ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ба худ мудом диққати олимон ва намояндагони таҷрибадорро ҷалб менамояд» [127]. Ин мушкилот пайдо карда шудани ҷавобро ба ҳолатҳои зерин талаб менамоянд: лаҳзаи мақоми далелро соҳиб гардидани хулосаи коршинос, ҳама вақт воқеӣ (дуруст) будан ё набудани коршинос, табиати донишҳои махсуси истифодашаванда ва таносуби онҳо бо донишҳои ҳуқуқӣ ва м.и.

Ҳолатҳои номбаршуда ҳадди ниҳоӣ нестанд. Гузашти вақт, пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ба давраҳои нави ташаккул баромадани раванди мурофиаи ҷиноятӣ, шаклу усул ва тарзи нави содиршавиро касб кардани кирдорҳои бо Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ гардида метавонанд дар назди экспертизаи судӣ мушкилоти гуногунеро, ки ба худ пайдо кардани ҷавобро талаб менамоянд, ба миён гузоранд. Инҳо афзудани тадқиқоти илмӣ, мавриди омӯзиш қарор додани ҷанбаҳои алоҳидаи экспертизаи судӣ, таҳлили донишҳои нави дар натиҷаи тадқиқот ба даст овардашаванда, коркард гардидани консепсияи нави экспертизаи судиро зарур мешуморанд. Чунин равандро метавонад ҷой надоштани таълимоти ягонаи эътирофгардида боз ҳам мушкил созад. Аз ин хотир В. Латипов дар асоси таҳлили ҷанбаи мурофиавӣ–ҷиноятии экспертизаи судӣ дар шароити ислоҳоти қонунгузории мурофиавӣ, эҳтиёҷоти онро ба таҳлили пурра ва ҷузъии

комил қайд менамояд [84, с. 121]. Ба андешаи ӯ мазмуни фаъолияти судӣ–экспертӣ инчунин ташкили тадқиқотро дар соҳаи экспертизаи судӣ, таъминоти илмӣ–методӣ ва ташкилии экспертизаи судӣ, интихоби кадрҳо, таълимоти касбии онҳо, таҳсилот, тасдиқи салоҳиятнокӣ, такмили ихтисосро дар бар мегирад [84, с. 121]. Ин омилҳо ҳангоми муайян кардани бебаҳсии хулосаи коршинос ба сифати далел аҳамияти калидӣ доранд. Зеро сатҳ ва сифати хулоса аз салоҳиятнокии коршинос ва донишҳои касбии он алоқамандии зич дорад. Бинобар ин, А. Петрухина дуруст қайд менамояд, ки «таҷрибаи судӣ ҳолатҳои зиёди раъд гардидани хулосаи коршиносро ба сифати далел аз рӯи парвандаҳои оғозгардида бо он асос дар хотир дорад, ки коршинос ҳангоми асосноксозии хулоса аз ҳадди донишҳои худ берун баромада, функсияи ба коршинос хос набудаи мақомоти судӣ ва тафтишоти пешакиро оиди баҳодод намудани далелҳои дар парванда мавҷудбуда аз худ кардааст» [92, с. 23-24].

Моддаи 72 КМҶ маълумоти ба сифати далел баромадкунандаро муайян карда, нисбати яке бартариятро муқаррар намекунад. Онҳо қурб ва манзалати якхела дошта, дар доираи парвандаи ҷиноятии оғозшуда ба таври умумӣ баҳодод карда мешаванд. Дар ҳолатҳои алоҳида афзалият ва аҳамиятнокии хулосаи коршиносро қайд кардан зарур аст. Чунончӣ, ҳангоми пешбурди тафтишоти пешакӣ вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ. Мавҷудияти сарчашмаҳои гуногуни далел дар намуди нишондодҳо, аз ҷумла нишондоди шоҳидон наметавонанд гунаҳкории шахсро дар содир кардани ҷинояти мазкур бевосита тасдиқ намоянд. Онҳо ба сифати далели ғайримустақим баромад карда, зарурияти тафтишоти пешакиро ба далели мустақим муайян мекунанд. Таъин гардидани экспертизаи судӣ ва гузаронида шудани он аз рӯи намунаҳо дар гунаҳкории шахс нуктаи ниҳоиро мегузорад. Чунин ҳолатро инчунин дар тафтишоти пешакии қалбакисозии ҳуҷҷатҳо мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар ҳолатҳои алоҳида ба сифати сарчашмаи далел пайдо кардани бартариятро аз ҷониби хулосаи коршинос ба таври зерин таҳлил кардан мумкин аст:

а) дода шудани хулоса аз ҷониби шахсоне, ки дорои дониши махсуси касбӣ, собиқаи кории кофӣ дар соҳаи муайяни илм ва техника, санъат ва дигар соҳа мебошанд;

б) хулоса бо мавҷудияти дониши махсус дар коршинос, ки тарафҳо барандаи чунин дониш нестанд, асоснок карда мешавад.

Онро бояд ба инобат гирифт, ки «омили муҳими танзими ҳуқуқии … падидаи экспертизаи судӣ он ба шумор меравад, ки дар раванди ҷалби донишҳои махсуси экспертӣ … ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсоне, ки дар раванди исботнамоии мурофиавӣ мақоми иштирокчиёни мурофиаро, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои худро ҳифз менамоянд … ва мақоми шахсони дигарро соҳиб мегарданд, дахл мегарданд» [136]. Бинобар ин, экспертизаи судӣ бояд дар ҳудуд ва шакле гузаронида шавад, ки онро қонунгузорӣ муқаррар кардааст.

Қонунгузорӣ талаб менамояд, ки экспертизаи судӣ ҳангоми гузаронида шудан бояд ба принсипҳои қонуният, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мустақилияти коршиноси (эксперти) судӣ, мустақилии муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ, салоҳиятнокӣ, беғаразӣ, мукаммалӣ ва пуррагии экспертиза, асоснокии илмии воситаҳо ва тарзу усулҳои гузаронидани тадқиқот, риояи одоби касбӣ асос ёбад. Мутобиқ ба ин, дар мавриди маҳдуд гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди гузаронидани экспертизаи судӣ, шахсони манфиатдор ҳуқуқ доранд фаъолияти муассисаи экспертӣ ё коршиноси судиро дар мақомоти дахлдор мавриди шикоят қарор диҳанд.

Зикр бояд намуд, ки коршинос тибқи талаботи қонунгузорӣ уҳдадор аст ҳангоми таҳияи хулоса, дар он ба таври ҳатмӣ усулеро, ки дар асоси он тадқиқотро гузаронидааст, нишон диҳад. Таҳлили таҷрибаи тафтишоти пешакӣ ва судӣ ишора менамоянд, ки ин талабот аз ҷониби

коршиносон аксаран сарфи назар мегардад. Ҳолати мазкурро инчунин Л. Зорин қайд менамояд. Аз нуктаи назари ӯ чунин норасоиро коршиносон бахусус ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ–тиббӣ дар мавриди муайян кардани дараҷаи вазнинии зарари ба саломатӣ расонидашуда роҳ медиҳанд.

Аз рӯи таҳлилҳои Л. Зорин, коршиносон ҳангоми гузаронидани экспртизаи судӣ–тиббӣ ба сифати объекти тадқиқот маводҳои алоқаманд ба шаҳодаткунониро қабул карда, бидуни омӯзиши дахлдор ва нишон додани объекти тадқиқот, ба қисмати хулоса мегузаранд. Мутобиқ ба ин онҳо талаботи қонунгузориро сарфи назар карда, усули дар мавриди тадқиқот истифодашударо ишора намекунанд [76, с. 21-25].

Дуруст интихоб гардидани усули дар раванди тадқиқот истифодашаванда дар экспертизаи судӣ аҳамияти калидӣ дошта, сифати хулосаи коршиносро кафолатнок менамояд. Ба ҳам мувофиқ наомадани тадқиқот ва усули истифодашаванда, наметавонад механизми пайдоиши объекти тадқиқот, аломатҳо ва махсусиятҳои он, дараҷаи хавфнокӣ ва дигар ҳолатҳои алоқаманд ба объекти тадқиқотро дуруст муайян намояд. Ин дар нуктаи охирон метавонад ба ҳуқуқи инсон дахл намояд. Зеро «дар истеҳсолоти судӣ–ҷиноятӣ тақдири шахс ҳал гардида, маҳз дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дар асоси қонун маҳдуд карда шудани ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд имкон дорад» [120]. Масалан, аз тарафи суд ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд Х. бо аломати қ. 2, банди «д», м. 138 КҶ ҶТ.

Суди марҳилаи якум ҳангоми моҳиятан баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ муайян намуд, ки мақомоти тафтишоти пешакӣ айби нисбат ба шаҳрванд Х. эълонгардидаро ба нишондоди ҷабрдидаиноболиғ С. асос намуда, робитаи онро бо далелҳои боэътимоди раднашаванда собит накардаанд. Ҳамчунин зимни мурофиаи судӣ ба ҳам мухолифат кардани нишондоди ҷабрдида муайян карда шуд, ки ин айбдории шаҳрванд Х.–

ро дар содир намудани ҷинояти дар қ. 2, банди «д», м. 138 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидаро зери шубҳа қарор медод.

Тибқи хулосаи ташхисҳои судӣ–тиббӣ ва судӣ–биологӣ дар бадани айбдоршаванда Х. ягон ҷароҳати ҷисмонӣ муайян карда нашудааст. Дар либоси ҷабрдида С. ва дигар ашёҳои аз ҷойи ҳодиса гирифташуда бошад ягон далели биологӣ дарёфт нагардидааст. Инчунин дар рафти тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ба кӣ – ба ҷабрдида, ба айбдоршаванда ва ё ба шахси дигар тааллуқ доштани хуни аз рӯйпӯши ҷойи хоб ёфт гардида муайян карда нашудааст. Дар қисми тадқиқотии хулосаи коршинос усули зимни тадқиқот истифодашуда нишон дода нашудааст.

Аз нишондоди ҷабрдида С. бармеояд, ки айбдоршаванда Х. даст ва пойҳои ӯро бо латта баста ба номуси ӯ таҷовуз кардааст. Вале мувофиқи санади муоинаи тиббӣ ҷароҳатҳои бадани ҷабрдида С. аз таъсири ҷисми сахту кунд пайдо шудааст. Аз хусуси гирифтани ин ҷароҳатҳо аз таъсири банд ё латта муқаррароте ҷой надорад [143].

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои боло, сатҳ ва сифати хулосаи коршинос ба сифати далел аз як қатор омилҳо вобастагии зич дорад, ки дуруст муайян карда шудани ин омилҳо имкон медиҳанд нақши экспертиза на танҳо дар мурофиаи судӣ–ҷиноятӣ, инчунин дар ҳифзи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд дар доираи мурофиаи судии ҷиноятӣ муайян карда шаванд. Аз ҷумла:

а) дода шудани хулоса аз ҷониби шахсоне, ки дар соҳаи муайян, аз ҷумла илм, санъат, техника, дониши махсус, собиқаи корӣ ва касбии кофӣ доранд. Бо ин мақсад, ба муассисаҳои экспертӣ ҷалб гардидани шахсоне, ки дар соҳаи дахлдор собиқаи кории касбии дахлдор дошта, соҳаро ба хубӣ медонанд.

б) дуруст муайян карда шудани усули тадқиқот ҳангоми гузаронидани экспертизаи судӣ. Бевосита дар хулосаи коршинос истифода шудани усули тадқиқи гузаронидашуда масъулияти коршиносро ҳангоми гузаронидани тадқиқи объекти экспертиза боло бардошта, дар ҳамон як ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии инсон ва

шаҳрвандро дар доираи мурофиаи судӣ–ҷиноятӣ кафолатнок менамояд. Дуруст интихоб нагардидани усули тадқиқот метавонад барои ҳамчун далел аҳамияти худро гум кардани хулосаи коршинос оварда расонад. Аз ин хотир, коршинос ухдадор аст, ки ҳангоми интихоби усули гузаронидани тадқиқот нисбати он диққати ҷиддӣ зоҳир карда, дар ҳамон як вақт болоравии сатҳ ва сифати хулосаи коршиносро таъмин намояд.

в) риояи мухлат ҳангоми таъини экспертизаи судӣ. Дар мавриди гузаронидани экспертизаи судӣ мухлат мушкилоти асосӣ ва рақами як ба шумор рафта, дар нуктаи охирон сифатнокии хулосаи коршиносро муайян менамояд. Вобаста ба ин субъектони таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, инчунин таҳқиқоти судиро зарур аст, ки ҳангоми ба миён омадани зарурат дар таъин кардани экспертизаи судӣ, ба кашолкорӣ роҳ надода, сари вақт таъин гардидани онро таъмин намояд. Дар ҳолати акс мумкин аст, ки ҳолатҳои барои экспертизаи судӣ аҳамият дошта аз байн рафта, муҳимияти онро коста гардонад. Дар ин маврид муайян карда шудани ҳолатҳои барои кор аҳамиятдошта ғайриимкон мегарданд.

Амалияи судӣ нишон медиҳад, ки дар доираи таҳқиқ ва тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ на ҳама вақт ба ҳолати мазкур эътибори ҷиддӣ дода мешавад. Парвандаи ҷиноятӣ бошад бо тасдиқи бармаҳали фикри айбдоркунӣ ба суд ирсол карда мешавад. Масалан, парвандаи ҷиноятии №13346 бо аломатҳои қ. 2, банди «б», м. 340 КҶ ҶТ нисбати айбдоршаванда Н.Б.

Муфаттиш бо мақсади муайян кардани ҳолати кор бо тартиби м. 214 КМҶ ҶТ экспертизаи комплексӣ таъин намуда, гузаронидани онро ба зиммаи коршиносони МҶЭСК Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор менамояд.

Экспертизаи техникии ҳуҷҷатҳо бо истифода аз таҷҳизоти махсус муқаррар кардааст, ки навиштаҷоти дастнависи ададии «08.12.2020» дар сатри «Рӯзи ба кор баромадан» дар қисми поёнии варақаи корношоямӣ силсилаи В №1422698 аз 02.11.2020 сол нисбат ба дигар навиштаҷоти дар

ҳамин варақа ичрошуда аз рӯйи сифати ранг гуногун буда, дар навиштаҷоти мазкур ҳолатҳои дубоpанависӣ ва тағйирот дар рақамҳо ба назар намерасанд. Ҳамзамон экспертизаи техникии ҳуҷҷатҳо фарқияти рангҳоро дар зери таҷҳизоти муосир аксбардорӣ намуда, дар қисми тадқиқотӣ нишон додааст.

Экспертизаи хатшиносӣ тариқи усулҳо бо намунаҳои муқоисавӣ, намунаҳои озод ва намунаҳои шартан озоди ҳусни хат муқаррар намудааст, ки навиштаҷоти дастнависи ададии «08.12.2020» дар сатри «Рӯзи ба кор баромадан» дар қисми поёнии варақаи корношоямӣ силсилаи В №1422698 аз ҷониби Н.Б. ба иҷро расонида шуда, боқимонда навишаҷот дар варақаи беморӣ аз ҷониби табиб А.Ҳ. ба иҷро расонида шудааст.

Хулосаи экспертизаҳои техникии ҳуҷҷатҳо ва хатшиносӣ баъди гирифта шудани онҳо бо тартиби қ. 1, м. 219 КМҶ ҶТ ба айбдоршаванда эълон карда мешаванд. Айбдоршаванда Н.Б. баъди шинос шудан бо хулосаи экспертизаҳои техникии ҳуҷҷатҳо ва хатшиносӣ нисбати онҳо норозигӣ баён намуда, гузаронида шудани экспертизаи такрориро дархост менамояд.

Муфаттиш бо тартиби м. 220 КМҶ ҶТ дар бораи гузаронидани экспертизаҳои такрории техникии ҳуҷҷатҳо ва хатшиносӣ қарор қабул намуда, гузаронидани онро ба дигар коршиносони МҶЭС ва К Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор менамояд.

Экспертизаи техникии такрории ҳуҷҷатҳо хулосаи экспертизаи техникии қаблии ҳуҷҷатҳоро пурра тасдиқ менамояд. Вале экспертизаи такрории хатшиносӣ хулосаи экспертизаи хатшиносии қаблиро қисман тасдиқ менамояд.

Коршинос ҳангоми гузаронидаи экспертизаи хатшиносии такрорӣ хулоса дод, ки муқаррар намудани навиштаҷоти дастнависи ададии «08.12.2020» дар сатри «Рӯзи ба кор баромадан» ғайриимкон буда, боқимонда навиштаҷот дар варақаи корношоямии силсилаи В №1422698 аз ҷониби табиб А.Ҳ. ба иҷро расонида шудааст [144].

Тибқи талаботи м. 214 КМҶ ҶТ мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ вазифадоранд, ки ҳангоми ба миён омадани мухолифат дар хулосаи коршиносон, бояд гузаронидани экспертизаи комиссиониро таъин намоянд. Лекин, муфаттиш дар доираи тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятии №13346 нисбати Н.Б. бо аломатҳои қ. 2, банди «б», м. 340 КҶ ҶТ талаботи м. 214 КМҶ ҶТ–ро сарфи назар намуда, бо тасдиқ намудани фикри айбдоркунӣ, онро барои моҳиятан баррасӣ кардан ба суди зинаи якум ирсол менамояд.

Суди зинаи якум ҳангоми баррасии парвандаи ҷиноятӣ, коршиносонро бинобар сабаби мухолифат дар хулосаҳои додашуда барои пурсиш даъват менамояд. Зимни пурсиши коршиносон муайян карда шуд, ки экспертизаи якуми хатшиносӣ ҳангоми тадқиқи маводҳои барои экспертиза пешниҳодгардида усули дурусти тадқиқотиро интихоб намуда, хулосаи дақиқ ва асоснок пешниҳод намудааст. Хулосаи экспертизаи хатшиносии такрорӣ бошад бинобар сабаби интихоб гардидани усули нодуруст ҳангоми тадқиқи маводҳои барои экспертиза пешниҳодшуда беасос дониста шуда, аз тарафи суд ҳамчун далел сарфи назар карда шуд.

Ҳамин тариқ, қ. 2, м. 72 КМҶ ҶТ низоми далелҳоро оид ба парвандаи ҷиноятӣ муқаррар карда, баробари нишондоди шоҳид, ҷабрдида, гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда ба сифати далел баромад кардани хулоса ва нишондоди коршиносро пешбинӣ намудааст. Қ. 1, м. 88 КМҶ ҶТ бошад муқаррар мекунад, ки таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя қонун ва дарки ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта, далелҳоро бо ақидаи ботинии худ, ки ба баррасии ҳаматарафа, пурра ва холисонаи ҳама ҳолатҳои парванда асос ёфтааст, аз нигоҳи мансубият доштан, қобили қабул будан, саҳеҳ будан ва кифоя будани маҷмӯи ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда барои ҳалли парвандаи ҷиноятӣ баҳо медиҳад. Тибқи муқаррароти қ. 6 моддаи мазкур бошад ягон далел барои таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя қувваи пешакӣ муқарраршударо доро нест. Яъне мувофиқи меъёрҳои моддаҳои

